МДТ «ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ХУҶАНД БА
НОМИ АКАДЕМИК БОБОҶОН ҒАФУРОВ»

ТДУ-37.0 (575.3)
ТКБ-74.20
**К-33**

*Ба ҳукми дастнавис*

**КАРИМӢ ШАҲНОЗ АЪЗАМҶОН**

# МУНОСИБАТИ АНГЕЗАНДАГӢ БА ТАКМИЛИ ИХТИСОСИ ОМӮЗГОРОНИ СИНФҲОИ ИБТИДОӢ ДАР НИЗОМИ МУОСИРИ МАОРИФИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**ДИССЕРТАТСИЯ**

барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои
педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08- Назария ва методикаи
таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 - Назария ва методикаи
фанҳои гуманитарӣ)

**Роҳбари илмӣ:**
доктори илмҳои педагогӣ, профессор, академики
Академияи таҳсилоти
Тоҷикистон Каримова И.Х.

**ХУҶАНД–2023**

## МУНДАРИҶА

**Муқаддима........................................................................................** 3

**БОБИ 1. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ САЛОҲИЯТИ КАСБӢ ДАР МУНОСИБАТИ АНГЕЗАНДАГӢ ҲАМЧУН ТАЛАБОТИ АСОСИИ ТАКМИЛИ ИХТИСОСИ ОМӮЗГОРОНИ СИНФҲОИ ИБТИДОӢ.................................** 19

1.1. Таҳлилу таснифоти ангезонидан ва омилҳои асосии салоҳиятҳои касбии омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ....................... 19

1.2. Мавқеи салоҳиятҳои касбӣ дар муносибати ангезандагӣ ҳамчун шарти асосии такмили ихтисоси омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ........................................................................................ 42

1.3. Таъмини методологии салоҳияти касбии омӯзгори синфҳои ибтидоӣ дар такмили ихтисос ҳамчун омили пешбарандаи сифати таълим................................................................................... 67

Хулосаи боби якум....................................................................... 79

**Боби II. ТЕХНОЛОГИЯИ МУКАММАЛГАРДОНИИ МАЗМУН ВА СИФАТИ ЧОРАБИНИҲО ОИД БА ТАКМИЛИ ИХТИСОСИ ОМӮЗГОРОНИ СИНФҲОИ ИБТИДОӢ ВА ШАКЛГИРИИ МУНОСИБАТИ АНГЕЗАНДАГӢ..........................................................................** 82

2.1. Самтҳои самаранокии такмили ихтисоси омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ.......................................................................... 82

2.2. Амсилаи муносибати ангезандагии такмили ихтисоси омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ дар шароити ҷаҳонишавии низоми маориф......................................................................... 110

2.3. Самаранокии амсила ва таъсири такмили ихтисоси омӯзгорон дар маърифатнокии омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ.... 132

Хулосаи боби дуввум................................................................. 143

Хулоса......................................................................................... 146

Рӯйхати адабиёт........................................................................ 152

Замимаҳо ..................................................................................... 170

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзӯи таҳқиқот.** Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони соҳибистиқлолӣ дар ҳамаи соҳаҳо ба дастовардҳои бузург ноил гардидааст. Пеш аз ҳама, бо дастгирӣ ва ҳидоятҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои муаззами миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соҳаи маориф ҳамқадами замона гардида, роҳ ба сӯи рушду пешравӣ гирифтааст.

Мушоҳидаҳо, таҳлили таҷрибаи сатҳи муосири таълим нишон медиҳад, ки проблемаи бо кадрҳои соҳибтахассус таъмин намудани ҳар як самти хоҷагии халқи кишвар, яке аз масъалаҳои асосӣ ба ҳисоб рафта, бартарафсозии проблемаҳои он ба сатҳи омодагии касбии мутахассисони баландихтисос ва рақобатпазирии бозори меҳнат вобаста аст. Ин маънӣ дар яке аз санадҳои муҳими давлатӣ – "Барномаи давлатии ислоҳот ва рушди соҳаи таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2020" ба таври зер инъикос ёфтааст: «Таъмин намудани соҳаҳои гуногуни кишвар бо мутахассисони ҷавобгӯи талаботи бозори меҳнат бар дӯши зинаи таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ буда, маҳз ҳамин зинаҳои таҳсилот дар рушди ҳаёти иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва маданию фарҳангии мамлакат саҳми босазо мегузоранд».

Вобаста ба ислоҳоти соҳаи маориф, мазмуну муҳтаво ва воситаҳои таълиму тарбия дар мактабҳо солҳои охир таклифу пешниҳодҳо ва амсилаву коркардҳои таҷрибавӣ хеле вусъат ёфта, то ҷое заминаҳои мукаммалгардонӣ фароҳам омадаанд. Дар яке аз санади муҳими давлатӣ, ки ба самти маориф нигаронида шуда «Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030» унвон дорад, чунин таъкид шудааст: «Зарур аст, ки навъҳои мухталифи барномаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ таҳия гардида, онҳо ҳар чӣ бештар ба ташаккули салоҳияти касбӣ равона карда шаванд».

Зарурият ва заминагузорӣ ба такмили ихтисоси омӯзгорон дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи маориф" таъкиди махсусе оварда шуда ва

дар ин самт оид ба маънои такмили ихтисос чунин омадааст: «Такмили ихтисос ин низоми афзун намудани маҳорату малакаи касбии омӯзгорон, кормандони илмӣ ва дигар кормандони зинаи таҳсилоти миёнаи касбӣ мебошад». Ҳамчунин Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2012, таҳти №334 "Барномаи давлатии рушди системаи такмили ихтисос ва бозомӯзии касбии кормандони соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2022" бо дарназардошти талаботи қисмҳои марбутаи "Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030" тасдиқ карда шуда, мавриди татбиқ қарор дорад.

Муҳаққиқи тоҷик Каримова И.Х. таъкид мекунанд, ки сатҳи дараҷаи омодагии омӯзгори синфҳои ибтидоӣ ба пуррагӣ аз худтакмилдиҳӣ ва такмили ихтисоси ӯ вобаста аст. Касби омӯзгорӣ аз омӯзгор такмили ҳамешагии донишҳо, маҳорату малакаи амалии ӯро талаб мекунад.

Таҳқиқоти педагогӣ ва мушоҳидаҳо ошкор карданд, ки аксари омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ ба такмили донишҳои худ диққати кофӣ намедиҳанд, имконияти фаъолияти худро нодуруст ва нокифоя арзёбӣ мекунанд. Дар чунин вазъият тартиби баланд бардоштани сатҳи тахассус муҳим аст, ки омили асосӣ ва анъанавии такмили омодагии касбии омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ ба шумор меравад. Бо мақсади афзудани самаранокии он таҷдиди методи такмили ихтисоси кормандони соҳаи маорифро бо назардошти истифодаи имконияти мувофиқати дидгоҳҳои салоҳиятнокӣ ва арзишӣ дар доираи дидгоҳи ягона зарур аст. Маҳз дидгоҳи ҳамгиро ба ин мафҳум мундариҷаи раванди баланд бардоштани сатҳи мавҷудаи рушди ахлоқию арзишии касбиро таъмин намуда, онро ба рушди сифатҳои касбӣ ва этикии педагог наздик мекунад.

Дар доираи чунин дидгоҳ ба методи ҳалли маҷмӯии муаммои рушди шавқу рағбати ахлоқии омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ ва ташкили он дар заминаи раванди мутақобили такмили ихтисос таваҷҷуҳи махсус зоҳир мегардад.

Омода намудани мутахассисон-педагогҳои сатҳи тахассусашон баланд яке аз ҳадафҳои асосии стратегияи рушди давлатӣ буда, ҳалли ин муамморо пеш аз ҳама, рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар таъмин менамояд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти баланд бардоштани сатҳи сифати таҳсилот дар доираи навсозии он тадбирҳои ҷидди муосир андешида мешаванд, яъне стандартикунонии мундариҷаи таҳсилот, ҷорӣ намудани шаклу воситаҳои нави самараноки таълим, санҷиши сифати донишҳо, махсусан эҷодӣ амалӣ мегардад, ки ба ҳалли муаммоҳо, инкишоф ва такмили тахассуси омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ равона гардидааст.

Дар баробари ин, дар назария ва амалияи педагогика ҳоло дидгоҳи мундариҷавӣ-технологӣ нисбат ба омӯзиши хусусиятҳои дидгоҳи ангезандагӣ ба такмили ихтисоси омӯзгорон коркард нашудааст. Ҳамчунин шартҳои педагогии дидгоҳи ангезандагӣ муайян нашудаанд, ки баланд бардоштани сатҳи тахассуси омӯзгорони синфҳои ибтидоиро таъмин менамоянд. Аммо бо вуҷуди ин, ҳалли муаммои роҳи педагогии ҳадафамандона бартараф кардани онҳо дарёфт гардид. Аз ин ҷо, маҳз талаботи амалӣ нисбат ба ангезиши такмили ихтисоси омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ дар шароити имрӯза интихоби мавзӯи таҳқиқотро асоснок намуданд: “Муносибати ангезандагӣ ба такмили ихтисоси омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ дар низоми муосири маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон”.

Ангеза - таъсироти дохилӣ ё берунае, ки ресепторҳоро (асабҳои ҳассос) таҳрик медиҳад. Ангеза ба якчанд навъҳое ҷудо карда шудааст, ки чунин тавсиф метавон кард: а) ангезаи биогенӣ, ки аҳамияти мустақими биологӣ дорад; б) ангезаи ғайрибиогенӣ (абиогенӣ), аҳамияти ғайримустақими биологӣ дорад; г) ангезаи номуайян, ки дорои аҳамияти ошкорнашудаи биологӣ аст. Ангезаи ғайрибиогенӣ аксар вақт дар шароити ҳассосияти организм ба ин ангеза ҳамчун сигналҳо зоҳир мегардад, зеро организм ба таҳрикҳои биогенӣ ва номуайян вокуниш нишон медиҳад. Таъсироти материалии гуногунтабиат - физикӣ, химиявӣ, физикию химиявӣ, ки бо

ҳуҷайраҳои махсуси асаби таҳлилкунандаҳои гуногун ё бевосита бо ҳуҷайраҳои узвҳо ва бофтаҳои муайян қабул мешаванд, ба сифати ангеза зоҳир мегарданд.

Дар психология муносибати ангезандагӣ ҳамчун раванди мураккаб ва муназзаму бисёрсатҳи фаъолияти инсон - рафтор ва фаъолнокӣ тавзеҳ меёбад. Ҳамчунин дидгоҳ нисбат ба ангезиш ҳамчун низоми бисёрсатҳ ва гуногун вуҷуд дорад, ки эҳтиёҷот, ангезаҳо, шавқу рағбат, кӯшишҳо, самтгирӣ, ҳиссиёт, меъёрҳо, арзишҳоро фаро мегирад.

Мафҳуми «ангеза»-ро аз як тараф, ҳамчун ҳадаф, аз тарафи дигар - ҳамчун эҳтиёҷ ё мувофиқи таърифи дигар, ҳамчун қонеъ гардонидани ҳадаф маънидод метавон кард. Дар як қатор таҳқиқот «ангеза» ба маънои аслӣ - ҳамчун эҳтиёҷ тафсир гардида, иттилои вазъиятие таъкид мешавад, ки фаъолият, ангезаҳо ва хоҳишҳои шахсиятро бармеангезад. Ғайр аз ин, он ҳамчун ангезиши дохилии шахс барои ин ё он шакли фаъолнокӣ тавзеҳ меёбад.

Ҷомеаи муосир хуб дарк менамояд, ки беҳтар кардани шароити зиндагӣ бо фаъолияти соҳаи маориф алоқаманд аст. Асри XXI - асри технологияҳои таҳсилотӣ, илм ва маориф буда, ин тасодуфӣ нест, зеро ба сифати унсури асосӣ ва ҳалқаи марказии ҷомеа дар мадди аввал симои педагоге гузошта шудааст, ки ба тамом дархости ҷомеа мувофиқ аст. Ин муносибати ҷиддиро ба фаъолияти омӯзгор асоснок намуда, ба омодагии ӯ таваҷҷуҳи зиёдро тақозо мекунад.

Яке аз омилҳои психологии ба раванду натиҷаи рушди касбии омӯзгорони оянда таъсиррасон ангезиш ё омили барангезандаи фаъолият мебошад.

Маълум аст, ки ангезишҳо дар асоси эҳтиёҷот ташаккул ёфта, рушд мекунанд. Чунин робитаи қавии ангезиш ва эҳтиёҷро пеш аз ҳама, бо моҳияту мазмуни он шарҳ метавон дод. Эҳтиёҷи инсон - ҳис кардани зарурати ягон чиз, ангезиш - хоҳиши инсон дар робита бо ин эҳтиёҷ аст.

**Дарачаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Имрӯз соҳаи маориф ба самти инкишофи хусусиятҳои фардии инсон равона карда шудааст. Мактаб барои ҳар як кӯдак боиси рушди истеъдоди табиӣ ва шавқу талаботаш буда, инчунин дар ташаккул ёфтани шахсияти комил низ замина мегузорад. Барои ин худи мактаб бояд дар асоси реҷаи рушду инкишоф фаъолият барад. Бо ибораи дигар, калиди инкишофи шахсияти фардии ҳар як кӯдак – хонанда дар дасти тарбиятгар, яъне омӯзгорон мебошад.

Солҳои охир хусусиятҳои фаъолияти меҳнатии омӯзгор, ҳангоми тадқиқи касбияти фардии ӯ мавриди таҳлили олимон қарор гирифтааст. Аз ҷумла масъалаҳои:

- сохти фаъолияти педагогӣ аз ҷониби- А.К.Маркова, Л.М.Митина, И.А.Зимня, Н.В.Кузмина, В.А.Сластенин, А.И.Шербаков;
- вазифаҳои фаъолияти педагогӣ аз ҷониби В.В.Богословская, А.Д.Боборикин, Ю.В.Кожухов, Н.В.Кузмина, А.И.Шербаков ва В.А.Сластенин;
- сифати шахсии омӯзгор аз ҷониби Н.А.Аминов, Б.Г.Ананев, Ф.Н.Гоноболин, Ю.Н.Кулюткин, А.Б.Орлов, Э.Х.Эриксон, Лутфуллоев М., Шарифзода Ф., Каримова И.Х., Исломов О.А.
- меъёрҳои психологии таҳлили шахсият ва маҳорати касбӣ аз ҷониби А.К.Маркова, В.П.Симонов, Н.В.Клюева, Каримова И.Х.,
- ҷиҳатҳои омодагии омӯзгор ба фаъолияти инноватсионии таълим аз тарафи Л.С.Подимова, В.А.Сластенин, М.М.Поташник, В.С.Лазарев, О.Г.Хомерики, А.В.Лоренсов, М.Лутфуллоев, Ф.Шарифзода, С. Сулаймонӣ, У.Зубайдов, Ш.А.Шаропов, Х.М.Сабурӣ, Раҳмонова Д.З. ва дигарон таҳлилу тадқиқ шудааст.

Оид ба омодагии касбият ва салоҳияти омӯзгорон, ангезонидани омӯзгорон дар сатҳи мактабӣ олимони тоҷик - Х.Авзалов, С.Аминов, Т.Атахонов, Х.Буйдоқов, У.Зубайдов, И.Х.Каримова, Б.Қодиров, М.Лутфуллоев, И.Обидов, М.Орифӣ, С.Сулаймонӣ, Ф.Шарифзода, Ш.А.Шаропов, Х.М.Сабурӣ, С.Ф.Собиров ва диг.корҳои назаррас анҷом

додаанд, ки онҳо инъикосгари хусусиятҳои фардии фаъолияти омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ дар мактабҳои рӯ ба тараққӣ мебошанд.

Мактаб инкишоф меёбад, агар омӯзгорон ҳамеша барои баланд бардоштани сатҳи салоҳиятнокии касбии худ кӯшиш намоянд, ташкил ва истифодаи инноватсияҳоро дар раванди таълим, тарбия ва идоракунӣ таъмин кунанд. Худи мазмуни фаъолияти ҷустуҷӯии ҳар як омӯзгори синфҳои ибтидоӣ ва дар маҷмӯъ, ҷомеаи педагогӣ бояд муҳим бошад. Маҳз хусусиятҳои фаъолияти ҷустуҷӯии омӯзгори синфҳои ибтидоӣ, эҳтиёҷи ӯ ба худтакмилдиҳӣ, кӯшишҳои ӯ оид ба барпо кардани робитаҳо бо ҳамкорон, омӯзиши таҷрибаи пешқадам, таъмини имконияти воқеии худамалисозӣ шахсияти омӯзгорро ҳамчун мутахассиси ин соҳа ташаккул ва рушд медиҳад. Имрӯз дар мактаб асосан методҳои ғайрианъанавии дидактикии таълим, тарбия ва рушди мактаббачагон ҷорӣ мешаванд. Ин аз омӯзгори синфҳои ибтидоӣ дигаргуниҳои муайянро талаб мекунад.

Муносибати омӯзгор ба субъектҳои гуногуни раванди таълим вобаста ба низоми таълим: бо хонандагон, дар ҳамкорӣ бо волидайни онҳо, муносибати дуҷонибаи омӯзгори синфҳои ибтидоӣ бо ҳайати роҳбарикунанда тағйир меёбад, инчунин аз омӯзгорони дигар ва муносибат ба фаъолияти асосии худ ба куллӣ фарқ мекунад. Инкишофи хусусиятҳои муҳими фардиву касбии омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ, ки ба талаботи муайяни низоми таълимӣ ҷавобгӯ мебошад, таъхирнопазир аст.

Сифати таълим аз ангезандагии омӯзгор вобастагии зиёд дорад. Профессори амрикоӣ Майкл ЛеБеф принсипи бунёдии менеҷментро бо чунин роҳ тадқиқ намуда мегӯяд: “Ҳамон коре иҷро мегардад, ки подош дошта бошад”. Бинобар он, дар умум такмили фаъолияти муассисаҳои таълимӣ ва баландбардории сифати он, аксаран аз ҳисоби истифодабарии беҳтарин иқтидори кадрӣ, ҳамчунин бо ёрии ангезиши рафтори меҳнатии ҳайати омӯзгорон ба иҷро расонида мешавад.

Фредерик Герсберг назарияи дуомилаи ангезишро пешниҳод намуда, ҳамаи омилҳои ба рафтори инсон таъсир расонандаро ба ду гуруҳ ҷудо кардааст:

1) норозигии корманд аз фаъолияти худ (омилҳои гигиенӣ);

2) баланд шудани самаранокии кори таъсиркунанда (ҳавасманд-кунанда).

Ба гуруҳи аввали омилҳо Ф.Герсберг муносибати берунаи кормандро нисбат додааст, ки норозигии кормандро бартараф менамояд. Онҳо бо муҳити атрофе, ки кор ба иҷро расонида мешавад, алоқаманд ҳастанд. Ф.Герсберг чунин ақида дорад, ки ин омилҳо ангезаи мусбати кормандонро ба таври худкор муайян намекунанд: мавҷуд набудани онҳо ё дараҷаи нокифоя будани иштирок боиси норозигии нафаре мегардад. Агар омилҳо кофӣ бошанд, худ ба худ тавассути кор қаноатманд мешаванд ва инсонро ба ягон амал ангезиш дода наметавонанд. Омилҳои гигиенӣ шароити муътадили меҳнат, музди меҳнати сазовор, сиёсати дохилии маъмурият, муносибатҳои байнишахсӣ дар соҳаи меҳнат, дараҷаи назорати бевоситаи фаъолият, корхона ва ғайраро фаро мегиранд.

Ҳавасмандкуниву ангезаҳои рафтор ва фаъолият яке аз масъалаҳои асосӣ дар илми психология ба шумор меравад. Тааҷҷубовар нест, ки маҳз ба проблемаи ҳавасмандкунӣ ва сабабҳои он корҳои тадқиқотии зиёди илмӣ рӯи кор омадаанд, аз ҷумла монографияҳои олимони равоншиноси хориҷӣ (В.Г.Асеев, В.К.Вилюнас, Е.П.Илин, В.И.Ковалев, А.Н.Леонтев, М.Ш .Магомед-Эминов, В.С.Мерлин, П.В.Симёнов, Д.Н.Узнадзе, А.А.Файзуллаев, П.М.Якобсон, Дж.Аткинсон, К.Мадсен, А.Маслоу, Х.Хекхаузен) ва рисолаҳои олимони ватанӣ Каримова И.Х., М.Лутфуллозода, Ф.Шарифзода, Б.Маҷидова, Т.Шукуров, И.О.Обидов, Х.С.Авзалов, К.Б.Кадиров, Р.И.Хоҷимуҳамедова, М.Арипов, Р.Я.Хамидов, В.Ч.Ревазов, Д.Н.Латипов ва дигарон аз зумраи ин навъи корҳои тадқиқӣ мебошанд.

Айни замон дар психология ва педагогика таҳқиқоти зиёде ҷамъоварӣ шудаанд, ки ба саволҳои ташаккул додани ҳавасмандӣ ба фаъолияти

таълимӣ, таъмини самаранокии ҷараёни таълим, ҷалби хонанда ба корҳои мураккаб ва ҷавобгӯ ба мундариҷаи гуногун ифода менамоянд. Аз ҷумла, таҳқиқоти олимон А.К.Марков, В.И.Василевский, Г.Шукина, В.С.Илин, А.Б.Орлов, Л.И.Божович, А.Н.Леонтев ва дигарон.

Байни ангезиш ва хислатҳои шахс робитаи дутарафа мавҷуд аст: сифатҳои шахсиятро ангезаҳо тақвият дода, ба баланд шудани худбаҳодиҳии ӯ мусоидат мекунанд. Дар ин бобат П.М.Якобсон таъкид кардааст: «Ҳадаф аз он иборат аст, ки савол гузошта шавад: то кадом андоза шахсият дар муҳити таҳрикдиҳанда ошкор мегардад?».

Аз тарафи дигар, чунонки А.Н.Леонтев қайд мекунад, асоси шахсият аз сохтори нисбатан устувори самтҳои асосии дараҷанок, яъне ангезишҳо иборат аст. П.М.Якобсон тарафдори консепсияе мебошад, ки мувофиқи он на ҳамаи хислатҳои шахсият ба муҳити ангезишии ӯ таъсир мерасонанд [64]. Ба иборати дигар, на ҳамаи хусусиятҳои ангезиш ба сифати шахсият табдил меёбанд.

Ангезиш аксар вақт ҳадафи таҳсилотро дастгирӣ мекунад, ки маънои ташаккули шахсияти барои ҳаёти мутаносиб ва сазовори инсони қобилро дорад. Педагогҳо-олимони муосири ватанӣ И.Х.Каримова, М.Лутфуллозода, Ф. Шарифзода, Т.Шукуров ва дигарон дар таълифоти худ ҷанбаҳои алоҳидаи ин муамморо коркард намудаанд. Ба ин таҳқиқот дар ҳалли муаммои раванди тарбия нақши муҳим мансуб аст.

Қайд кардан ба маврид аст, ки монографияи академик И.О.Обидов, олимон Х.С.Авзалов, Б.Р.Раҳимов, К.Б.Қодиров, Р.И.Хоҷимуҳамедова, М.Арипов, Р.Я.Ҳамидов, В.Ч.Ревазов, Д.Н.Латипов, инчунин як қатор рисолаи номзадиву докторӣ таҳия шудаанд, ки дар онҳо ба андозаи муайян қисматҳои алоҳидаи проблемаи таҳқиқшаванда инъикос гардидаанд. Аммо назар ба васеъ будани манфиатҳои илмии таҳқиқотии дар боло зикршуда ва аҳамияти масъалаҳои дар онҳо баррасишуда, то имрӯз проблемаи ангезандагӣ ва муносибат ба такмили ихтисоси омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ дар шароити муосири рушди маориф мавзӯи таҳқиқотии махсус набуд.

Ҳамин тавр, муҳимияти тадқиқот, пеш аз ҳама, бо мавҷудияти **ихтилофоти** зерин асоснок гардидаанд:

1. Аз ҷиҳати назариявӣ коркард нагардидани мавзӯи интихобшуда оид ба муносибати ангезандагии такмили ихтисоси омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ;
2. Аҳамияти методологӣ ва илмӣ-амалии коркарди мавзӯъ дар шароити ислоҳотию ҷаҳонишавии маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;
3. Номутобиқатии байни талаботи зиёди омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ ва мазмуни мавҷудаи таълим ба такмили ихтисоси омӯзгорон дар шароити муосири рушди маориф;
4. Мавҷуд набудани технологияи муосири илман асоснокшудаи такмили ихтисоси омӯзгорон.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ.**

Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар доираи татбиқи нақшаи дурнамои корҳои илмию таҳқиқотии кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров» дар мавзӯи “Асосҳои педагогии татбиқи таълими салоҳиятнокӣ дар синфҳои ибтидоӣ ва муассисаҳои махсуси таълимӣ” барои солҳои 2021-2025 ва муқаррароти асосии “Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030” иҷро шудааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Ҳадафи таҳқиқот**: илман асоснок намудани ангезандагӣ ва муносибати он ба такмили ихтисоси омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ дар шароити муосир ва дар амал санҷидани он;

**Объекти таҳқиқот**: раванди муносибати ангезандагии такмили ихтисоси омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ.

**Предмети таҳқиқот**: муносибати ангезандагӣ ба такмили ихтисоси омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ.

**Фарзияи таҳқиқот.** Дар рафти омӯзиши проблема ва ноил гардидан ба ҳадафҳои таҳқиқот мо ба чунин **фарзия** такя кардем, ки самаранокии такмили ихтисоси омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ он вақт натиҷаи дилхоҳ ва муваффақона медиҳад, ки **агар**:

1. дарки амиқи зуҳурот ва ҳодисаҳои ҳаёт тавассути муносибати ангезандагии такмили ихтисоси омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ дар шароити муосири рушди маориф сурат гирад;
2. қонуниятҳои педагогӣ-психологии ташаккули муносибати ангезандагии омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ муайян карда шавад;
3. меъёр, нишондод ва сатҳи муносибати ангезандагии омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ арзёбӣ карда шавад;
4. иштироки омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ дар шакл ва навъҳои интерактивии таълиму тарбия (таҳқиқотӣ, нақшӣ, эҷодӣ, маълумотӣ) таъмин карда шавад, ки онҳо дар шаклгирии муносибати ангезандагӣ нақши муҳим доранд.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Барои тасдиқи фарзияи пешбинишуда иҷрои **вазифаҳои** зерин гузошта шуда буд:

1. аз ҷиҳати назариявӣ таҳлил намудани муносибати ангезандагӣ дар раванди такмили ихтисоси омӯзгорон ва дар асоси он ҷудо намудани аломатҳои ҷойдошта, ки ба инкишофи шахсияти онҳо мусоидат мекунад;
2. омӯзиши таҷрибавии муносибати ангезандагии такмили ихтисоси омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ дар рушди муосири низоми маориф;
3. муайянкунӣ, таъмин ва дар амалия санҷидани шароити педагогии муносибати самараноки ангезандагӣ дар такмили ихтисоси омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ;
4. нақши муносибати ангезандагии такмили ихтисоси омӯзгоронро дар таҷрибаи таълимӣ таҳлил намудан;
5. ошкоркунии моҳияти муносибати ангезандагии такмили ихтисоси омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ дар рушди муосири низоми маориф;

6. муайянкунии усули воридкунии муносибати ангезандагии навин;
7. таъсиррасонӣ, баландбардории маданияти омӯзгор ва рушди асосҳои илмӣ-педагогии такмили ихтисоси онҳо;

**Марҳилаҳои таҳқиқот**. Таҳқиқот дар се марҳилаи ба ҳам алоқаманд анҷом ёфт.

***Марҳилаи аввал:*** (солҳои 2015-2017) - омӯзиши адабиёти махсус атрофи мавзӯи диссертатсия, суҳбат бо омӯзгорон ва муайянкунии камбудиҳо дар кор аз рӯи муносибати ангезандагии омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ, муайянкунии ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот, коркарди меъёри баҳогузории омодагӣ ва гузаронидани озмоишҳои муайянкунанда.

***Марҳилаи дуввум:*** (солҳои 2018-2020) – ташкили озмоиши муайянкунӣ - ташаккулдиҳӣ, истифодабарии маводи таълимӣ аз рӯи меъёрҳои интихобшуда, гузаронидани озмоиши назоратӣ, воридкунии муносибати ангезандагии омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ дар мактабҳои таҳсилоти ҳамагонии ҷумҳурӣ.

***Марҳилаи сеюм:*** (солҳои 2021-2022) коркард ва таҳлили натиҷаи таҳқиқот, батанзимдарории диссертатсия.

Озмоиши назоратӣ дар филиали муассисаи давлатии Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф дар вилояти Суғд, шӯъбаи маорифи шаҳри Панҷакент ва Раёсати маорифи шаҳри Исфара гузаронида шуд. Аз рӯйии натиҷаи таҳқиқот маҷмӯи тавсияҳои илмӣ-методӣ таҳия карда шудаанд, ки дар амалияи омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ бомуваффақият татбиқ карда мешаванд.

**Асосҳои методологии таҳқиқотро** муқаррароти фалсафӣ дар бораи моҳияти шахсият, робитаи диалектикии раванди маърифат ва фаъолияти фаъолонаи инсон дар инкишоф ва рушди донишу касбият; таълимот оид ба моҳияти психологии шавқи маърифатӣ, нақши пешбари фаъолият дар ташаккули шахсият; муқаррарот дар бораи ягонагии диалектикии назария ва амалия; консепсияҳои психологию педагогӣ оид ба маҳорати методии омӯзгор.

**Асоси назариявии таҳқиқотро** ғояҳои назариявии файласуфон, психологон, педагогон оид ба муносибати ангезандагӣ дар такмили ихтисос, самтҳои ҳавасмандсозӣ ба такмили ихтисоси омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ, воридкунии усулҳои инноватсионии таълим дар такмили ихтисос, ки онҳо аз талаботҳои "Стандарти давлатии таҳсилоти Ҷумҳурии Тоҷикистон"; "Консепсияи мактаби миллӣ", Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи маориф", "Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030", "Барномаи давлатии рушди системаи такмили ихтисос ва бозомӯзии касбии кормандони соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2022", Қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеояд, такя намудан ба умумияти раванди педагогӣ, нақша, барнома ва дастурҳои таълимӣ дар низоми такмили ихтисос ташкил медиҳанд.

**Сарчашмаҳои таҳқиқот**: асарҳои муҳаққиқони муосир, олимони тоҷик, Русия ва Ғарб оид ба масъалаҳои муносибати ангезандагӣ; таҳқиқоти бунёдии омӯзгорон, равоншиносон, методистон ва таҷрибаи кори омӯзгорони пешқадами ҷумҳурӣ; санадҳои қонунгузорӣ ва меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф (Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи маориф", "Консепсияи миллии таҳсилоти Ҷумҳурии Тоҷикистон", "Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон"), ҳамчунин таҷрибаи муаллиф ба сифати омӯзгори Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф манбаъҳои асосии кори илмиро ташкил додаанд.

**Методҳои таҳқиқот**: таҳлили сарчашмаҳои илмӣ-методӣ дар ҳошияи таҳқиқот; мушоҳида-иштирок ба дарс; озмоишӣ муайянкунанда-бо мақсади муқарраркунии сатҳи муносибати ангезандагии омӯзгорон ба такмили ихтисос; таҳлили сифатӣ ва миқдории ҳолати муносибати ангезандагӣ ба фаъолияти омӯзгорон; озмоиши таълимӣ - бо мақсади натиҷагирии самаранокии коркарди усулҳо ва супоришҳо оид ба шаклгирии муносибати ангезандагии такмили ихтисоси омӯзгорон; таҳлили оморӣ ва натиҷагирӣ аз таҳқиқот.

**Пойгоҳи таҷрибавӣ-озмоишии таҳқиқотро** муассисаи давлатии филиали Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф дар вилояти Суғд, шӯъбаи маорифи шаҳри Панҷакент ва Раёсати маорифи шаҳри Исфара ташкил доданд.

**Навгонии илмии таҳқиқот** дар ҷанбаҳои зерин зоҳир мегардад:

- моҳияти муносибати ангезандагии такмили ихтисоси омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ дар шароити муосири рушди маориф муайян карда шудаанд;
- шароитҳои психологию-педагогӣ ва таъсиркунанда ба ташаккули муносибати ангезандагии такмили ихтисоси омӯзгорон асоснок шудаанд;
- роҳҳои озмоишӣ – таҷрибавӣ ва санҷиши технологияи ташаккули муносибати ангезандагии такмили ихтисоси омӯзгорон дар низоми таҳсилот баррасӣ шуданд;
- шароитҳои педагогии ташкили умумияти низоми ташаккули муносибати ангезандагии такмили ихтисоси омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ дар шароити муосири раванди таҳсил амиқ гардид;
- меъёрҳо ва нишондиҳандаҳо доир ба муайянсозии сатҳи муносибати ангезандагии такмили ихтисоси омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ дар таълим муайян карда шуданд.

**Нуктаҳои асосие**, ки ба дифоъ пешниҳод мешаванд:

- хусусиятҳои психологӣ-педагогии муносибати ангезандагии омӯзгорон ва самаранокии азхудкунии дониш, малака ва маҳоратҳои ба низом даровардашуда, қобилияти дарки вобастагии зуҳурот ва равандҳои педагогӣ;
- раванди ташаккули муносибати ангезандагии омӯзгорон дар такмили ихтисос, самтҳои бедорсозии шавқу ҳаваси омӯзгорон нисбат ба такмили ихтисос дар рушди ҳадафҳои стратегии таҳсилоти муосир;
- амсилаи такмили ихтисоси омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ дар шароити ҷаҳонишавии низоми маориф.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот** чунин самтҳоро дар бар мегирад:

– муайян намудани моҳияти муносибати ангезандагии такмили ихтисоси омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ;

– асосноккунии имкониятҳои гуногуни педагогии муносибатҳои ангезандагии такмили ихтисоси омӯзгорон;

– назарияи ташаккул ва рушди муносибати ангезандагии такмили ихтисоси омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ, натиҷагирии муносибатҳои гуногун дар муайянкунии моҳияти муносибати ангезандагӣ, фаъолият, фаъолнокӣ ва талабот мукаммал гардидани онҳо;

– муайянкунии шароитҳои педагогӣ ва нишондодҳои амалии ташаккули муносибати ангезандагӣ;

– тасдиқкунии маҷмӯаи ташхисӣ (меъёр, нишондод, усул ва услуб) оид ба инкишофи муносибати ангезандагӣ, ки дар таҷрибаи таълимӣ истифода бурда мешаванд.

**Аҳамияти амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ** дар он аст, ки баҳри такомули муносибати ангезандагӣ ба такмили ихтисоси омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ маводи ташхисӣ, барномаи таълимӣ ва тавсияҳои методӣ, барои такмили мундариҷаи таълим ва таҳияи тадбирҳои технологӣ ва инкишофдиҳӣ, ки ба рушди усули ангезандагӣ равона карда шудаанд, таҳия карда шудаанд. Ба ғайр аз ин, барои Донишкадаҳои такмили ихтисос ва бозомӯзӣ курси лексияҳо оид ба педагогика, махсусан, қисмати дидактика дар низоми такмили ихтисоси омӯзгорон таҳия карда шудааст. Натиҷаҳои таҳқиқот ба омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ, кормандони мактабҳои таҳсилоти умумӣ кӯмаки амалӣ мерасонад, зеро дар раванди таълим ин масъала муносибати ҷиддӣ талаб мекунад.

**Боэътимодӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқот** тавассути методологияи муқаррароти назария, такя ба истифодаи маҷмӯи усулҳои таҳқиқот, ки ба мақсад ва вазифаҳои он мувофиқанд, баҳри санҷиши таҷрибавии рушди назариявӣ, такрор шудани натиҷаҳои таҳқиқот дар амалияи таълимӣ таъмин

карда мешавад. Муҳимияти мавзуи тадқиқот  ба ҳадаф ва вазифаҳои дар диссертатсия ироашуда мутобиқат дорад.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.**

Диссертатсия ба мундариҷаи пунктҳои зерини шиносномаи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 - Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) мувофиқат менамояд: *бахши 1* - Методологияи таҳқиқот оид ба назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (дидгоҳҳои илмӣ ба таҳқиқи рушди таҳсилоти касбӣ, робитаи назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ бо соҳаҳои илми педагогӣ ва илмҳои дигар; робитаи мутақобили назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ бо амалия; методҳои таҳқиқи таҳсилоти касбӣ); *бахши 10* - Омодагии мутахассисон дар низоми таҳсилоти бисёрсатҳ; *бахши 11* - Технологияҳои муосири таҳсилоти касбӣ; *бахши 13* - Муҳити таҳсилоти муассисаи таълимии касбӣ.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ** дар иштирок кардани ӯ дар тамоми марҳалаҳои таҳқиқот: банақшагирӣ, интихоб ва асоснок намудани мавзӯъ, таҳияи сохтори диссертатсия, м уайян кардани ҳадаф, вазифаҳо, объект ва предмети таҳқиқот, ҷустуҷӯй ва дарёфти адабиёти зарурӣ оид ба мавзӯи таҳқиқот, ҷамъоварӣ ва муназзам намудани маълумоти озмоишӣ ва коркарди онҳо, таҳлили натиҷаҳои коркарди маълумоти озмоишӣ, омода ва интишор кардани мақолаҳои илмӣ, иштирок дар ҳамоишҳои илмӣ, ҷамъбасти натиҷаҳои таҳқиқот ва навиштани диссертатсия инъикос меёбад.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия** дар шакли маърӯзаҳо дар конфронсҳои ҷумҳуриявӣ, байниминтақавии илмӣ ва амалӣ, ҷаласаҳои шуъбаи муассисаҳои томактабӣ ва таълими ибтидоии Пажӯҳишгоҳи рушди таҳсилоти ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, филиали муассисаи давлатии Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф дар вилояти Суғд, семинарҳои методӣ, инчунин дар нашрияҳои муаллифӣ атрофи мавзӯи рисолаи номзадӣ таҳия шудаанд.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Муҳтаво ва мундариҷаи асосии диссертатсия дар 20 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 4 мақолаҳои илмии дар маҷаллаҳои тақризшаванда, ки аз тарафи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати маориф ва илми ФР ба қайдгирифта шудааст, инъикос ёфтаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Рисола аз ду боб, хулоса ва феҳристи адабиёти истифодашуда иборат аст. Мазмуни рисола дар 153 саҳифаи чопи компютерӣ баён гардидааст. Дар матн 4 расм, 7 ҷадвал ва 3 диаграмма ва замимаҳо вуҷуд дорад. Феҳристи адабиёти истифодашуда аз 203 номгӯй иборат мебошад.

# БОБИ 1. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ САЛОҲИЯТИ КАСБӢ ДАР МУНОСИБАТИ АНГЕЗАНДАГӢ ҲАМЧУН ТАЛАБОТИ АСОСИИ ТАКМИЛИ ИХТИСОСИ ОМӮЗГОРОНИ СИНФҲОИ ИБТИДОӢ

## 1.1.Таҳлилу таснифоти ангезонидан ва омилҳои асосии салоҳиятҳои касбии омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ

Идоракунии эҳтимолияти шахсият яке аз соҳаи афзалиятноки ҳаёти муассиса маҳсуб меёбад, вале қисмати марказиро дар ин идоракунӣ – тартиби ангезандагии кормандон ташкил медиҳад. Имрӯзҳо тартиботе маъмул гардидааст, ки низоми ангезандагии босаводонаи тартибдодашуда, метавонад якчанд дараҷа фаъолияти ҳамон муассисаро самараноктар ба роҳ монад. Маҳз ин ҷо, мафҳуми «ангеза» ё худ «мотив» дар доираи бештари маълумот таҳлил ва таснифоти куллии худро аз ташкилӣ-иқтисодӣ то фалсафӣ-психологӣ дарёфт намудааст.

Тартиби ангезандагӣ бояд такмили мунтазами усулҳои ҳавасмандгардонии меҳнати кормандони муассисаро бо истифода аз дастовардҳои олимони ватаниву хориҷӣ дар баландбардории таҷрибаи идоракунӣ таъмин намояд.

Олими рус И.А. Зимняя [62, с.347] дорои ақидае буд, ки яке аз қисматҳои асоситарини фаъолияти омӯзгорӣ ин ангезандагии он мебошад. Чун дар таълим, дар фаъолияти педагогӣ низ тамоюлот ҷудо карда мешавад, ангезандаи фаъолияти педагогӣ ҳамчун шакли ҷузъии ангезиш муайян карда шуда, ба фаъолияти муайяне ворид карда мешавад.

Ақидаи И.А.Зимняяро А.К. Маркова [106, с.295] инкор намуда чунин мешуморад, ки: «Ангезиши фаъолияти педагогӣ аз қатори доимо ивазшаванда ба муносибати нави бомайлони ҳамдигарӣ мегузарад. Бинобар ин, ангезандагӣ ин муносибати одии зиёдшавии мусбӣ ва шиддатнокии муносибати манфӣ ба фаъолият нест, балки доираи ангезандагии мураккабе,

ки дар қафои он меистад, пайдоиши мухолифати мураккаби байни онҳо мебошад».

Дар илми психология якчанд мафҳуми гуногунмаъно ба тафсири истилоҳи «ангеза» ё худ «мотив» мавҷуд аст, ки онҳо таърифҳои истилоҳан ба худ хосро низ соҳиб мебошанд. Мафҳумҳои гуногуни истилоҳӣ боиси пайдо шудани таърифу муносибатҳои мухталиф ба фаҳмиши ин таркиб гардидааст. Тадқиқи ин масъала аз ҷониби якчанд олимони рус Б.Г. Ананев [3, 4], С.Л.Рубинштейн [153, 154], А.Г. Асмолов [12], олимони Ғарб А.Маслоу [108, 109], З.Фрейд [64] ва олимону педагогони ватанӣ Шарифзода Ф. [191], Лутфуллоев М.[102], Каримова И.Х. [70], Қурбонов Г.[84], Собиров С.Ф. [159] ва дигарон корбарӣ шудааст.

Дар илми психология ангезандагӣ ҳамчун раванди мураккабу муназзами бисёрсоҳавии фаъолияти инсон – рафтор ва фаъолнокии ӯ шарҳ дода шудааст [173: 165]. Инчунин ангезандагиро ҳамчун низоми бисёрсатҳиву гуногунтаркибӣ, ки дар худ талабот, ангезаҳо, шавқу ҳавасҳо, саъю кӯшишҳо, муқарраркунӣ, ҳиссиёт, меъёр, арзишҳо ва монанди инҳоро доро мебошад, баён сохтаанд.

Тафсири истилоҳи «ангеза» ё худ «мотив»-ро метавон аз як ҷиҳат ҳамчун мақсад ва аз ҷониби дигар ҳамчун талабот (А. Маслоу), ё ба таърифи дигар ҳамчун қонеъкунандаи мақсад (С.Л. Рубинштейн) донист. Дар назарияи пешниҳоднамудаи А.Н. Леонтев «ангеза» ё худ «мотив» чунин маънидод шудааст: «… он ифодашаванда, яъне воқеӣ, дар куҷое он талабот асту ба маълумотҳои вазъият аниқ карда мешавад ва ба фаъолият ва ангезаву майлу хоҳиши он роҳандозӣ мегардад» [94].

Дар асари худ “Касбияти фаъолияти педагогӣ” А.А.Реан ангезаро «ангезаи ботинии шахсии ин ё он шакли фаъолнокӣ» номида буд. [81]

Самараи хуби фаъолияти омӯзгор ба фаъолнокии ӯ вобаста аст. Ин ба ӯ бе худтакмилдиҳиву худинкишофдиҳӣ рӯи кор намеояд. Ва агар омӯзгор фаъол набошад, талаботҳои шунавандагони худро қонеъ карда наметавонад. Ин ҷо аз нуктаҳои Л.Толстойро иқтибос овардан шояд саривақтӣ бошад, ки

гуфта буд: «Агар хоҳӣ, ки кӯдакро тариқи илм тарбия намоӣ – илми худро хуб бидон, дӯст дор, он гоҳ хонандагон он илмро дӯст медоранд ва ту онҳоро тарбия менамоӣ» [178: 232].

Дарвоқеъ, далел ва мақсади асосии фаъолияти педагогӣ ин дӯст доштани кӯдак, ғамхориву дилсӯзӣ нисбат ба хушбахтии ӯ, ки ба мухолифати олами иҳотакарда дохил мешавад, бо шавқу рағбати муассире нисбат ба хушбахтона аз сар гузаронидани давраи кӯдакӣ ва барои муносибати гуманистона намудан ба инсон мадад мерасонад.

Яке аз қисматҳои марказии фаъолияти омӯзгорӣ ин ангезонидани фаъолнокии омӯзгор маҳсуб меёбад. Ангезонидан – ин ба ягон фаъолият, кӯшишҳо ва ё дастовардҳо водор намудани шахс мебошад. Бо ибораи дигар ангезонидани шахс ин маънои онро дорад, ки инсонро ба коре моил сохта, саъю кӯшиш кунонидан, муносибати хайрхоҳонаи ӯро нисбат ба ӯҳдадориҳои худ муваффақ гардонидан аст. Бо маънои томаш ин мафҳум ва ин меъёр ба фаъолияти мо омӯзгорон дахл дорад.

Ангезонидан худ аз худ дар дилхоҳ фаъолият, аз он ҷумла, дар фаъолияти омӯзгорӣ низ ташаккул ва муваффақона ба даст намеояд, яъне нисбат ба чизе ё ба фаъолият бидуни шавқу рағбат муваффақ гардидан номумкин аст. Проблема дар он аст, ки омӯзгор ангезишро дар фаъолияти худ чӣ гуна корбарӣ намояд ва чӣ тавр ҳавасмандӣ ба онро дар худ фаъол намояд? Аксарияти мутахассисоне, ки дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба ҳайси омӯзгори синфҳои ибтидоӣ кору фаъолият доранд, ба саволҳои зерин ҷавоб мекобанд. Дар раванди курсҳои бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси омӯзгорон бархе аз чунин суолҳо, ҳамчун проблема садо медиҳад:

• Барои муносибати ангезандагиро роҳандозӣ намудан, чӣ гуна шароитро бояд фароҳам намуд?

• Бо дарназардошти вазнинии фаъолият, яъне руҳиву равонӣ ва ҳам фикриву ҷисмонӣ чӣ тавр бояд доимо дар фаъолият бошем ва қувваи кории худро баробар корбарӣ намоем?

• Чӣ тавр хусусияти ангезандагии худро дар кор муайян намоем ва роҳҳои пешгирии проблемаи онро бартараф созем?

• Бо кадом усул раванди фаъолнокии меҳнатиро роҳандозӣ намоем, то новобаста аз таъсири омилҳои беруна ҷидду ҷаҳди кориамон сусту заиф нагардад?

Ҳамаи мо фаъолияти кории хешро, пеш аз ҳама, бо ҳисси баланди ангезиш оғоз менамоем. Вазифаи мо аз он иборат аст, ки сатҳи лозимаи ангезишро хубтар ба роҳ монда, фаъолияти педагогиро бо ҷидду ҷаҳди дучанд идома диҳем. Дар ин ҷода зарур аст, ки ҳамаи омилҳои берунаи таъсиркунандаро аз худ дур сохта, барои дар сатҳи муътадил нигоҳ доштани ваҷҳи корӣ кӯшиш намоем.

Аз мушоҳидаву таҷрибаҳо маълум мегардад, ки ваҷҳ ё худ ангезонидан раванду ҳодисаи доимӣ нест ва он аз омилҳои таъсиркунанда вобаста аст. Ангезиш танҳо ҳамон вақт дар фаъолияту вуҷуди инсон пайдо мегардад, ки дар муносибатҳои истеҳсолӣ, фаъолияти касбӣ, хусусиятҳои шарафмандӣ, бовиҷдонӣ ва боварии тарафайн ҳукмфармо бошад.

Дар замони ҳозира барои муайян намудан ва ангезонидани фаъолияти омӯзгор бештар ба назарияи психологӣ рӯй меоваранд. Ин дар ҳолест, ки кулли талаботҳои иҷтимоӣ фақат дар раванди тарбия ба вуҷуд меоянд, талаботи табиӣ, органикии одам бе ташаккули махсус пайдо мешаванд. Бо вуҷуди ин, ҳатто талаботҳои органикии одам ҳам дучори ҷомеашавӣ мегарданд. Вобаста аз он ки талаботҳо бо кадом арзишҳои иҷтимоӣ алоқаманданд, дараҷаҳои гуногуни онҳо - олӣ ва сиратан пастро фарқ мекунанд. Консепсияи тадқиқи системавии психологии шахсро А.Х.Маслоу, ки яке аз беҳтарин равоншиноси амрикоӣ эътироф шудааст, пешниҳод намуда буд. Олим сохти маромҳои шахсро муайян намудаву ба ақидаи ӯ, талаботҳои олӣ самти рафтори одамро ба он андозае муайян мекунанд, ки ба ҳамон андоза талаботи дараҷаи нисбатан пасттари ӯ қонеъ гардонида мешаванд[109]:




***Расми 1. «Аҳроми Маслоу» - нақшаи вобастагии иерархии талаботи одам мувофиқи А.Х.Маслоу***

Аҳроми А.Маслоу, ки аз ҳафт қабат иборат аст, инсонҳоро ба кору амали нек ва кӯшишу талош ба рушду нумуъ ҳидоят менамояд. Ба андешаи Маслоу, дар қабатҳои ин аҳром ниёзҳо ва ё эҳтиёҷоти зотии инсон ифода ёфтаанд. Инсон барои он ки комил ва хушбахт гардад, ба ҷуз эҳтиёҷи физиологӣ (хӯрок, об, хоб, ҳаво ва ғайра) шаш навъи дигари ниёзҳо низ дорад: амният, вобастагӣ ва муҳаббат, эҳтирому эътимод, донишу маърифат, зебоӣ ва нафосат ва, ниҳоят, худсозӣ ва нишон додани донишу маҳорат ва ақлу фаросати худ дар амал.

Талаботҳои инсон аз сатҳи таърихан ташаккулёфтаи истеҳсолот ва истеъмолот, аз дараҷаи ҳаёти одам, анъана ва завқу рағбатҳои дар ҳамон гуруҳи иҷтимоӣ ҳукмрон буда вобастаанд.

Талаботҳо дар раванди қонеъ гардониданашон устувор мегарданд. Талаботҳои қонеъшуда аввал хомӯш мешаванд, баъд аз нав бошиддат пайдо мегарданд. Талаботҳои заиф дар раванди чандинбора қонеъ шуданашон нисбатан устувор мешаванд.

Талаботҳо дар он мавриде асоси амалии рафтор мегарданд, ки агар барои қонеъ гардониданашон воситаҳо ва шароитҳо (ашёи фаъолият, олоти фаъолият, дониш ва тарзи амалиёт) мавҷуд бошанд ё сохта шаванд. Ҳар қадар воситаҳои қонеъгардонии ҳамин талабот гуногунранг бошанд, ҳамон қадар онҳо устувортар мегарданд.

Агар бодиққат ба аҳроми А.Маслоу назар афканем, пас “инкишоф” ва “тараққиёти шахсӣ” – ро дар қисмати болоии он мушоҳида мекунем. Инро танҳо бо чунин ҳақиқат собит намудан лозим меояд, ки камтарини одамон ба мавзӯи тараққиёти шахсӣ ва инфиродии худ ба таври воқеӣ менигаранд, зеро барои ба қуллаи аҳром ё худ мақсади гузоштаи худ расидан лозим аст.

Ҳамаи одамон бо омилҳои гуногун ангезонида мешаванд. Гарави муваффақият он аст, ки ба корманд он чизе ки дар ҳақиқат мехоҳад, шавқу ҳавас дорад, ҳамон натиҷаро соҳиб гардад. Танҳо ҳамон типи одамоне, ки ба гуруҳи иҷтимоӣ-психологӣ дохил мешаванд, инро фаҳмида мегиранд ва низоми мувофиқи ангезишро ташаккул медиҳанд.

Мутахассисони ҷавон аксар вақт барои музди меҳнати ночиз ва ё сарбории камтарин омода ҳастанд, мувофиқи он фаъолият баранд ва бо ин роҳ онҳо мехоҳанд таҷрибаи корӣ ва касбияти худро баланд бардоранд. Аммо аксар вақт дар корҳои ҷамъиятӣ сустӣ, беҳаракатӣ нишон медиҳанд, кӯшиш мекунанд чизеро омӯзанд, вале дар раванди педагогӣ ва фаъолият дар коллектив бетараф ва ё бетаъсир мемонанд. Кормандони ҷавон кори худро ба нақша даровардан ва ё онро таҳлил карда наметавонанд, аз уҳдаи муайян намудани натиҷаи хотимавӣ намебароянд. Вазифаи асосии онҳо ин иҷро намудани ӯҳдадориҳои касбии ба сарашон “бор гардида” мешавад. Фақат бо гузашти як ду сол худ ва муносибати худро нисбат ба кору фаъолияти хеш иваз мекунанд.

Корозмудагон – мутахассисони кордону моҳир, ки пеш аз ҳама, барои натиҷаи хубро ноил гардидан кӯшиш мекунанд. Ин навъи мутахассисон шахсони воқеӣ, фаъол ва худкор буда, барои идоракунии муассиса саҳмгузор ва ҳамеша ба дӯши худ супоришҳои ҷамъиятии гуногунро мегиранд. Ин хислату фаъолнокӣ дар фаъолияти омӯзгорӣ бештар дар омӯзгороне дида мешавад, ки онҳо мехоҳанд муассисаи таълимиашонро дар миқёси минтақа ҳар чи бештар соҳиби обрӯву нуфуз гардонанд, шогирдон ба пирӯзиҳо муваффақ шаванд, умуман барои рушду нумӯи коргоҳи худ заҳмат мекашанд.

Эҷодкорон – ашхоси интиқодӣ маҳсуб меёбанд, ки шакли нави кор ва роҳҳои рушди онро беҳтар медонанд. Онҳо ҳамеша дар ҷустуҷӯи усулҳо ва муносибатҳои шавқовар буда, рушд ва самаранокии раванди таълимро танҳо дар навкориву эҷодкорӣ ва зеҳнияти баланди касбӣ медонанд. Аз ин рӯ, онҳо таваҷҷуҳи хешро бештар ба воситаҳои пешрафтаи таълим ва иқдому ибтикороти нав равона месозанд.

Чун имрӯзҳо дар раванди таҳсилоти кишвар муносибати босалоҳият дар таълим амалӣ шуда истодааст, ҳар як омӯзгорро мебояд, ки эҷодкору кордон бошад, то раванди таълим ва омӯзиши хонандагон самаранок ба роҳ монда шавад. Зеро омӯзгори эҷодкор як тараф дар кори худ қобил аст, ҳамеша иқдому андешаҳои нав, ғояҳои дурбинонаи худро манзури ҷомеа гардонад, онро ба иродаи комил метавонад ва мехоҳад амалӣ созад. Вале аз ҷониби дигар ин навъи одамон дар гуруҳ созиш карданашон мушкил аст, зеро хусусияти интиқодии онҳо намегузорад бар камбудиву нуқсонҳо чашм пӯшанду бетараф бошанд.

Дақиқкор, аниқтараш хӯрдагир - шахсест, ки ҷиддиятро меписандад, оғоз ва анҷоми саривақтии корро дӯст медорад.

Нигоҳдорандаи анъана худро роҳнамо, роҳбалад, мураббӣ ва ё сарвари ғайрирасмӣ мепиндорад. Аз давутоз ва оворагӣ ба корҳои ҳаррӯза дуртар истода, механизми ба роҳбар таъсир расониданро иҷро мекунад.

Дар аксари ҳайати педагогӣ омӯзгороне фаъолият мекунанд, ки барои онҳо дар ин ё он лаҳза иҷрои талаботҳои сатҳи гуногун аҳамияти хоса дорад.

Ин аз талаботҳои синнусолӣ, маълумот, таҷрибаи корӣ, хислатномаи шахсии омӯзгор, вазъияти иҷтимоӣ-равонии меҳнатӣ вобаста аст.

Мушоҳида ва таҷрибаҳо инъикосгари онанд, ки инсон қодир аст, сарбории вазнинеро, ки ба дӯши ӯ гузошта шудааст, бардорад ва натиҷаҳои назарраси фаъолияти худро зоҳир намуда, дар як вақт кори худро бо шавқу завқ ва ҳавасмандии хоса иҷро намояд. Ин ҳолат танҳо он вақт имконпазир мегардад, ки инсон касби интихоб намудаашро дӯст дорад ва ба он шавқу ҳавас дошта бошад.

Нишона ва дараҷаи ба кор ҷалбгардии омӯзгор аз ду омил муайян мешавад. Якум, ваҷҳи махсус, ки инсон онро дар роҳи ба мақсад расидан ҳадаф мегузорад. Дуюм, сатҳи фаъолнокӣ, ки он ҳам аз ҷиҳати равонӣ ва ҳам аз ҷиҳати ҷисмонӣ вобастагӣ дорад.

Мо танҳо ҳамон вақт ба фаъолияти педагогии худ амалан “ворид” мешавем, ки агар он манфиат оварад ва дар кору фаъолияти худ ба натиҷаҳои назаррас соҳиб шуда тавонем. Ҳамаи мо боварии комил дорем, ки ба муҳити иҳотакарда ва одамон таъсир расонида, ба мақсадҳои гузошташуда расида метавонем. Сухан дар бораи чизеро иваз кардан намеравад, балки чи тавр он корро иҷро намудан меравад. Танҳо бо ҳамин роҳ комёбиву муваффақияти фаъолияти кории мо муайян мегардад.

Дуруст аст, ки фаъолияти пурсамари омӯзгори синфҳои ибтидоӣ бо омодагии касбӣ ва салоҳияти касбии ӯ муайян карда мешавад. Аз ин ҷо, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханрониҳои хеш ба такрор таъкид менамоянд, ки: «Илму маориф яке аз самтҳои хеле муҳими сиёсати давлатӣ буда, пешрафти минбаъдаи Тоҷикистон ба рушди маорифи миллӣ ва беҳдошти заминаи таълим вобаста мебошад.

Маҳз омӯзгорони соҳибмаърифату бофарҳанг ва устодони донишманду ватанпараст савияи таълиму дониши хонандагонро баланд бардошта, онҳоро ба забондонӣ, илмомӯзӣ ва худшиносиву ҷаҳоншиносӣ раҳнамоӣ карда метавонанд» [129: 8]. Дар ҳақ, маҳз омӯзгори соҳибкасб метавонад, насли

ояндаи миллату давлатро худогоҳу донишманд ба воя бирасонад. Вале дар ин роҳ омӯзгорро мебояд, ки пайваста донишу маҳорати худро сайқал бидиҳаду баҳри такмили ихтисоси хеш шавқ пайдо намояд, зеро илму дониш дар як самт намеистанду ҳамарӯза муносибатҳои инноватикӣ рӯи кор меоянду аз омӯзгор соҳиби салоҳиятҳои нав буданро талаб менамоянд.

Моҳият, таркиб ва мазмуни салоҳияти касбии омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ оид ба ташаккули умумитаълимии маҳоратҳои хонандагон ҳамчун истилоҳи педагогӣ метавонад бо кушодани мафҳумҳои якравиягиву якмаъногии “салоҳиятнокии касбӣ”, “салоҳияти касбӣ”, “касбият”, “фаъолияти касбӣ” дар матнҳое, ки истилоҳҳои мазкур таркибан ва мазмунан ворид гардида бошанд, дарк карда мешавад. Маҳз ҳамин мафҳумҳо метавонанд маънои том, дастгоҳи категориявӣ диҳад, ки бо воситаи он фаъолияти касбӣ-педагогии омӯзгор дар ҳамаи самту пайдоишаш тавсиф дода мешавад.

Салоҳиятнокии касбиро Э.Ф.Зеер чун ҷамъи донишҳо ва маҳоратҳо, ҳамчунин тарзи иҷрои фаъолияти касбӣ маънидод намудааст [60]. Олими дигар М.А.Чошанов салоҳиятнокиро ҳамчун қобилияти иҷрои фаъолият донистааст, ки дар он аломатҳои муҳим – донишазхудкунӣ, фасеҳии усул ва интиқодӣ будани тафаккурро мушоҳида карда мумкин аст [185].

А.К.Маркова муайяннамоии ҳолати иҷтимоӣ-равонии салоҳиятнокии касбии омӯзгоронро тадқиқ кардааст. Ӯ якчанд самтҳои зерини салоҳиятнокии касбии омӯзгоронро муайян намудааст. Аз ҷумла: а) касбӣ (эҳтиёҷоти холисона), равонӣ ва донишҳои педагогӣ; б) маҳорати педагогии касбӣ; в) мавқеи психологии касбӣ, нишондоди омӯзгоре, ки онро касб талаб мекунад; г) хусусиятҳои фардӣ, ки омӯзиши омӯзгорро бо дониш ва маҳоратҳои касбӣ таъмин мекунад [105-107]. Аммо дар асоси ҷудонамоии омил ва аломати ташаккулдиҳандаи фаъолият ақидаи педагог Э.М.Никитин ба муайян намудани салоҳияти омӯзгор назаррас мебошад. Мавсуф вижагиҳои хоси салоҳияти омӯзгорро ин тавр муайян кардааст: «Тамоюли

шахсӣ-гуманистӣ; қобилияти дарки тахаюлоти педагогикаи амалӣ ва амалиёти бонизом дар вазъияти касбӣ-педагогӣ; мутобиқшавӣ ба фазои фаннӣ; омӯхтан ва дар амал татбиқ намудани технологияҳои наву муосири педагогӣ; таъсири мутақобилаи маълумот ва интиқоли маълумоти таълимӣ; қобилияти якҷоякунии таҷрибаҳои ватанӣ, хориҷӣ, таърихӣ ва инноватсионӣ, навҷӯиву навкориву эҷодкорӣ дар фазои касбӣ, мавҷудияти маданияти беихтиёрона» [118].

В.А.Демин муайянкунии салоҳиятнокиро ба сатҳи малакаи шахсӣ, ва дараҷаи мутобиқнамоии салоҳиятҳои муайян пайванд дода, имконияти иштироки омӯзгорро дар вазъияти иҷтимоии тағйирёбанда сареҳан таъкид менамояд [52: 35-37].

А.А.Реан бошад, ба мавқеи комил ва иқтидори эҷодии шахсӣ эътибори ҷиддӣ зоҳир намудааст. Ба андешаи ӯ салоҳияти касбӣ на танҳо бо воситаи донишҳои бунёдӣ муайян карда мешавад, балки он тибқи таваҷҷуҳи комили мутахассис, сабабҳо ва вазифаҳои фаъолияти ӯ, дарки муҳит ва муайян кардани мавқеи худ дар муҳит, услуби ҳамкорӣ ва фарҳанги коргарӣ дар коллектив, ошноӣ ва роҳандозии маданияти лозима дар ҷомеа, қобилияти инкишоф додани иқтидори эҷодии худ ва ғайра муайян карда мешавад [81].

Олим - педагоги тоҷик Қурбонов Ғуломносир таъкид менамояд, ки самаранокии таълим аз омодагӣ ва такмили салоҳиятҳои касбӣ-педагогии омӯзгор вобаста буда, он ба роҳандозӣ намудан ва тавсеа бахшидани салоҳиятҳои калидии хонандагон роҳандозӣ карда мешавад. Тадқиқоти пешбурдаи ӯ собит месозад, ки барои иҷро намудани ӯҳдадориҳои омӯзгорӣ дар шароити инноватсионӣ чунин салоҳиятҳои касбӣ-педагогӣ ба монанди: иҷтимоӣ-психологӣ, касбӣ-коммуникативӣ, педагогикаи умумӣ-касбӣ, фаннӣ, роҳбарӣ, рефлексивӣ, маълумотӣ-коммункативӣ, салоҳият дар доираи фаъолияти инноватсионӣ ва эҷодкорӣ зарур аст [84].

Салоҳияти касбиро Н.В.Кузмина ҳамчун хусусияти хоси субъекти фаъолият, ки ченаки азхудкунии вазифаҳои касбии омӯзгор ва усулҳои

самараноки истифодаи онро аниқ месозад, муайян сохта, панҷ унсури фаъолияти педагогиро пешниҳод намудааст.

Мутобиқ бо мазмуни фаъолияти касбӣ-педагогӣ Н.В.Кузмина [82] унсурҳоро ба таври зер тасниф менамояд:

- Салоҳияти махсус – дониши амиқ, ихтисос ва таҷрибаи корӣ дар доираи фанни таълимӣ;

- Салоҳияти методӣ дар доираи ташаккули дониш, малака ва маҳорати хонандагон – истифодаи усулҳои гуногуни таълим, донистани механизми психологӣ-педагогии раванди таълим;

- Салоҳияти психологӣ-педагогӣ – дорои маҳорати ташхиси педагогӣ, маҳорати бароҳмонии муносибати мақсаднок бо хонандагон, таъмини кори мустақилона (инфиродӣ), донистани психологияи синнусолӣ, психологияи байнишахсӣ ва муошироти педагогӣ;

- Салоҳияти тафриқавӣ-психологӣ дар доираи ваҷҳ, маҳорат, раҳнамунсозии хонандагон – малакаи аниқ намудани хусусияти шахсӣ, ҳолати рӯҳии инсон, малакаи хуб бароҳмонии муносибат бо роҳбарон, ҳамкорон, хонандагон;

- Салоҳияти аутопсихологӣ – маҳорати дарки сатҳи фаъолият ва қобилиятҳои худ, донистани усулҳои худтакмилдиҳии касбӣ, маҳорати камбудиву норасоии фаъолияти худро дарк карда тавонистан, ба худинкишофдиҳӣ майлу хоҳиш доштан.

Тибқи андешаҳои Э.Ф.Зеер таъмини вазифаҳои касбӣ барои ташхиси зерсохтори шахсияти омӯзгор оварда мерасонад [60]:

- ❖ Роҳнамоии касбӣ
- ❖ Салоҳияти касбӣ
- ❖ Сифатҳои муҳими касбӣ

Зерсохтори якум, сифатҳои интегралии шахсият, ки муносибати муайянкунандагӣ ба касб, талабот ба фаъолияти касбӣ ва омодагиро муайян мекунад. Вай мавқеъ ва арзишҳои касбӣ, ваҷҳ, шавқу рағбат ба фаъолияти педагогиро фаро мегирад.

Зерсохтори дуюм – салоҳияти касбӣ – сатҳӣ огоҳ будан, обрӯю нуфузи омӯзгор, ки барои ҳалли касбии вазифаи таълимӣ – тарбиявӣ дар раванди омода намудани мутахассисони соҳибкасб, ташаккули шахсияти инсони дигар пайдо мешавад, муайян карда мешавад.

Зерсохтори сеюм – сифатҳои таълимӣ – маърифатӣ ва байникасбии омӯзгорро муайян месозад.

Муносибати босалоҳият ба таҳсилоти касбӣ ва такмили ихтисос ҳам ба дурнамои иҷтимоӣ дар соҳаи маориф ва ҳам ба манфиатҳои иштирокчиёни раванди таълим мувофиқат мекунад. Бо таҳияи мафҳумҳои дар илм муқаррар гардида, дар раванди такмили ихтисос доираи равиши салоҳиятнокӣ ба рушди салоҳияти касбии омӯзгор равона карда мешавад. Дар ин самт таъминоти ташкилию технологии ҷараёни баландбардории тахассуси омӯзгор дар асоси тақсимоти салоҳиятҳои махсус, умумӣ ва асосӣ, ки сатҳи баланду самаранокии фаъолияти касбию педагогии омӯзгорро кафолат медиҳанд, ин ҷо мо мехоҳем, системаи ягонаи гузоштани ҳадаф ва интихоби мундариҷаро маънидод намоем. Салоҳияти касбии омӯзгори синфҳои ибтидоӣ дар худ чунин қобилиятҳоро таҷассум мекунад:

- Таносуби матлаб ва амал;
- Аниқ намудани таносуби асосӣ ва ҷараёни вазъи тадқиқшаванда;
- Муайян намудани сабабҳои норавшан ва ошкори вазъияти бамиёномада;
- Пешгӯӣ дар асоси мушоҳидаи вазъи ояндаи фаъолият;
- Тафовутгузории сатҳи дарки касбӣ ва сатҳи фаъолнокшавии шахсият;
- Таъмини имконоти визуализатсионӣ – перспективии мавзӯии ба миён меомада;
- Ба нақшагирии дастовардҳои минбаъда [179].

Аз мушоҳидаву таҳлилҳои мухтасари аз ҷониби мутахассисону муҳаққиқон гузаронидашуда маълум гардид, ки барои муайянкунии баъзе салоҳиятҳои касбии омӯзгор онҳо ба мафҳуми мазкур асосҳои гуногуну

ғояҳои мантиқию маъногиро зам менамоянд. Зимни тафсири салоҳияти касбии омӯзгор мавқеи муайяни муаллифон, ки бо фарзияҳои гуногун асоснок карда шудаанд, маҳфузанд. Бинобар ин, эҳтимол аст, ки салоҳияти касбӣ – мавзӯи якчанд тадқиқоти илмӣ буда, наметавон онро бо як мазмун қобили қабул донист ва таҳқиқи мукаммали онро дар меҳвари як рисола ғунҷонид. Дар натиҷа ба назари мо дар ин самт рақобати мафҳум не, балки мафҳуми ягонаи салоҳияти касбӣ дар диди гуногунҷабҳаи проблемаи мазкур зарур аст.

Вобаста ба муносибатҳои болоӣ бояд қайд намуд, ки муҳаққиқони зиёд моҳияти салоҳияти касбиро ҳамчун сохти вазифавии маълумот донистa, маҷмӯи дониш ва маҳорати омӯзгору сифатҳои касбии ӯро ба он дохил мекунанд. Ба паҳлуҳои асосии масъалаи мазкур олимон – муҳаққиқон В.И.Андреев [5,6], Э.М.Никитин [118], В.А.Сластенин [135, 166, 167], М.А.Чошанов [185] эътибор зоҳир намуда, салоҳияти касбиро ҳамчун маълумоти системавӣ баҳо додаанд. Зери мафҳуми мазкур онҳо баҳамоии сифатҳои шахсӣ, ки барои таълими бомуваффақияти фаъолияти касбӣ шароити мусоид фароҳам меорад, фаҳмидаанд.

Қайд кардан лозим аст, ки аз ҷониби олимони ватаниву хориҷӣ паҳлуҳои мухталифи салоҳияти касбӣ муайян карда шуда, доир ба самтҳои гуногуни зуҳуроти мазкур ибрози ақида намудаанд, аз ҷумла:

- сифатҳои муҳими касбӣ, ки бо хусусияти фардии педагог алоқаманд аст;
- маҳорати омӯзгор дар таъмини ташаккули шахсияти хонанда бо назардошти маҳдудият ва дастурамале, ки ба ҷараёни таълим бо талаботу меъёрҳои педагогие, ки дар он ба иҷро мерасад;
- фаъолияти омӯзгор, ки дар таъминоти сатҳи баланди кор ва муоширати педагогӣ, ташаккули шахсияти ӯ, ба даст овардани натиҷаҳои хуб дар таълиму тарбияи хонандагон иҷро карда мешавад;
- донишу таҷриба баҳри босаводона бартараф намудани проблемаҳои пешомада дар таълиму тарбия;

- маҷмӯи салоҳияти касбӣ – педагогӣ ва ғайра.

Мусаллам аст, ки дар низоми маориф маҳз омӯзгорон дар татбиқи сиёсати давлатӣ мақоми калидӣ доранд, ки ин нукта мушаххастар дар суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо зиёиёни мамлакат (2015) баён шудааст "... калиди ҳама гуна дастоварду пешравӣ ва истиқлолияти фикрӣ омӯзгор - омӯзгор ва хазинаи маънавию илмии ӯ ба шумор меравад. Аз ин рӯ, самаранок ба роҳ мондани корҳои таълиму тарбия аз ҷониби омӯзгор имкон фароҳам меорад, ки сатҳи мафкура ва донишу ҷаҳонбинии шунавандагон боло равад ва онҳо ҳамқадами замон гарданд" [200].

Дар даврони истиқлолияти давлатӣ яке аз самтҳои рушди стратегияи миллӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳз соҳаи маориф ҳамчун низоми афзалиятнок эътироф гардида, дар ин самт ҳамасола тадбирҳои назаррасе андешида мешаванд. Дар ин замина давлату ҳукумат барои бунёди муассисаҳои таълимии нав, таҷдиди сохтори дохилӣ, сифат, мазмуну самарабахшии мундариҷа ва ҷараёни таълим таваҷҷуҳ зоҳир намуда, дар ин замина чораҳои саривақтӣ андешанд. Барои татбиқи амалии ин иқдому ташаббусҳои Сарвари давлат, дар ҷаҳони муосири зудтағйирёбанда ва пур аз тазодҳо шаҳрвандон низ бояд сифатҳои ташаббускорӣ, навоварӣ, татбиқ, тағйирпазирӣ, уҳдаборӣ, масъулиятшиносӣ ва созандагию бунёдкориро ҷоннок ва амалӣ бояд намоянд. Насли ҷавон, махсусан омӯзгорони ҷавон бояд шахсони бомаърифати аз ҷиҳати маънавӣ-ахлоқӣ устувор ва кордоне бошанд, ки роҳҳои дастрас кардани ахборро тавассути воситаҳои гуногун интихоб намуда, онро таҳлилу таркиб ва арзёбӣ карда, масъалаҳои мураккаби олами атрофро дарк кунанд, мушкилиҳои гуногуни таълимию ҳаётиро пешгӯйӣ ва ҳал карда тавонанд. Масъулияти худро дар назди оила, аҳли ҷомеа ва кишвар дарк намоянд.

Барои ташаккул ва такомули ин сифатҳо маҳз дар зинаи таҳсилоти ибтидоӣ заминаи мусоид фароҳам оварда мешавад. Дар ин ҷода нақши омӯзгор, донистани салоҳиятҳои касбии худ, дар амал татбиқ намудани таҷрибаҳои корӣ ва малакаву маҳорати педагогӣ зарур аст. Азбаски, истилоҳи "салоҳияти касбӣ" дар сарчашмаҳои педагогӣ бештар мафҳуми мазмунан наздик ба "кордонӣ", "касбият", "омодагии касбӣ", "маҳорати педагогӣ", "дараҷаи ихтисос", "салоҳият" истифода бурда мешаванд, аз ин рӯ, муҳаққиқон байни онҳо тафовути аз ҳад зиёд намегузоранд, ки ин барои таҳқиқу баррасии мафҳуми бисёрҷабҳаи "салоҳияти касбии омӯзгор" душвориро рӯи кор меоварад.

Дар доираи кори тадқиқотиамон мафҳумҳои мазкурро ҳамчун мафҳуми ҳосилшудаи асосӣ баррасӣ намуда, онро ба сифати "салоҳияти касбӣ" қабул намудем. Мафҳумҳои зикршуда хусусияти хоси худро дошта, сатҳ ва ё вазъи ташаккул ва инкишофи салоҳияти касбии омӯзгорро инъикос менамояд. Ба ин хотир мо мафҳуми салоҳияти касбиро барои ифодаи сатҳи касбии педагог истифода мебарем. Инчунин "дараҷаи ихтисос" – ин дараҷаи касбии дар шаклҳои муайяни иҷтимоӣ пайдошуда низ номида мешавад.

"Тахассусмандӣ" – мафҳуми умумии инъикоскунандаи хусусияти хоси субъекти фаъолияти педагогӣ, муайянкунандаи сатҳи азхудкунии маданияти касбии педагог маҳсуб меёбад.

"Маҳорати касбӣ" сатҳ ва дараҷаи салоҳиятнокиро ифода мекунад. Дар навбати худ мафҳуми "салоҳият" бештар ҳамчун соҳаи алоқамандии амиқи дониш, малака, маҳорати омӯзгор, чун ҷанбаи ягонаи салоҳиятнокӣ тадқиқ карда мешавад. Аз ин нуктаи назар айният додани ду мафҳум "салоҳият" ва "салоҳиятнокӣ" қобили қабул нест. Мафҳуми "салоҳиятнокӣ" аз рӯи ҳаҷм ва мазмун ба таври фарох ба худ салоҳият касб менамояд.

Биёед, дида мебароем, ки истилоҳи «салоҳият», «салоҳиятнокӣ», «муносибати салоҳиятнок» дар адабиёти педагогӣ чиро ифода мекунанд?

Дар аввал ба луғати калимаҳои хориҷӣ муроҷиат мекунем, ки дар он чунин оварда шудааст:

- салоҳият–маҷмӯи масъалаҳое, ки шахсият онҳоро тавассути маърифат ва таҷрибааш медонад;
- салоҳиятнокӣ – соҳиби салоҳият будан.

Аз нуқтаи назарӣ педагогӣ салоҳиятнокӣ ҳамчун натиҷаи дилхоҳи таҳсилотест, ки дар *рафти он маҷмӯи салоҳият* соҳиб мешавад, мебошад. Дар ҳоле ки ҳар як салоҳияти алоҳида (мисол ахборотӣ ва ё тадқиқотӣ) худ ҳамчун маҷмӯи мураккаби амалҳост, ки ҳамгироиро талаб менамояд, на ҷамъи содаи донишу малакаҳоеро, ки пеш гирифта буданд, дар назар дорад.

Дар марҳилаи истифодаи усули тадқиқотӣ мо ба рушди фаъолияти фикрии хонандагон, ташаккули дониши появии мактаби асосӣ, ташаккули салоҳиятҳои зерин мегардем:

1. *Салоҳияти муҳимияти ақлӣ:* қобилияти мушоҳидакунӣ ва дарки зуҳуроти табиат; дарки аҳамияти ҳодисаҳо дар табиат; пешгӯии самти илмии истифодаи онҳо дар фаъолияти амалӣ.
2. *Салоҳияти умумиҷамъиятӣ:* дарки нақши илмҳои биологӣ ва химиявӣ дар ҳаёти инсон, нақши ин илмҳо дар байни фанҳои табиӣ.
3. *Салоҳияти таълимию маърифатӣ:* ахборотро ба дониш табдил додан, самаранок нигоҳ доштан, истифода намудан, табодули дониш намудан ва ғ.
4. *Салоҳияти ахборотӣ:* муқоиса ва таҳлил намудани сарчашмаҳо; хониши бошуурона: дар матн ахбороти асосиро ҷудо кардан, конспект тартиб додан, тартиб додани саволҳо ба матни хондашуда, тартиб додани ҷавобҳо; аз ахборот интихобан гирифтани маълумот, ғояҳо, алоқаҳо ва шарҳ додани онҳо;
5. *Салоҳияти коммуникативӣ:* дар муошират озод будан; ташкил намудани муносибатҳо бо дигарон; қабул намудани фикр ва ба тарзи фаҳмо расонидани ахбор; дар даста кор кардан; паси сар кардани

мушкилот дар муошират.

6. *Салоҳияти иҷтимоӣ-меҳнатӣ:* дарки арзишҳои синфхонаҳо (кабинет)-и таҷҳизонидашудаи биология ва химия дар омӯзиши сикли фанҳои табиӣ; нақши шунавандагон дар ҷиҳозонидани синфхонаи фаннӣ.
7. *Салоҳияти мустақилиятнокӣ:* ҷустуҷӯ кардан (ё мустақилона пеш рафтан, ё шахсони медонистагиро пурсидан ва ё ба сарчашмаҳои ахборӣ муроҷиат намудан); дар пеши худ мақсад гузоштан, тартиб додани нақшаи кори худ;
8. *Салоҳияти тадқиқотӣ:* тадқиқотҳои фардӣ ва гуруҳӣ гузаронидан; фарзияҳо пешниҳод намудан; ба нақша гирифтани марҳилаҳои тадқиқот; дар раванди тадқиқот пешгӯйӣ намудани оқибатҳо, ҳодисаҳо, зуҳуротҳо ва ғайра; дар таҷриба истифода намудани натиҷаҳо.

Аз рӯи нуқтаи назари дигар “салоҳият” тибқи луғати Ожегов С.И. чунин маъноҳоро ифода мекунад: “доираи ҳуқуқ, ҳудуди ягон шахс, ташкилот, проблема, коре, ки зери тахаюлоти ягон нафар қарор дорад” ва ғайра [127].

Истилоҳи “салоҳиятнокӣ” одатан нисбати ашхосе, ки мавқеи муайяни иҷтимоӣ – касбӣ доранд истифода шуда, сатҳи мувофиқати фаҳмиш, дониш ва маҳорати онҳо дар ҳалли вазифа ва проблемаҳои пешомадаро ифода мекунад.

Салоҳиятокӣ ва салоҳият мафҳумҳои якдигарро мукаммалкунандаву ба ҳам вобаста буда, шахси босалоҳияте, ки салоҳият надорад, наметавонад ба таври пурра онро таъмин намояд. Чунин фаҳмиш дар тадқиқоти А.С.Белкин, ба ин тарз баён гардидааст: “салоҳият ин маҷмӯи он чизе, ки инсон фикр мекунад, салоҳиятнокӣ бошад, маҷмуи он чизе, ки ӯ дорад” [26].

Истилоҳи “салоҳият” ва “салоҳиятнокӣ” дар даҳсолаи охир илми педагогика ва дидактикаи хусусиро мавриди истифодаи умум қарор додааст. Олимону педагогон ва методистон кӯшиш ба харҷ дода истодаанд, ки китобу маводҳои таълимиро перомуни “салоҳият” ва “салоҳиятнокӣ” рӯи кор

оварда, омӯзгор ва донишомӯзро ба ин низом ба таври куллӣ ворид намоянд. Зеро салоҳият талабот-меъёри қаблан муқарраргардидаи иҷтимоӣ ба шумор меравад, ки ба омодагии таҳсили хонанда ва барои фаъолияти пурсамари ӯ дар соҳаи муайян зарур мебошад. Салоҳият натиҷаи таҳсил буда, ҳамчун қобилияти истифода бурдани дониш, малака ва маҳорат ҳангоми ҳалли масъалаҳои соҳаи муайян зоҳир мешавад [121: 5-9].




***Расми 2. Фарқияти истилоҳи салоҳиятҳо***

Аз ин ҷо, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади баланд бардоштани сифати таҳсилот ва самаранокии раванди таълим таҳияи стандартҳои фанниро ба роҳ монда, ба омӯзгорон шароит фароҳам овардааст, ки донишомӯзонро баъди хатми муассисаҳои таҳсилотӣ дорои салоҳиятҳои фаннӣ гардонад.

Дар шароити имрӯз барои ба талаботи бозори меҳнат мувофиқ будан ва ҳамҷараёни инкишофи босуръати муносибатҳои иҷтимоӣ ва иқтисодии ҷаҳон, инчунин фарогирии ҳар чӣ бештари воситаи иттиллоот будан, танҳо бо дониши назариявӣ наметавон ба ин ҳадафҳо расид. Барои расидан ба ин мақсадҳои олӣ ва мувофиқи сатҳу сифати ҷаҳонӣ тайёр кардани кадрҳои тахассусӣ дар амал истифода бурдани донишу малакаҳои назариявӣ моро шарту зарур аст. Таҷрибаҳо собит сохтаанд, ки пеш аз он ки омӯзгор барои салоҳиятнок гардонидани хонандагон шуруъ кунад, худ бояд дорои салоҳиятҳои касбӣ бошад ва касбияту ихти соси худро мунтазам тақвият

диҳад, танҳо бо ин роҳ омӯзгор метавонад, шунавандаи худро мутобиқ ба бозори меҳнат тарбия мекунад.

Дар фарҷоми асри XX Иттиҳоди Аврупо якчанд гуруҳи салоҳиятҳои калидиро муайян ва роҳандозӣ намуд, ки онро инсони муосир барои муошират ва зиндагии маданӣ, иҷтимоӣ ва сиёсӣ бояд соҳиб бошад. Ин салоҳиятҳо барои соҳиб гардидан бо касбу дониш (хондан, маълумот гирифтан), кор кардан ва маоши дуруст гирифтан, зиндагиро пеш бурдан, ҳамҷоя зистан зарур мебошанд. Асоси инкишофу такомули ин салоҳиятҳо, албатта, масъулиятшиносӣ, мустақилнокӣ, таҳаммулпазирӣ, маҳорати муошират, малакаи ташаккул ва баҳогузории танқидӣ, худтаъминкунӣ, худинкишофдиҳӣ ва ғайра маҳсуб меёбад.

Ҳамин тариқ, бо таври ба даст омадани салоҳияти касбӣ омӯзгори муосир метавонад сатҳу дараҷаи касбияти худро баланд бардорад ва бо воситаи ангезонидани малакаву маҳорати кории худ ва ангезиш додани фаъолнокии хонандагон дар ҳар фанни таълимӣ фаъолияти педагогии худро самаранок ба роҳ монад.

Омӯзгори соҳибтаҷриба самаранокии фаъолияти педагогии худро ҳамон вақт дарк мекунад, ки агар ба саволҳои зерин ҷавоби саҳеҳ дода тавонад:

1) Натиҷаи фаъолияти таълимӣ чӣ арзише дорад?

2) Фарҷоми кор чӣ натиҷа хоҳад дод?

3) Оё ман метавонам ба натиҷаи кор таъсир расонам?

4) Оё натиҷаи мусбиро интизор шудан мумкин аст?

Муҳим аст, ки ҳар фард ба натиҷаҳои мусбии худ боварии комил дошта бошад. Барои ба дастовардҳои назаррас расидан, боварии шахсони наздикро сазовор будан аҳамияти калон дорад. Пеш аз ҳама, зарур аст, ки донишомӯзон ба омӯзгор ва натиҷаҳои фаъолияташон боварии комил дошта бошанд. Барои ба ин мақсад расидан, аввал бо роҳи ангезиши шавқу фаъолнокии тарбиятгирандагонро бояд таъмин намуд, сипас дар ин замина

корҳои тарғиботиву ҳавасмандгардониро ҳамроҳ карда, ба дараҷаи ангезонидани фаъолнокии хонандагон аҳамияти махсус бояд дод.

Агар омӯзгор ба ҳамаи саволҳои дар боло буда, ҷавоби мусбии «ҳа»-ро диҳад, пас самаранокии фаъолияти худро дарк менамояд. Албатта, барои расидан ба ин муваффақият таҷриба, қувваи бузурги зеҳнӣ, дониш, маҳорат ва малакаи касбӣ ва муҳимтар аз ҳама сарфаи бисёри вақт зарур мебошад.

Ҳар як фаъолият ваҷҳҳои муайяни худро дошта, дар шароиту вазъиятҳои муайян ба амал меояд. Аз ҷумла, ангеза ё худ ваҷҳҳои фаъолияти таълимӣ низ ба ду гурӯҳ: ваҷҳҳои берунӣ ва ваҷҳҳои дохилӣ ҷудо мешаванд.

Ба ваҷҳҳои беруна ҷазодиҳӣ ва ҳавасмандкунӣ, таҳдид ва талабкунӣ, тазйиқи гурӯҳӣ дохил мешаванд. Ин ангезаҳо аз мақсади асосии таълим берун буда, донишу маҳорат дар ин ҳолат воситаи ба даст овардани мақсадҳои дигар (шунидани таъриф, ба муваффақият соҳиб шудан) мегардад, яъне дар вақти амал кардани ваҷҳҳои беруна мақсади асосии фаъолияти таълимӣ – азхудкунии донишу  маҳорат дар канор мемонад ва дар натиҷа зиддият ба вуҷуд омада, дилмондагӣ нисбати фаъолияти таълимӣ ба вуҷуд меояд.

Ба ваҷҳҳои дохилӣ ангезаҳое дохил мешаванд, ки  шунавандаро ба таълим чун расидан ба мақсади асосии фаъолият водор мекунанд. Шавқу ҳавас ба дониш, ҳисси кунҷкобӣ, баланд бардоштани маърифатнокӣ ин ҳама ангезаҳоеанд, ки ваҷҳи дохилиро қавитар мегардоданд.

Вазъият ва муносибатҳои раванди таълим дар вақти амалишавии  ин ваҷҳҳо зиддиятро ба вуҷуд меоранд. Ин ихтилофоти ба вуҷудомада  бо қувваи иродаи донишомӯз бартараф карда мешавад, чунки муборизаи дохилӣ набуда, балки мубориза бо вазъияти беруна аст.

Омӯзгор бояд дар ташаккули ваҷҳҳои дохилии хонандагон саҳмгузор бошад. Л.И.Божович ва пайравони ӯ муайян кардаанд, ки  дар ташаккули шахсияти кӯдак ва хонанда дуруст ташкил кардани фаъолият ва ғанигардонии таҷрибаи муносибати маънавӣ ва тарбияи ваҷҳҳои муносибати

маънавӣ, ба монанди маҷмуи фикрҳо, ҳиссиёт, мақсад, талабот, ирода ва фаъолияти барангезанда ба ин ё он амал саҳми муҳим доранд [34].

Аз таҳқиқотҳои равоншиносон маълум мегардад, ки дар рафти иҷрои фаъолияти якранг мумкин аст, ки дар хонандагон сифатҳои гуногун ташаккул ёбад, вале ин ё он фаъолият то кадом дараҷа ваҷҳи хонандагонро барангехта ва онҳоро ба иҷрои ин ё он амал водор мекунад, муҳим он аст. Масалан, мо ба хонандагон рӯирост ва ошкоро баён кардани фикри танқидиро талқин мекунем ва меомӯзем. Фикр мекунем, ки мо бо чунин васила дар хонандагон хислатҳои қотеӣ, нотарсӣ, ҷасурӣ, ростқавлӣ ва мунаққидиро ташаккул медиҳем. Вале аз ҷониби дигар дуруст истифода карда натавонистани маҳорати баёни фикри интиқодӣ аз ҷониби хонандагон, умуман ҷавонон, сабаби ба вуҷуд омадани проблемаҳои дигар мегардад, яъне мо ҳамеша ба мақсади дилхоҳ расида наметавонем. Албатта, ин ё он тарзи рафтор, ки хонандагон интихоб мекунанд ва чӣ гуна он ваҷҳу ангезаро қабул карда онро истифода мебаранд, яъне роҳу шеваи дуруст корбарӣ намудани он ваҷҳҳоро интихоб мекунанд, ин тарафи масъалаи муҳиму зарурӣ аст. Аз ин рӯ, доир ба ин мавзуъ, яъне таснифот ва муайян намудани ин ё он тарзи рафтор барои хонандагон, чӣ гуна қурб доштани ангезаҳо ва аз нигоҳи психологӣ таҳлилу баррасӣ намудани мафҳуми «арзиш», «амал», «аҳамияти амал», ки аз ҷониби олими равоншинос А. Н. Леонтев таҳқиқ шудааст, хеле бамаврид буда, аз аҳамият холӣ нест.

Масалан, хонанда агар ҳамсинфашро аз рӯи адолат ба зери танқид гирад, дар он сурат дар хулқу одоби ӯ сифатҳои қатъиятӣ, ҷиддиятӣ ва ростқавлӣ ташаккул меёбад. Ё аз рӯи ваҷҳе амал кунад, ки ӯ гуноҳи худро ба дӯши рафиқаш бор кунад, он гоҳ дар ӯ хислатҳои худписандӣ, мағрурӣ, ҳавобаландӣ ташаккул меёбад. Ё худ агар танқид ғаразнок буда, баҳри қасосгирӣ нигаронида шуда бошад, дар он сурат дар шууру зеҳни хонандагон хислатҳои қасосгирӣ, бевиҷдонӣ, бадхӯӣ ва дасисабозӣ ташаккул меёбад. Ва ниҳоят, агар танқид аз рӯи тарсу ҳарос ва хоҳиши худро дар назди омӯзгор ва падару модар сафед кардан ва ё ба боварии онҳо даромадан равона шуда

бошад, дар он сурат дар хулқу атвори хонанда хислатҳои мунофиқӣ, хушомадгӯӣ ва дурӯягӣ ташаккул меёбад.

Қобили қайд аст, ки таҷрибаи рафтори маънавии хонандагон ҳамон вақт мувофиқи мақсад инкишоф дода мешавад, агар ба онҳо дар хусуси ваҷҳҳои таҷрибаи рафтори амалӣ дониши мушаххас дода шавад. Аз ин ҷиҳат, тарбия кардан ва мустаҳкам намудани тарбияи ваҷҳҳои рафтори маънавӣ аҳамияти басо калон дорад.

Барои баланд бардоштани сатҳи дониш ва маърифату фарҳанги маънавии хонандагон, лозим аст, ки таҷрибаи рафтори маънавии онҳоро хуб ташкил карда, барои аз худ намудани меъёрҳо ва қоидаҳои ахлоқӣ барои онҳо имкониятҳои зарурӣ фароҳам оварда шавад.

Аз ин ҷо, яке аз методҳои ташаккули ваҷҳнокии таълим ин раванди муошırати педагогӣ маҳсуб меёбад. А.Н.Леонтев қайд намуда буд, ки «муошırати беҳтарини педагогӣ ҳамон муошıратест, ки омӯзгор дар раванди таълим бо хонандагон ба роҳ мемонад ва дар он вазъияти хуби ангезонидани хонандагонро барангехта сифати эҷодии фаъолияти таълимиро месозад, муҳити муассиру мусоидро таъмин менамояд [92, с.148].

Н.В.Кузмина ба чунин ақида аст, ки қисмати муошıратии фаъолият дар худ маҳорати бо хонандагон ба роҳ мондани робитаи мутақобилаи мақсаднокро дорад. Маҳорати коммуникативӣ ба омӯзгор барои ҳавасмандгардонии хонандагон ба фаъолият, баҳри мустақилона бартараф намудани мушкилот, бедор намудани боварии хонандагон, эҳсос намудани ҳамдардиву ҳамдилӣ дар фаъолияти якҷоя, боодобона ва одилона баҳогузорӣ намудани сатҳи дониши хонандагон ба манфиати кори таълим аст [82, с. 27].

Ба ақидаи В.А.Кан-Калик муошırати касбӣ-педагогӣ тартиби усулҳо ва услубҳои робитаи дуҷонибаи иҷтимоӣ-психологии омӯзгор бо хонандагонро фароҳам меорад, ки мазмун ва мундариҷаи он ивази маълумот баҳри амалӣ намудани ташкили таъсири муносибати мутақобила мебошад [68, с.54]. В.А.Кан-Калик машқҳои махсусеро таҳия намуд, ки дар ташаккули

маҳорати педагогӣ робитаи ду силсиларо ба ҳам мепайвандад, яъне омӯзиши амалии техника ва технологияи муошırати педагогии дар омӯзиши низоми муошират дар ҳолати додашудаи педагогӣ  [68, с.98].

Ҳамин тавр, муошırати педагогӣ дар ташкили ҳамкорӣ ва робитаи мутақобилаи омӯзгор ва хонанда чун раванди комил кӯмак намуда, ҳамкорӣ ва эҷодкорӣ дар раванди якҷояи фаъолият, ки барои ташкили муҳити мусоиди психологӣ дар раванди таълим роҳандозӣ карда мешавад, таъмин менамояд.

Дар раванди ваҷҳнокӣ ё худ ангезиш нақши асосиро ҳиссиёти мо мебозад. Агар мо доимо бар хилофи ҳиссиёти худ амал намоем, дар натиҷа фаъолияти ҳамешагии беангезишу ғайрифаъоламон ба ноумедиву маъюсӣ бурда мерасонад. Баръакси он, агар мо комилан бо худ розӣ бошем, бо ҳиссиёти ботинӣ, ваҷҳии худ ҳамнаво бошем, ин ҳиссиёт дар ҳамаи навъи фаъолият моро қувва мебахшад. Агар аз як тараф хислатҳои ноустувориву риёкорӣ ва аз дигар тараф бо омезиши ақлу хирад ҳиссиёти тазйиқкунанда одат шуда бошад ва бо он ин ҳиссиёт ҳамеша ҳамроҳ бошад, анҷоми кор оқибати хуб надорад ва дер ё зуд ба нокомӣ оварда мерасонад. Танҳо ҳамдилии ҳиссӣ ва оқилонагӣ моро ба муваффақияту комёбӣ оварда мерасонад.

Ҳиссиёти мо - омили асосие мебошад, ки ба қабули ин ё он фикри хулосавӣ таъсир мерасонад. Агар мо аломату нишонаҳое, ки дар он ҳиссиёти худ ва атрофиён зоҳир мешавад, маълум намоем, пай барем ва  фаҳмида гирем, пас натиҷабардории мо аз оқибатҳои амалҳои осонтару нишонрастар ва бомуваффақонаву мулоҳизакорона мегардад.

Аз маълумотҳои манзурнамудаи равоншиносон маълум мегардад, ки ба маданияти ҳиссӣ дохил мешавад:

- Худдарккунӣ (истеъдодест, ки ҳиссиёти худро идора мекунад);
- Худидоракунӣ (қобилиятест, ки ҳиссиёти худро мефаҳмад ва дарк мекунад);

- Худангезонидан (қобилиятест, ки ҳиссиёти худро барои расидан ба мақсад ба таҳрик меандозад);
- Эмпатия (қобилиятест, ки эҳсосоти одамони дигарро низ ҳис карда метавонад).

Муваффақият дар кору фаъолияти омӯзгор на фақат аз ғайрату ҷидду ҷаҳд ва шавқу ҳавас вобастагӣ дорад, балки ба он қобилияту маҳорати касбӣ ва аз ҳам муҳимтар муҳити корӣ низ нақши бузурге мебозад. Омӯзгор бо рафтор ва маҳорату кордонии худ ба муҳити корие, ки дар он нав фаъолият мекунад шояд таъсир расонида тавонад, вале комилан муҳитро аз нав сохта наметавонад, зеро барои амалӣ намудани мақсадҳои худ бояд муҳити созгор вуҷуд дошта бошад.

Равоншиносон се комёбии аз калимаҳои «мехоҳам», «метавонам» ва «имкон дорам» таркибёфтаро ном бурдаанд, ки агар ҳар як омӯзгори синфҳои ибтидоӣ аз рӯи он амал намояд, итминон дорем, ки насли наврас бо дониши қавию мустаҳкам ба воя хоҳад расид, зеро хишти аввалро ба девори маънавии зиндагии кӯдак маҳз омӯзгор мегузорад.

Бинобар ин, роҳи асосии даст ёфтан ба комёбиву муваффақият ин сайқал додан, ташаккул ва такомули истеъдоди ангезандагӣ мебошад. Маҳз бо дарки масъулият ва истифодаи усулҳо ва шароитҳои фаъолнокии педагогӣ, омӯзгор бояд аз як тараф барои баланд бардоштани касбияти худ ва аз ҷониби дигар барои самаранокии таълим ва дуруст тарбия намудани донишомӯзон роҳҳои истифодаи ангезандагиро омӯзад ва онро дар раванди таълим корбарӣ намояд.

## 1.2. Мавқеи салоҳиятҳои касбӣ дар муносибати ангезандагӣ ҳамчун шарти асосии такмили ихтисоси омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ

Маълум аст, ки омӯзгор шахсест, ки баҳри инкишофи қобилияти эҷодии хонандагон заҳмат кашида, барои ташаккули ҳисси шавқу рағбат нисбати ба дарки дониш нақши созанда мебозад. Омӯзгор бо истифодаи маърифати педагогии худ дар машғулиятҳо ба хонанда мустақилона фикр карданро

меомӯзад, дар раванди омӯзиши мавзӯъ ба истифода аз воҳидҳои маводи таълимӣ барои мустақилона кор кардани хонанда заминаҳоро фароҳам месозад, талаботи онҳоро ба пуррагӣ қонеъ мегардонад, барои омӯзиши фанҳо ангезаву шавқу ҳаваси хонандагонро бедор мекунад, инчунин шавқу ҳавас ва қобилияту истеъдоди инфиродии онҳоро баҳогузорӣ менамояд. Омӯзгори муосир доимо дар пайи такмили дониш, ҷустуҷӯи корҳои эҷодӣ аст ва беш аз ҳама дар ҷустуҷӯи ҷавоб ба саволи актуалии “ба хонандагон чи тавр омӯзам?” мебошад.

К.Д.Ушинский чунин таъкид намуда буд: “Доимо ихтироъ кардану сохтан, санҷидан, такмил додан ва мукаммал гардонидани дониши худ – ин курси ягонаи ҳаёти омӯзгорист!”[180]

Омӯзгори муосир бояд сифатҳои беҳтарине, ки дар ниҳоди ҳар як хонандаи хурдсол табиатан нуҳуфта шудааст, муайян намояд, баҳри бедор намудани сифатҳо ва амалӣ намудани онҳо аз ҷониби худи хонанда дар раванди фаъолият кӯшиш намояд. Гузашта аз ин, то даврони хатми мактаб заминаи мусоидро барои ташаккул ва такомули хислатҳои неки табиии ӯ ташкил намояд. Хонандаро ҳавасманд гардонад, то ки аз донишҳои ба даст овардааш хушнуд бошад ва баъд аз хатми мактаб ҷойи худро дар ҷомеа дарёбад ва бо хайрхоҳиву накӯкорӣ фаъолият бурда, барои ҳалли проблемаҳои ояндадор дар ҳаёти минбаъда омода бошад.

Ҳаёт доимо дар табаддулот аст. Табаддулоти муҳим дар таълим бе иштироки омӯзгор номумкин аст. Як қатор донишҳои муосир рӯи кор омадаанд, ки омӯзиши он ба омӯзгори муосир аз манфиат холӣ намебошад.

Ин гуфтаҳои маорифпарваронаи Сарвари оқили кишвар дар як қатор санадҳои меъёриву ҳуқуқии соҳа низ инъикос гардидааст. Аз ҷумла, дар Стандартҳои фанҳои зинаи таҳсилоти ибтидоӣ [169] гуфта шудааст, ки омӯзгор бояд сатҳи касбии салоҳиятнокӣ ва касбиятро доро бошад. Салоҳияти касбӣ бошад, танҳо он вақт самаранок ба шумор меравад, ки агар он дар асоси таҷрибаи амалӣ, иҷрои вазифаҳои касбӣ ва бартарафсозии мушкилиҳо амалӣ шуда бошад. Ҳам салоҳияти касбӣ ва ҳам раванди

пурсамари таълим бе муошират ва муносибати дуруст ва самараноки педагогӣ ба мақсади пешгузошта таъсир расонида наметавонад. Маълум аст, ки баландбардории сатҳи муносибатҳои байнифардӣ дар гуруҳи хонандагон яке аз вазифаҳое мебошад, ки муошрати сермаҳсули педагогиро талаб мекунад. Агар омӯзгор шахсияти аъзоёни коллектив ва тамоюлҳои аниқу боарзиши онро надонад, ҳалли вазифаи дар наздашистода барояш мушкил мегардад. Омӯзгор бояд дар фаъолияти худ ба системаи мавҷудаи арзишҳои мусбии хонандагон, аз қабили меҳрубонию мушфиқӣ, хайрхоҳӣ, самимият, вафо ба аҳд ва ғайра, ки сифатҳои ҷолиби муносибатҳои байнишахсӣ ва ҳусни таваҷҷуҳи тарафайнро маълум мекунад, такя намояд.

Омӯзгор вазифадор аст, ки сифатҳои дар боло номбаршударо маълум намояд ва зоҳиршавии онҳоро дар муносибатҳои байнифардии хонандагон ҳамчун омили ҳавасманд гардонӣ истифода намояд, ба онҳо чун ба сарватҳои маънавӣ дар раванди муошрати педагогии худаш нигарад.

Муошрати педагогӣ ин раванди ҳамкории системавии махсуси омӯзгору тарбиягиранда (хонанда), азхудкунии ғайримустақими донишҳо ва ташаккули шахсияти онҳо дар раванди таълиму тарбия маҳсуб меёбад.

Ба ақидаи А.А. Леонтев “муошират ҷузъи таркибии фаъолияти педагогист, ки бидуни он ба даст овардани мақсадҳои таълим ва тарбия ғайриимкон аст” [93].

Муҳаққиқ И.А. Зимняя, ба ин раванд диққати ҷиддӣ дода, таъкид мекунад, ки “муошрати педагогӣ ҳамчун шакли муҳими ҳамкории таълимӣ, шарти беҳтар намудани таълим ва тараққии шахсияти хонандагон мебошад” [62].

Аз ин ҷо маълум мегардад, ки баҳри расидан ба мақсадҳои пешгузошта ва самаранокии таълим ва тарбия касбияти салоҳиятнокии омӯзгор ва дар ин раванд тақвияту такмил бахшидани муошрати педагогӣ нақши муҳим мебозад.

Роҳҳои инкишофи касбияти салоҳиятнокии омӯзгор хеле зиёд аст. Ин ҷо тасмим гирифтем, танҳо дар атрофи мавзӯи тадқиқ кардаистодаи худ истода,

сухан ронем, ки кадом сатҳи касбияти салоҳиятнокии омӯзгори синфҳои ибтидоӣ сифат ва самаранокии хуби таълим дар мактаби ибтидоиро таъмин намуда, ба омӯзгор ё худ таълимдиҳанда хурсандиву хушнудӣ мебахшад.

Яке аз ҷузъҳои таркибии хусусиятҳои касбиро салоҳияти омӯзгорӣ ташкил медиҳад, ки таҳкурсии он дар мактаб ташаккул ёфта, дар раванди фаъолияти амалии касбӣ такомул меёбаду ба зинаи шоистагӣ мерасад. Салоҳият дар асоси омӯхтан, донистани унсурҳои муҳими ҷараёни педагогӣ, фаъолияти мунтазам ва таҷрибаи амалии омӯзгор ташаккул ёфта, давра ба давра ба салоҳиятнокии воқеии омӯзгор табдил меёбад.

Таърифҳои салоҳият дорои унсурҳои муҳими ҷараёни педагогӣ мебошад, ки дар самаранокии фаъолияти омӯзгор нақши амиқе мебозад. Мушоҳидаҳо собит намудаанд, ки унсури ҷаҳонбинии омӯзгор арзиши аввалиндараҷа дорад.

Муҳаққиқи тоҷик Лутфуллозода М. дар асари худ «Андешаҳо перомуни салоҳиятҳо ва ташаккули онҳо» як қатор талаботҳоро ҷудо намудаанд, ки дар самаранокии фаъолияти омӯзгори муосир мавқеи хос дошта, дар маҷмӯъ сатҳи ҷаҳонбинии ӯро инъикос менамояд. Талаботҳоро метавон ба таври махсус чунин ҷудо намуд:

- донишҳои касбӣ, педагогика, психология, методика ва технологияи таълимро аз худ намояд;

- ҷаҳонбинии васеи илмӣ –фалсафӣ дошта бошад;

- қонуниятҳои инкишофи табиату ҷамъиятро донista, ба онҳо аз нигоҳи илмӣ баҳо дода тавонад;

- панду андарз, фикру ақидаҳои олимону мутафаккирони миллатро мунтазам омӯзад;

- аз мазмун ва мундариҷаи қарору қонунҳо, консепсияҳо, ки давлату ҳукумат, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул менамояд, бохабар бошад;

- аз мазмуну мундариҷаи фанҳои ҷомеашиносӣ ва иқтисодӣ огоҳ бошад;

-аз навоварӣ - навгониҳои илму техника, навиду иттилоотӣ-инноватсионии ҷаҳону кишвар бохабар бошад;

- дар чорабиниҳои гуногуни сиёсиву ҷамъиятӣ, ба монанди озмунҳо, олимпиадаҳо, семинару конференсияҳо, ки ба ихтисос марбутанд, фаъолона ширкат намояд;

- дар курсу семинарҳои такмили ихтисос, ки мувофиқи нақша гузаронида мешавад, иштирок намояд. [102,9].

Маълум аст, ки самтҳои афзалиятноку муосири инкишофи ҷомеа ва зарурати азнавсозии таҳсилот муассисаҳои таълимиро дар шароити нави фаъолият қарор медиҳад. Яке аз ин самт, ки самаранокии таълимро инъикос мекунад, ин талаботе мебошад, ки дар ҷараёни ташкили раванди таълим, сифати таҳсилот, мувофиқати он ба стандарти давлатӣ ба миён меояд. Мактаб барои ҷомеа ва давлат ҳамчун муассиса, на танҳо масъули таълим, ҳамзамон масъули тарбия ва саломатии хонандагон маҳсуб меёбад. Мушоҳидаву таҷрибаҳо нишон додаанд, ки яке аз самаранoктарин тамоюли омӯзишии муассисаҳои таълимӣ ин коркарди технологияҳои самаранок ва роҳу усулҳои ҳифзи хубтару беҳтари саломатӣ, таълим, тарбия ва рушд пазируфта шудааст.

Таҷриба ва мушоҳидаҳои фаъолияти омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ собит месозад, ки раванди фаъолияти онҳо се роҳи асосии инкишофи касбияти салоҳиятнокиро дар бар мегирад. Ин ҳам бошад, фаъолияти доимӣ аз болои ба даст овардани донишҳои нав, худомӯзӣ ва такмили малакаҳои пештар ба дастоварда, вориднамоии онҳо ба раванди таълим, азнавсозии ҳаёти ботинии худи омӯзгор ба ҳисоб меравад.

Муайян карда шудааст, ки саромади таҳаввулоти иҷтимоӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии ҷомеа танҳо ба фаъолияти касбии омӯзгор асос меёбанд. Омӯзгоре, ки бо неру ва иқтидори зарурии зеҳнӣ, илмӣ ва методӣ мусаллаҳ аст, метавонад, масири зиндагии иҷтимоъро тағйир диҳад ва ҷомеаро бо роҳи ақлу хирад ва илму дониш роҳандозӣ намояд. Омӯзгоре, ки биниши илмӣ дорад, ҳама он ҳодисаву воқеаҳои ҷаҳони имрӯзаро бо диди

тоза ва орӣ аз таассубу хурофот ба хонанда, шунаванда, донишҷӯ мерасонад. Мушоҳидаҳо собит сохтаанд, ки на ҳама омӯзгоре, ки касби омӯзгори муассисаҳои таълимиро пеша кардааст, аз ин тарҷеҳ огоҳӣ дорад ва дар таъбиру тавзеҳи масоили гуногуни иҷтимоию сиёсӣ, фарҳангию иқтисодӣ, илмию фалсафӣ ва ахлоқию маърифатӣ, ки дар раванди таълим зуҳур мекунанд, маҳорату малака ва донишу биниши зарурӣ дорад.

Агар омӯзгор аз тамоми усулҳо ва услубҳои таълим хабардор бошад ва аз онҳо ба таври васеъ истифода намояд ҳам, дар сурати надоштани ҷаҳонбинии илмӣ аз он ҳадафи аслӣ фарсаххо дур мемонад. Қайд кардан бамаврид аст, ки ба биниши илмӣ – мантиқӣ майл надоштани омӯзгорон дар кам мутолиа кардан ва кам ҷустуҷӯ намудани онҳо боис гардида метавонаду халос. Омӯзгори имрӯза мебояд, ки завқи кунҷковӣ, шавқи ковишу ҷустуҷӯи масоили муҳиму ҷолиби илмӣ – фалсафӣ, сиёсию иҷтимоӣ ва фарҳангиашро баланд бардорад ва гузашта аз ин дар дарёфт ва мутолиаи матолиби илмӣ – таҳқиқӣ хеле баҳавсала гардад. Ҳол он ки ҳар як омӯзгор дар ҳар давру замон бояд мунтазам омӯзад ва омӯхтаҳояшро эҷодкорона дар фаъолияти касбиаш истифода намояд. Чи тавре ки дар боло таъкиди К.Д.Ушинский қайд карда шуд: «Омӯзгор, то даме ки зинда аст, мехонад, ҳамин ки аз хондан бозмонд, симои омӯзгориаш низ барҳам мехӯрад». [180]

Дар курсҳои бозомӯзӣ мушоҳида карда мешавад, ки бархе аз омӯзгороне, ки ба такмили ихтисос аз ҷониби муассисаҳои таълимӣ фиристода мешаванд, сатҳи пасти биниш ва фаҳмиши илмӣ доранд ва ин ҳолат имрӯз ба як мушкилии саросарӣ табдил ёфтааст ва ҳалли бетаъхири он вазифаи тамоми ниҳодҳои фарҳангӣ ва маърифатии кишвар маҳсуб меёбад. Ба доми таассубу хурофот гирифтор шудани баъзе ашхоси фарҳангӣ гувоҳи он аст, ки биниши илмӣ дар минтақа ба буҳрони амиқ мувоҷеҳ шудааст.

Аз ин лиҳоз, омӯзгори соҳибкасб бояд донад, ки асоси салоҳияти педагогиро системаи салоҳиятҳои калидӣ (иҷтимоӣ, коммуникативӣ, маданӣ, когнитивӣ ва умумӣ (забонӣ, нутқ, экологӣ, тарзи ҳаёти солим ва монанди

инҳо)) ташкил медиҳад. Қайд кардани як қатор салоҳиятҳои касбӣ-педагогӣ: ахборотӣ, фанниву байнифаннӣ, психологӣ-педагогӣ ва илмӣ-методӣ ногузир аст. Онҳо на фақат донишандӯзиро оид ба фанни ихтисосӣ ва гуманитарӣ дар соҳаи психологияи умумӣ ва синнусолӣ, усули таълим, педагогикаи умумӣ, балки маҳорати таҷдиди донишҳои мазкур ва мазмуни фан, ташаккули мафҳумҳои зарурии илмӣ, дарки равандҳои асосӣ падидаҳои нави соҳаи таҳқиқоти илмиро таъмин менамояд.

Ҳамаи ҷанбаъҳои тадқиқшудаи салоҳиятҳои касбӣ ба омӯзгори синфҳои ибтидоӣ муносибати бевосита дорад. Баробари ин, хусусияти кору фаъолияти омӯзгор дар синфҳои ибтидоӣ таъсири худро ба шакли мазмуни салоҳияти касбӣ мегузорад.

Хусусияти омӯзгори синфҳои ибтидоӣ аз он иборат аст, ки ӯ аввалин шуда ҷараёни таълимиву тарбиявиро оғоз мекунад, дар хонанда малакаи омӯхтанро пайдо мекунонад, намунаи ибрат дар мактаб мегардад, ки аз он муваффақияти хонанда дар солҳои минбаъда вобастагии калон дорад. Барои таълими ибтидоӣ дар зинаи мазкур ташаккули малакаву маҳорати донишандӯзӣ, сатҳи азхудкунии бархе аз онҳо, муайян кардани муваффақияти хонанда дар ҳамаи зинаҳои таълим афзалияти хоса касб менамояд. Маҳорату малакаи донишазхудкунии хонандагон дар синфҳои ибтидоӣ барои ташаккули малакаи ҳаматарафаи инсон ҳамчун малакаи хондан, хоҳишу талаботи омӯзиш ҳамчун асос хизмат мекунад.

Қобили тазаккур аст, ки малакаи донишазхудкунии хонандагони хурдсол, оне, ки дар фаъолияти таълимии ҳаррӯзаи эшон истифода мешаванд, фаҳмида мешавад. Дар ҳуҷҷатҳои меъёрии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки раванди таълими ибтидоиро ба низом медарорад, маҳорату малакаи таълимиро шартан ба се гуруҳ ҷудо мекунанд: маҳорат, малака, усулҳои фаъолият, ки бо донишандӯзӣ алоқамандананд: малакаи ташкил намудани фаъолияти шахсӣ [169].

Маҳорат, малака ва усулҳои фаъолияти таълимиро ба таври махсус қайд кардан ҷоиз аст, ки онҳо ба фаъолияти пайваставу якҷояи омӯзгору хонандагон пайванди ногусастанӣ доранд:

– Хониши бошууронаи матнҳои бадеӣ, илмӣ-оммавӣ, публитсистии ба синнусоли хонанда мувофиқ, ҷудо кардани мазмуни асосӣ, нақли мазмуни матн, ҷустуҷӯи маълумот аз адабиёти таълимӣ, фарҳанг ва маълумотномаҳо (аз ҷумла бо истифода аз компютер);

– Иҷрои кор аз рӯи алгоритм; фардӣ, якҷоя (бо аҳли синф) ба миён овардани проблемаҳои нав, муайян намудани мураккабии фаъолият барои ҳалли супориш ва ё проблема, баён намудани фикру андеша баъди муқоиса;

– Муайян намудани ҳудуди байни маълум ва номаълум; таносуби натиҷаи фаъолият бо намуна; ошкор намудани иштибоҳи худ ё дигарон дар раванди таълим ва ислоҳ намудани онҳо; коркарди меъёри баҳогузорӣ барои корҳои таълимӣ, баҳогузорӣ ба фаъолияти худ ва аҳли гуруҳ аз рӯи супоришҳои пешниҳодшуда;

– Мулоҳизот бо калонсолон барои машварат ва ё барои пурра намудани маълумот, доир ба бартараф кардани душвориҳои раванди таълим, ки бештар худи хонанда  эҷод мекунад; бедор намудани майлу хоҳиш ва шаклдиҳии малакаи тадқиқотӣ-ҷустуҷӯӣ, пешниҳод намудани дониш дар намуди тайёр;

– Ташкили фаъолият дар гуруҳҳои хурд, азхудкунии малакаи ҳамкорӣ дар раванди таълим (малакаи танзими ихтилофот);

– Қабули нуқтаи назари дигарон, ба таври асоснок баҳо додан ба фаъолият ва муҳокимаҳои ҳамсинфон дар ҷараёни кор, мутобиқ намудани гуногунандешӣ ва ноил шудан ба натиҷаи умумӣ.

Муаллифони китоби “Педагогикаи умумӣ ва касбӣ” академик Шарифзода Ф. ва Миралиев А. дар қатори он, ки се рукни асосии низоми таҳсилотро, ки ин низом дар тамоми давру замонҳо рӯи онҳо қарор мегирад: мазмуни таҳсилот, тарбия ё омодасозии омӯзгорон, заминаи моддию техникӣ

номбар намудаанд, боз оид ба ҳавасмандӣ сухан рондаанд ва онро ҳамчун фазои умумии эҳтиром ба таълим, илм, фарҳанг шуморидаанд, ки ҷиҳати ҳавасманд намудани одамон ба таҳсили босифат дар ҷомеа зарур мебошад. Барои он зуҳури ин фазо ҳавасмандии маънавӣ ва моддӣ лозим аст, ки он шахсро барои фаро гирифтани таҳсилоти босифат водор месозад. [188]

Маълум аст, ки ҷараёни ташаккули шахсияти иҷтимоӣ ҳавасмандии хонандаро нисбат ба омӯзиш зиёд мекунад ва омӯзгори эҷодкору ботаҷрибаро дар ин ҷода зарур аст, ки нисбат ба баландарбардории касбияти худ ва ба роҳ мондани самаранокии таълим ва тарбия дар мактаби ибтидоӣ бо ҳавасмандиву ангезандагӣ фаъолияти худро ба роҳ монад. Шахсияти иҷтимоӣ наметавонад дар доираи маҳдуди раванди омӯзишу парвариши мактаб ташаккул ёбад. Баландбардории ҳавасмандӣ ва ташаккули шахсият дар дигар дараҷаи сифатӣ сурат мегирад. Агар барои ҳамкории мактаб бо муассисаҳои мухталифи иҷтимоӣ, пеш аз ҳама бо хонавода шароит фароҳам омада, модели ҳамкории самарабахши мактаб ва муассисаҳои гуногуни иҷтимоӣ таҳия шавад, барои ҷалби волидон, кормандони муассисаҳои иҷтимоӣ баҳри фаъолияти якҷояи таълимию тарбиявӣ шароит муҳайё мегардад.

Ҳоло ҳозир дар ҷои аввал баҳри баландбардории ҳавасмандии фаъолияти эҷодии педагогӣ, ихтисосмандии педагогҳо дар соҳаи ҳифзи саломатӣ ва технологияи акмеологӣ шароит фароҳам овардан зарур аст.

Проблемаи рафтори ваҷҳнокӣ дар баландбардории касбияти омӯзгори синфҳои ибтидоӣ предмети тадқиқоти алоҳида нагардидааст. Дар адабиёти илмӣ мафҳуми муайяну дақиқи додашуда мавҷуд нест. Махсусиятҳо ва шароитҳои педагогии самтҳои самараноки баландбардории салоҳияти ахлоқии омӯзгори синфҳои ибтидоӣ дар раванди такмили ихтисос бо муносибати ҳамҷоя мавриди тадқиқ қарор нагирифтааст.

Баландбардории касбияти омӯзгори синфҳои ибтидоӣ яке аз қисматҳои ҷудонопазири омодагии касбии омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ, ки дар он

тамоюли муосири инкишофи касбият (педагогӣ-касбӣ), шавқмандии омӯзгор ҳамчун мафҳуми иҷтимоӣ-педагогӣ (Н.В.Кузмина, А.К.Маркова, А.И.Пискунов, В.А.Сластенин, О.М.Шиянов ва дигарон) ба ҳисоб меравад [82, 105, 140, 165, 132].

Таҳлили мазмунӣ ва вазифавӣ-тартибии такомули дониши омӯзгорон ин мафҳуме мебошад, ки моро ба дарки маъноии омодагии касбии омӯзгори синфҳои ибтидоӣ ҳамчун иҷроиши омодагии фаъолияти маҳсулнокӣ мутобиқи сифатҳои арзишноки касбӣ ва тамоюли арзишманд бурда мерасонад.

Дар асоси таҳлили такмили ихтисоси омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ чунин қисматҳо ба назар гирифта шуда буданд: ваҷҳнокӣ-арзишӣ, дарккунӣ, фаъолиятӣ, ки дар ҷадвали зер мо онро ба таври пурра тавсиф медиҳем, ки кадом қисмат ба кадом мақсади касбияти омӯзгор бурда мерасонад.

**Ҷадвали 1**

**Қисмат ва нишондодҳои асосии ҳавасмандсозии ахлоқии омӯзгор**

| Қисматҳо | Нишондиҳандаҳо |
|---|---|
| Ваҷҳнокӣ-арзишӣ | Фикркунии зарурияти такмилдиҳии дониши омӯзгор ва аҳамияти он дар фаъолияти касбӣ: муносибатҳои арзишманд нисбат ба касби педагогӣ, ба одамон, ба худ: самти гуманистии фаъолияти омӯзгор ва монанди инҳо. |
| Дарккунӣ | донистани асосҳои назариявии этикаи педагогӣ, асосҳои педагогӣ-психологии таълими муосир. |
| Фаъолият | қобилияти омӯзгор танҳо донистан ва ё эҳсос намудан нест, балки мувофиқи дониш ва ақидаҳои худ амал намудан, маҳорати интихоб намудани рафтори хуб мутобиқ ба меъёри педагогӣ, омодагӣ ба худтакмилдиҳии касбӣ ва монанди инҳо. |

Вале дар амалия қисматҳои номбаргардида, бо воситаи сифатҳои касбии омӯзгор, ки ба он имконият ва салоҳияти омӯзгор дохил мешаванд,

шавқ нисбат ба касби дӯстдошта, кӯшиши пешниҳоди ғояҳои нав ва муносибати мактабиёни хурдсол ба таълим, дастрасӣ ба қабули вазъиятҳои дигарон, ақидаи умумии маданият ва тамоюли арзишмандӣ, эҳсосҳои устувор, самтҳои мусбӣ ба фаъолияти педагогӣ амалӣ карда мешаванд.

Маълуми ҳамагон аст, ки дар раванди такмили ихтисоси омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ, ки ба инкишофи сифатҳои касбӣ роҳандозӣ карда мешаванд, бояд хусусияти ҳамҷоягӣ дошта бошанд, ки фаъолияти касбиву ахлоқии омӯзгорро инъикос менамояд. Дар ин раванд, ба сифати муносибати методологии пешбар, муносибати интегративӣ ҳамчун муносибатҳои аксиологӣ ва салоҳиятҳо интихоб карда шудаанд, ки дар асоси он принсипҳои ягонаи таълимӣ-методӣ муайян гардид, ки он ба тағйирёбандагӣ, имконияти арзишӣ-раҳнамоӣ, арзёбии аксиологӣ, муносибати фардӣ, фаъолнокӣ, худбавуҷудории шахси ҳамкор ҷудо карда мешавад.

Яке аз вазъияти баландбардории сифати таҳсилоти умумӣ дараҷаи баланди касбияти фарҳанги педагогӣ ва салоҳиятнокии омӯзгорон маҳсуб меёбад, ки фаъолияти педагогиро дар шароити муҳити таълими муосир самаранок ба роҳ мемонад. Мақсади тартиби такмили ихтисоси кормандони соҳаи маориф ва роҳбарони муассисаҳои таълимӣ ташкил намудани шароити самаранок барои баландбардории сатҳи касбият ва маҳорати педагогӣ ба ҳисоб меравад.

Бо тафовут аз дигар сохторҳои масъули давлатӣ дар низоми маориф баргузории курсу семинарҳои такмили ихтисос ва бозомӯзии касбӣ муҳим арзёбӣ шуда, вобаста ба шароиту имконияти мавҷуда судманд ба роҳ монда шудаанд.

Дар натиҷаи такмили ихтисоси кормандони соҳаи маориф натиҷаи комплексии ташаккул ва такмили салоҳиятҳои касбӣ, тағйирот дар фаъолияти касбии педагог ба вуҷуд омада, арзёбӣ мегарданд. Талабот ба низоми такмили ихтисос тибқи нақша ва дархости худи омӯзгор дар доираи модели инфиродӣ бояд ташкил ва таҳия гардад.

Талабот ба такмили ихтисос рӯз то рӯз афзуда, мушкилотҳои зиёдеро маълум карда истодааст. Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади мувофиқгардонии стандартҳои худ ба стандартҳои байналмиллалии таҳсилот, тағйир додани сохтор ва мазмуни таҳсилот, инкишофи низоми муттасили таҳсилот, ташкили равияҳо ва таҳсили касбӣ мувофиқи истеъдоду қобилияти омӯзгорони оянда, истифодаи технологияи нави иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ дар раванди таҳсил, ба роҳ мондани таълими равиявӣ ва касбӣ, ҷорӣ намудани маблағгузории сарикасӣ ва шартномавӣ чораҳои амалӣ андешида истодааст.

Ҷ.Булбулов талабот ба такмили ихтисосро як роҳи расидан ба самаранокии таълим ва яке аз роҳҳои таҷдиди низоми мактабу маориф огоҳонидани омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ шуморидааст. Ӯ қайд менамояд, ки “омили муҳимтарини ислоҳоти соҳа ин “такмили мактаби муосир ва рушди он, демократисозӣ ва инсонгароии он, ... даст кашидан аз консепсияи инсон ҳамчун олитарин арзиши ҷомеаи кунунӣ, ...ҳамкории омӯзгор – хонанда, омӯзгор – коллективи педагогӣ, хонанда – хонанда” ба ҳисоб меравад” [39].

Академик Шарифзода Ф. иддао доранд, ки “тарбияи узви комилҳуқуқи ҷомеа, инсони маънавӣ аз вазифаҳои дигари низоми муосири маориф ба шумор меравад. Имрӯз дар ҷомеаи демократии мо масъулияти шахсӣ дар назди худ ва ҷамъият, дараҷаи вазифа ва виҷдони маънавии ӯ, такмили шахсияти инсон аҳамияти муҳим касб менамояд” [188].

Масоили ташаккули инсони комил дар вазъияти кунунии муносибатҳои бозорӣ муҳимтарин вазифаи давлатӣ маҳсуб ёфта, он ҳамешагӣ зери назару дастуру ҳидоятҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дорад. Бо ин маънӣ дар яке аз гузоришҳои Президенти мамлакат чунин омадааст: «Мақсади асосии низоми таҳсилот тарбияи шахсиятҳои фаъолу созанда аст. Дар робита бо ин масъалаҳо дар шуури хонандагон ва ҷавонон тарбия намудани эҳсоси ифтихори миллӣ, эҳтиром ба арзишҳои миллии маънавӣ ва

сохтори демократӣ, ки то имрӯз ба дастовардҳои илм, техника ва фарҳанг такя мекарданд, зери назорати давлат қарор доранд».[129]

Дар шароити тезтағйирёбандаи замони муосир, ки иттилооти-кунонии ҷомеа, автоматикунонии соҳаҳои хоҷагии халқ, татбиқи технологияи навин, тағйирот дар фаъолияти тахассусии инсон аз хусусиятҳои намоёни давраи ҳозира маҳсуб меёбанд, зарурати такмилу омодасозии фаъолияти ихтисосии одамонро ба миён меоварад. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар яке аз Паёмҳои худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъкид карда буданд, ки: «Вазорати маориф бояд омӯзиши технологияи нав дар муассисаҳои таълимиро фаъолтар созад ва раванди дохил шудан ба фазои таҳсилоти умумиҷаҳониро тезонад» [130].

Дарвоқеъ, дигаргунсозиҳои имрӯзаи иҷтимоию иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи ташаккули шахсияти баркамол, эҷодкор, фаъол, мусаллаҳ бо илмҳои муосир ва кордону масъулиятшиносро ба миён гузошта, чораҳои саривақтиро барои дохил шудан ба фазои таҳсилоти умумиҷаҳонӣ амалӣ карда истодааст.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки низоми муосири давлатии миллии таҳсилот бо дарназардошти арзишҳои миллию умумибашарӣ рӯ ба тараққӣ аст, ки он барои таъмини ҳуқуқии таҳсили шаҳрвандон мусоидат намуда, эҳтиёҷоти иҷтимоию иқтисодии кишварро мутобиқ ба талабот ва мувофиқгардонӣ нисбат ба хусусиятҳои асри XXI бо таҳсилот, ба қонеъ гардонидани талаботи шахс, ҷомеа ва давлат хизмат ва фаъолият мекунад. Аз ҷумла, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар барои маориф» [87] инъикоскунандаи ташаккулёбии низоми маориф буда, аз самти афзалиятноки он тамоми сатҳҳои идоракунии давлатӣ ба он такя менамояд. Дар моддаи 4 – уми Қонуни мазкур масъалаҳои зарурии рушди ин соҳаро фаро гирифта, ба чунин шева дастабандӣ шудани принсипҳои асосӣ аз афзалиятнокии он гувоҳӣ медиҳад:

- ҳатмӣ будани таълими умумии асосӣ;

- дастрасии таҳсилоти миёнаи умумӣ ва идомаи таҳсил дар зинаҳои минбаъдаи таҳсилот дар асоси озмун;
- бартарии арзишҳои миллию умумибашарӣ, моҳияти башардӯстонаи мазмуни таҳсилот, рушди озодонаи шахс;
- эҳтироми қонун, ҳуқуқ ва озодии инсон, муҳаббат ба Ватан, оила ва муҳити зист;
- таълиму тарбия дар муассисаҳои таълимӣ аз рӯи ҷанбаи илмӣ, дунявӣ ва башардӯстона амал менамояд;
- низоми маориф ҷанбаи демократӣ ва давлатию ҷамъиятӣ дорад;
- талабот ва вазифаҳои инкишофи иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо маориф мувофиқат мекунад;
- низоми маориф бо дарназардошти стандартҳои байналмилалии сифати таълим ва меъёрҳои байналмилалии таъмини иттилооти маориф рӯ ба тараққӣ аст.

Ҳамин тавр, Қонуни мазкур талабот ба унсурҳои таъминкунандаи ягонагии фазои маорифи кишвар, иҷрои банақшагирии низоми бефосилаи таҳсилотро бо назардошти арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ афзун мегардонад.

Сифати таълиму тарбия аз самаранокии фаъолияти иштирокчиёни ҷараёни таълим ва аз салоҳиятҳои асосии хонандаю омӯзгор вобастагӣ дошта, сатҳи омодагии шахсияти таълимгиранда (хонанда, донишҷӯ, аспирант, шунавандагони курсҳо), ҳамчун унсури афзалиятнок дар ҷойи аввал меистад. Ҳамин тавр, омӯзгор бояд пайваста кӯшиш намояд, ки ба воситаи такмили ихтисос дар курсҳои бозомӯзӣ ва худомӯзии муттассил маҳорати худро такмил дода, ҳамқадами замона бошад.

Академик Шарифзода Ф. ҳаллу фасли вазифаҳои стратегии такмили мазмун ва технологияи таҳсилот аз ҳисоби татбиқи тадбирҳои барномавиро дар тамоюлҳои зерин дидаанд:

– татбиқи намунаи таҳсилоти муттасили тахассусӣ, ки барои ҳар як шахс ҷиҳати рушди минбаъдаи касбӣ имконоти ташаккули таҳсилоти инфиродиро таъмин месозад;

– татбиқи технология ва усулҳои нави ташкили раванди таълим, ки самаранок амалӣ гардонидани намунаи таҳсилоти олӣ, истифодаи технологияи муосири иттилоотию коммуникатсиониро таъмин менамояд;

– татбиқи ихтисосу тамоюлҳои нав дар соҳаи таҳсилоти олии касбӣ ва барномаҳои давлатии таҳсилот, ки ба тамоюлҳо ва талаботи бозори меҳнат ва шахс мувофиқ бошад;

– татбиқи силсилатадбирҳо ҷиҳати таъмини ширкати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар раванди низоми байналмилалии Болония бо мақсади баландбардории рақобатнопазирии таҳсилоти касбии тоҷик дар бозори меҳнат ва имконоти ширкати донишҷӯён ва хатмкардаҳои муассисаҳои таълимӣ дар низоми таҳсилоти муттасили байналхалқӣ [188].

Барои мувофиқат ва амалишавии ин бандҳо нақш ва мақоми омӯзгору маҳорати касбии ӯ ба сифати таълиму тарбия вобастаги калон дорад. Омӯзгорро мебояд, ки доим дар ҷустуҷӯ бошад, дониши худро такмил диҳад, маҳорати касбиашро баланд бардорад. Ин ҷост, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон зарур ва ҳатмӣ будани аз курсҳои такмили ихтисос гузаштани кормандони соҳаи маорифро дар панҷ сол як маротиба муайян кардааст. Бо ин мақсад дар сатҳи мактаб, идораю шуъбаҳои маориф иттиҳодияҳои методӣ (аз он ҷумла фаннӣ), семинарҳо, конференсияҳо, озмунҳо доир мегарданд. Вале маъмул ва судмандтарин шакли такмили ихтисос, ин ташкил кардани курсҳои такмили ихтисос мебошад. Ин масъала бар дӯши Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф ва филиалҳои он дар маркази вилоятҳои ҷумҳурӣ мебошад. Дар тӯли панҷ сол ҳамасола бо ҳисоби миёна бояд на камтар аз 25 ҳазор нафар кормандони соҳа аз такмили ихтисос гузаранд. Ин теъдод танҳо дар асоси нақша, яъне тибқи талабот аз такмили ихтисос гузаштани омӯзгоронро пешбинӣ мекунад. Ҳол

он ки дар замони муосир омӯзгорро зарур аст, ки ҳар сол такмили тахассус намояд. Хусусан, дар давраи татбиқи Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030 ва давраи гузариш ба муносибати босалоҳият ба таълим.

Дар ин раванд, муассисаҳои такмили ихтисосро низ зарур аст, ки матлаби "Тартиби такмили ихтисоси кормандони соҳаи маориф", ки бо фармоиши Вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 ноябри соли 2013, №2876 тасдиқ карда шуда, аз ҷониби Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст, риоя ва татбиқ намоянд.

Зеро маҳз ҳамин муассисаҳо фаъолияти худро мутобиқи меъёрҳои муайянкунандаи ин ҳуҷҷат бояд ба роҳ монда бошанд, яъне ҳуҷҷати мазкур дар амал татбиқнамоии нақши стандарти давлатии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маорифро иҷро намуда, мақсад, мазмун ва муҳтавои такмили ихтисосро чунин муқаррар намудааст:

- мусоидатнамоӣ ба татбиқи сиёсати давлат дар соҳаи маориф;
- баландбардории сатҳи тайёрии шунавандагон ва такмили маҳорати касбии онҳо;
- шиносоии кормандони маориф бо санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ва дастовардҳои муосири илми педагогика, психология ва методикаи таълими фанҳои тахассусӣ;
- омӯзонидан ва рушд додани маҳорати касбии шунавандагон роҷеъ ба шаклу усулҳои нави таълим, тарбия ва идоракунӣ;
- такмили маҳорати кор бо технологияҳои инноватсионӣ, истифода бурдани Интернет, тахтаи электронӣ, асосҳои технологияи информатсионии муосир;
- шиносоии шунавандагон бо таҷрибаҳои пешқадаму усулҳои инноватсионӣ ва истифодабарии онҳо дар раванди таълим, тарбия ва идоракунӣ;
- омӯзонидани унсурҳои малакаи пеш бурдани кори эҷодӣ, илмӣ, таҳқиқотӣ, методӣ, навоварӣ дар фаъолияти минбаъдаи шунавандагон;

- ❖ баландбардории сифати кори таълиму тарбия, самаранокӣ ва натиҷанокии фаъолияти минбаъдаи шунавандагон;
- ❖ ба татбиқи самарабахши ислоҳоти соҳаи маориф мусоидат намудан.

Бинобар ин, барномаҳои таълимии курсҳои такмили ихтисос, лексияҳо, модулҳои таълимӣ, маводи таълимии ёрирасон, дастурҳо, супоришҳои гуногун, тестҳо, саволномаву слайдҳо ва дигар воситаҳои таълимии истифодашаванда ё худ комплекси таълимию методӣ мебояд бо дарназардошти талаботи давлатӣ роҷеъ ба мазмуну мундариҷаи такмили ихтисос омода карда шуда, вобаста ба густариши ислоҳоти соҳа пайваста таҷдиди назар карда шаванд. Дар ин раванд, бояд қайд намуд, ки комплексҳои таълимию методӣ (нақшаю барномаи таълимӣ, курси лексияҳо, модулҳо, дастуру воситаҳои методӣ...) бояд ба талаботҳои принсипи таҳсилоти салоҳиятнокӣ ҷавобгӯ бошанду таносуби матлуби назария ва амалия, донистану тавонистанро таъмин карда тавонанд.

Такмили ихтисоси омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ дар замони муосир, пеш аз ҳама, ба тарзи асосии таъмин намудани мутобиқатии касбияти омӯзгорон ба сатҳи муосири инкишофи илму техника ва иқтисодиёту иҷтимоиёт нигаронида шудааст. Маълум аст, ки агар омӯзгор ба худтакмилдиҳӣ шурӯъ накунад ва сатҳи дониши худро такмил надиҳад, донишҳои азхудкардаи ӯ қисман дар панҷ сол куҳна ва аз истеъмол бозмонда ба шумор мераванд. Аз ин ҷо, вазифаи муқаддаси такмили ихтисос, зоҳир мегардад, ки он, пеш аз ҳама, ҳам аз ҷиҳати таълиму тарбия ва ҳам аз ҷиҳати ташкили дарсҳои мувофиқи замон мусаллаҳ будани омӯзгор мебошад. Ҳамзамон, дар асоси нақша ва ҳадафҳои такмили ихтисоси омӯзгорон раванди таълим дар муассисаҳои иловагии таълими касбӣ ташкил ва амалишавии принсипҳои зеринро талаб менамояд:

1. Инкишофи ҳаматарафаи шунавандагон дар доираи фаъолияти инсонӣ (идоракунӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, экологӣ, илмӣ, бадеӣ, педагогӣ, ҷисмонӣ ва тиббӣ). Муассисаи таълимӣ бояд барои инкишофи ҳаматарафаи

шахсият дар он чорчӯбае, ки ӯ тайёрии камтаре дорад ва ошкор сохтани қобилиятҳои гуногунпаҳлӯи ӯ шароити мусоиде фароҳам оварад.

2. Тайёрии мақсадноки сермаҳсул дар асоси маҷмӯи модулҳои таълимӣ. Тайёрии мақсаднок бо роҳи якҷоякунии таълими дусатҳӣ ба иҷро расонида мешавад. Аввалан, тӯли як ҳафта курси базавии лексияҳои муаммовӣ ва бозиҳои расмӣ аз қисмати педагогика, идоракунӣ, иқтисодиёт, иҷтимоиёт ва психология гузаронида мешавад. Баъдан тӯли аз се то шаш рӯз машваратҳои махсусгардонидашуда аз рӯи як фанни интихобкардаи шунаванда ташкил ва баргузор карда мешавад. Таълими сермаҳсули 8 соата ба шунавандагони курсҳои такмили ихтисос имконият медиҳад, ки дар муддати кӯтоҳ соҳиби дониши нав гарданд. Таълиме, ки шунаванда ба он истеҳсолотро тарк карда меояду ба пуррагӣ фарогири курси такмили ихтисос мегардад, имкон фароҳам меоварад, ки шунаванда куллан ба такмили ихтисос ҷалб гардида, дониши худро мукаммал гардонад.

3. Истифодаи васеи усулҳои фаъоли таълим (УФТ) бо гузориш додани онҳо то 60-75% аз захираи вақти таълимии умумӣ. Ба онҳо мо усулҳои зеринро дохил менамоем: бозиҳои расмӣ ва нақшофарӣ, таҳлили вазъиятҳои аниқу дақиқ, мизҳои мудаввар, тренингҳои психологӣ-иҷтимоӣ, машғулиятҳои амалӣ дар гуруҳҳои хурд дар шакли муколама бо омӯзгор, таълими барномавӣ бо истифодаи компутери шахсӣ ва монанди инҳо. Истифодаи шакли фаъоли таълим иқтидори ботинии инсонро роҳандозӣ намуда, ҳатто дар ҳолати бухронӣ ҳалли проблемаҳои идроккуниро тарҳрезӣ менамояд.

4. Ҷалб намудани мутахассиони соҳибтаҷрибаву олимони соҳа, мураббиёну роҳбарони ба таълим ва ба шахсияти омӯзгор таъсиррасонанда. Баҳри иҷрои ин аҳдоф бояд дар муассисаи таълимӣ ва ё филиалҳои муассисаи давлатии Донишкадаҳои ҷумҳуриявии такмили ихтисос омӯзгорони беҳтарин аз донишгоҳҳо ва институтҳои пажуҳишӣ, мутахассисони соҳибкасби муассиса, роҳбарони сиёсиву кордон, арбобони ҳунару фарҳанг ва монанди инҳо фаъолият баранд.

5. Муоширати мувофиқ ва таносуби баръакс бо шунавандагон. Ин ҳолат бо роҳи ба ҳисобгирии шавқу ҳаваси роҳбарон ва мутахассисон, дар асоси онҳо ба саволҳои иҷтимоӣ бо барномаҳои матлубу дилхоҳ посух гирифта, аз оғози машғулият ва анкетагузаронии ҳамарӯзавӣ бо шунавандагон, аз рӯи натиҷаи рӯзи таълимӣ бо ёрии тартиботи баҳогузории баллӣ муқаррар карда мешавад. Гузаронидани рейтинги омӯзгорон ошкору возеҳ ба роҳ монда мешавад. Вобастагии музди меҳнат аз натиҷаҳои баҳодиҳии шунавандагон муқаррар карда мешавад.

6. Арзёбии ҳамаҷонибаи иқтидори зеҳнӣ ва ташкилии шунавандагон. Он бо роҳи ба даст овардани донишу малакаҳои касбӣ, фаъолияти эҷодӣ ва корӣ, сотсиология ва психологияи шахсият, саломатӣ, муваффақият ва ғайра амалӣ карда мешавад. Иқтидори касбии шунавандаро барномаи муайяни таълимӣ ва гуруҳӣ арзёбӣ мекунад. Мунтазам нигоҳ доштани рейтинг дар шароити маърифат ба рушди руҳияи рақобат ва сафарбаркунии фаъолияти эҷодӣ мусоидат мекунад.

7. Истифодаи усули таълими инфиродӣ-гуруҳӣ. Ин усул бо роҳи ҳамоҳангсозии лексияҳои доимӣ, ки дар он шунавандагон (то 50 нафар), як гуруҳи усулҳои фаъоли таълим (то 25 нафар), корҳои лабораторӣ ва тренингҳо бо гуруҳҳои хурд (то 12 нафар), инчунин бо машваратҳои инфиродӣ, яъне бо роҳи муколамаи мустақим "омӯзгор - шунаванда" амалӣ мегарданд. Усули инфиродӣ ва гуруҳӣ имкон медиҳад, ки имкониятҳо ва манфиатҳои шахс ва принсипи коллективизм ҳангоми кор кардани як гуруҳи шунавандагон истифода шаванд.

8. Инноватсикунонии раванди таълим бо истифодаи воситаҳои муосири техникӣ, пеш аз ҳама, компютерҳои шахсӣ, телевизионҳои таълимӣ, воситаҳои техникии аудиовизуалӣ, видеокамера ва видеомагнитофонҳо, воситаи барномавии таълим ва монанди инҳо. Истифодабарии воситаҳои техникӣ агар аз як тараф харҷи меҳнати омӯзгоронро кӯтоҳ кунаду фаъолияти идоракунии раванди таълимро баланд бардорад, аз ҷониби дигар

мушкилоти равонии шунавандагонро дар истифордабарии воситаҳои техникӣ дар фаъолияти корӣ бартараф менамояд. Баҳри рушду такомули хусусиятҳои касбии ҳар як шунаванда, бояд автоматикунонии имконоти таълимӣ аз рӯи касб мутаносибан шароит фароҳам оварда шавад.

9. Сарчашмаи такмили ихтисос барномаи коркардшудаи мувофиқ, муътамад ва тасдиқгардида дар пояи модулҳои таълимӣ мебошад. Модули таълимӣ қисмати баохиррасидаи фанни муайянеро, аз рӯи таркиби нақшавӣ, мақсад, ҳадаф, маълумоти ибтидоӣ, методикаи таълим, номгӯи воситаҳои техникӣ, рӯйхати адабиёт ва тарзи назорати донишҳои гирифташударо дар худ таҷассум менамояд. Дар умум барномаи таълимӣ аз чор модули таълимӣ таркиб меёбад (дар қавс ҳаҷми намунавӣ дар фоизҳо аз миқдори умумии соатҳои таълимӣ оварда шудааст): [1, 176]

- Лексияҳои проблемавӣ (то 25 соат);
- Методҳои фаъоли таълим (на кам аз 50 соат)
- Машғулиятҳои лабораторӣ ва амалӣ (то 15 соат)
- Комплекси беҳдоштӣ (то 10 соат)

Якчанд намуди барномаи намунавии омодагӣ аз рӯи ҳисоби 8-10 соати таълимӣ дар як рӯз коркард карда шуданд. Барномаҳои намунавӣ вобаста ба шавқу хоҳиш ва завқи шунаванда, коллективи омӯзгорон ва муҳлати гузаронидани он тағйир меёбад.

Барномаи кӯтоҳмуддати таълим аз фарзияи ҳаматарафаи рушди шахсият асос меёбад. Ҳангоми тартиб додани барномаи таълимӣ як қатор омилҳо бояд ба назар гирифта шаванд:

- Давомнокии барномаи таълимӣ ва муҳлати баргузории он;
- Шавқу хоҳиши фармоишгар (муассисаи таълимӣ, идораи маориф) оид ба истифодабарии маҷмӯи муайяни модули таълимӣ;
- Натиҷаи ҷамъбастии анкетагузаронӣ ё худ гузарондани пурсишномаи соҳавӣ аз шунавандагони оянда;

- Ҷойи баргузории машғулиятҳои таълимӣ (муассисаи таълимӣ ва ё Донишкадаи такмили ихтисос);
- Ҳолати манбаъҳои таълимӣ (миқдори синфхонаҳо, ҷойгиршавии одамон, ҳаҷми хизматрасонӣ);
- Сатҳи бо кор таъмин будани омӯзгорон дар давраи баргузории таълим (аз 4 то 8 соат);
- Мавҷуд будани воситаҳои техникии таълим (тахта, тахтаи электронӣ, компютер, видеопроектор, видеосистема)
- Маводҳои тақсимотӣ барои шунавандагон (барнома, дастурҳо, ҳуҷҷатҳои меъёрӣ ва м.и.)
- Тартиботи намунавии рӯзи таълимӣ (ҷадвали машғулиятҳо)
- Чорабиниҳои беҳдоштӣ, варзишӣ ва фарҳангӣ-оммавӣ

Дар низоми такмили ихтисос ҳақиқату воқеияти ҳаётии низоми маорифи ҷумҳурӣ ба назар гирифта шуда, ҳар як тағйироту табаддулоти ин низомро ба барномаи такмили ихтисос ворид намуда, омӯзгорони муассисаҳои таълимиро огоҳ намудан лозим аст.

Такмили ихтисос давраи муҳими таълим ба ҳисоб рафта, ба хотири таъмини мутобиқатии сатҳи дониши омӯзгор бо ҷойи корӣ ба роҳ монда мешавад. Такмили ихтисосро мутобиқ ба курсҳои баргузоршавиаш ҷудо мекунанд.

Лексикаи калидии муассисаҳои такмили ихтисос барои вазифагузории низоми пайвастаи таълими касбӣ мафҳумҳои зеринро дар бар мегирад: “худшиносӣ”, “худидоракунӣ”, “худташкилкунӣ”, “худамаликунӣ”, “худфаъолиятӣ”, “худназоратӣ”, “худбаҳодиҳӣ”, “худталқинкунӣ”, “худинкишофдиҳӣ”. Бояд ҳар як инсон баҳри идора намудани худ, сатҳи баланди қобилиятҳоро доро бошад. Чунончи:

1. Худшиносӣ - ба қадри кофӣ худро шиносад, шаъну эътибори худ, норасогӣ дар фаъолияти касбӣ, сатҳи дониши худ, малакаву маҳорати касбии худро донад, ҳамчунин сифатҳои шахсии худро дарк кунад.

2. Худмуайянкунӣ - дарки дурусти хоҳиши худ, яъне эҳтиёҷоти воқеӣ барои муоширaт, дастовардҳо, дидани мушкилоти ҳаёти воқеӣ ва дурнамое, ки шахсро аз ноил шудан ба ҳадафҳояш халал мерасонад, муайянкунии вазифаҳои худ ҳам барои ояндаи наздик ва ҳам дурнамо.
3. Худташкилкунӣ – маҳорати аниқ ва ба танзим даровардани ҳаёти худ, яъне тарҳрезии дурусти корҳои худ, ҳам барои як рӯз, ҳам барои ҳафтаву моҳ ва ҳам барои дурнамои дурударoз. Оқилона истифода бурдани ҳам вақт ва ҳам қувваи худ. Фаъолияти худро тавре ба роҳ мондан зарур аст, ки он на танҳо натиҷаҳои муайянеро ба бор диҳад, балки худи ҷараёни фаъолият ба омӯзгорон қаноатмандӣ диҳад, худро баҳри расидан ба ҳадаф сафарбар намояд ва агар зарурате пеш ояд, истироҳат кунад, шиддату ҷиддиятро бо истифода аз усули автотренинг ва ё истироҳат (релаксатсия) аз байн бардорад.
4. Худамаликунӣ – ин маҳорати худошкоркунӣ мувофиқ ба имконоти худ, дар вақт ва ҷойи зарурӣ. Албатта, пеш аз ҳама, ба иқтидори эҷодии худ такя бояд кард.
5. Худфаъолиятӣ – ин маҳорати ташаббус, мустақилиятнокӣ, соҳибихтиёрӣ нишон дода тавонистан аст.
6. Худназоратӣ – ин маҳорати мутобиқшавии муносиби шахсият нисбат ба ҳар як шакли фаъолият. Ин маҳоратро истифода бурда, вазифаи худро бо камтарин саҳву хато, яъне босифат ва босамар иҷро намудан мумкин аст.
7. Худбаҳодиҳӣ –пеш аз ҳама, ба хислату сифатҳои худ, ҳамчунин натиҷаи фаъолияти худ, беғаразонаву холисона баҳогузорӣ намудан мебошад;
8. Худталқинкунӣ – маҳорати талқин намудан, боварии мукаммал ҳосил намудан ва дар асоси он рафтори худ, иродаву ақли худро ба он тобеъ намудан. Дар баъзе холатҳо ин қобилият, ки асосаш худталқинкунӣ маҳсуб меёбад, дар вазъияти шиддати ҳиссӣ-асабонӣ баҳри бартараф намудани ҳолатҳо кӯмак мерасонад.
9. Худинкишофдиҳӣ – ин маҳорати фаъолона корбарӣ намудан аз болои худ аст ва он хислатҳои эҷодиву касбии шахсро такмил медиҳад.

Сифатҳои дар боло зикргардида, ба пуррагӣ имконияти шахсиятро ба худидоракунӣ инъикос менамояд. Ҳамин тавр, қобилияти шахсият ба худидоракунӣ ин ҷамъи хислатҳо буда, ба шахс имкони босифат ва босамар идора намудани худро дар ҳамаи намуди фаъолият фароҳам меоварад.

Дурнамои рушди ҷомеа ба омӯзгор робитаи зич дорад ва дар ин кор омӯзгоре саҳмгузор аст, ки биниш ва фаҳмиши баланди касбӣ ва инчунин дорои сифатҳои фавқуззикр бошад. Ин аст, ки омӯзгор бояд дар пайи иҷрои рисолати асосӣ ва муҳим – шиносонидани арзишҳои илмӣ ва бад - ин васила берун кашидани мардум аз вартаи нодонию хурофотпарастӣ устуворона қадам занад ва дар ин роҳ аз ҳама имкониятҳои мавҷуда истифода барад.

Омӯзгор будан, умуман  раванди педагогӣ кори саҳлу осон нест, ин касб, аниқтараш хонанда, синф, гуруҳи талабагон тарбиятгарро водор мекунанд, ки ихтироъкор, зираку ҳассос, суботкор, ҳамеша тайёр будан ба ҳалли вазъияти гуногуни мустақилона бошад. Яъне омӯзгор – намунаи тақлидкунӣ. Сифати омӯзгори варзида таъминкунии худидоракунии раванди таълиму тарбияи насли наврас мебошад. Омӯзгор бо эътиқоду ихлос ба арзишҳои олии башарӣ, чун донишу ҳикмат, ақлу хирад барои такомули маънавии насли наврас ва бунёди ҷомеаи тамаддунсоз нақши назаррас мегузорад.

Ташкилотчигӣ яке аз хислатҳои боризи педагог мебошад. Қобилияти ташкилотчигӣ  ва ташаббускорӣ дар хонандагон ба қувваи худ боварӣ доштану аз рӯи имконияти мавҷуда амал карданро талқин мекунад. Омӯзгори ташаббускору фаъол ва серғайрат шогирдонро аз ақиби худ мебарад, ҳамроҳи онҳо пеш меравад. Омӯзгоре, ки маданияти баланд дорад, бояд дорои ҷаҳонбинии илмии васеъ бошад, пеш аз ҳама, аз таърихи бойи миллат огоҳ буда, дастовардҳои миллатро на танҳо дар таълиму тарбияи бачагон, балки дар байни оммаи халқ тарғибу талқин кунад.

В. Сатир дар асари худ «Чӣ тавр худ ва оилаи худро сохт», менависад: «Хушбахтона,  ҳамаи мо тарзҳои худбаҳодиҳиро дар ҳамаи синнусол соҳиб

ҳастем, зеро худбаҳодиҳӣ танҳо дар натиҷаи омӯзиш ба вуҷуд меояд. Ташаккули худбаҳодиҳӣ мунтазам, тӯли тамоми ҳаёт ба вуқӯъ мепайвандад. Ҳамеша итминон аст, ки дар зиндагии шумо тағйироте ба вуҷуд ояд, зеро ҳар лаҳза шумо ягон навигарие мефаҳмед. Моҳияти зиндагии одам дар он аст, ки инсон доимо дар ҳаракат аст, ӯ инкишоф меёбад, дар тӯли ҳамаи ҳаёт рушд мекунад. Чи қадаре мо бузургтар гардем, ҳамон қадар ба мо ивазшавӣ душвортар мегардад, ҳамон қадар раванди инкишоф вақти бисёреро мегирад. Вале донистани он ки ҳама инсонҳо тағйир меёбанд ин қадами аввалин аст!» [155: 21].

Омӯзгори пешқадам иштирокчии фаъоли ҷамъият, тарғиботчии донишҳои педагогӣ, такмилдиҳандаи маданияти халқ, эҳёгари расму оинҳо ва анъанаҳои миллӣ ва ҳамаи он чизҳои наве мебошад, ки онҳо ба ҳаёти мо дохил шудаанд.

Барои рушди фаъолияти касбӣ, такмили ихтисос ва баландбардории муносибати ангезандагӣ, ҳар як омӯзгорро зарур аст, ки вазифаҳои асосии зерини педагогиро ба иҷро расонад:

- нақшаи худомӯзӣ дошта, мунтазам тибқи он фаъолият намояд ва вобаста ба қисматҳои он маводи илмӣ – методиро дастрас ва мавриди омӯзиш қарор диҳад;
- аз навгониҳои сиёсӣ бохабар гашта, мақсаду маром ва моҳияти онро таҳлилу баррасӣ карда тавонад;
- бо санадҳои меъёрию ҳуқуқии соҳаи маориф ба пуррагӣ ошно бошад ва муқаррароти онро сари вақт риоя ва иҷро намояд;
- аз қарору фармонҳо, амру талаботҳои давлату ҳукумат мунтазам бохабар бошад;
- адабиёт ва асарҳои илмию бадеиро мутолиа намуда, дар фаъолияти педагогӣ истифода намояд;

- ба рӯзномаю маҷаллаҳои давлативу соҳавӣ обуна шавад, мутолиа кунад ва мақолаю зикру андешаҳояшро доир ба масъалаҳои гуногуни таълиму тарбия ба чоп расонад;
- аз такмили ихтисос ва курсҳои бозомӯзӣ дар шароити муосири таҳсилот гузарад;
- ба семинар, конфронсҳои илмию назариявӣ ва амалӣ ширкат варзида, бо маърӯзаҳо баромад кунад;
- донишҳои педагогӣ – психологӣ ва фаннию методиашро пайваста такмил диҳад;
- дар таҳияи дастурҳои таълимӣ – методӣ ва китобҳои дарсӣ ҳиссагузор бошад;
- ба озмуни "Омӯзгори сол" ва дигар чорачӯйиҳои мактабию берун аз он фаъолона ширкат варзад;
- аз таҷрибаи пешқадами омӯзгорони навовар бохабар бошад;
- барои иштироки хонандагон ба озмуну чорачӯйиҳои таълимию тарбиявии мактабӣ, шаҳрӣ, вилоятӣ ва ҷумҳуриявӣ мусоидат намояд;
- дар ҳалли проблемаҳои раванди таҳсилот ташаббускорӣ зоҳир намояд.

Дар маҷмӯъ, омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ дар курсҳои такмили ихтисос фаъолона ширкат варзида, аз як тараф метавонанд маҳорату малакаи касбии худро мустаҳкам ва сайқал диҳанд ва аз ҷониби дигар дар маҷлису шӯроҳои методӣ фаъолона иштирок намуда, аз таҷрибаву навоварие, ки дар курсҳои такмили ихтисос ҳосил кардаанд, тавассути дарсҳои намунавӣ ва баромаду гузоришҳо ба дигарон намунаи ибрат ва сабаби пешравии ҳамкасбон гарданд. Зеро инсон ҳамон вақт худро метавонад тағйир диҳад, ки хоҳиши дар касби пешанамудааш ба муваффақкият соҳибшуданашро дошта бошад. Ин хоҳишу завқ ӯро ба худтакмилдиҳӣ водор намуда, ба тавассути такмили ихтисос, ӯ метавонад ба муваффақиятҳои назаррас ноил гардад.

## 1.3. Таъмини методологии салоҳияти касбии омӯзгори синфҳои ибтидоӣ дар такмили ихтисос ҳамчун омили пешбарандаи сифати таълим

Соҳаи маориф дар ҳама давру замон барои ташаккули шахсият роҳу усулҳои навини таълиму тарбияро таъмин намуда, дар як навбат барои рушди шахсият (қобилиятҳои касбии омӯзгорон, инкишофи сатҳи донишазхудкунии хонандагон тавассути ҷорӣ намудани усулҳои инноватсионии таълим) саҳмгузор аст. Аз ин рӯ, дар Стандарти давлатии таҳсилот дастоварду натиҷаҳои банақшагирифташудаи таълим дар асоси ташаккулёбии фаъолияти ҳаматарафаи омӯзиш муайян карда шуда, намудҳои зерини фаъолиятро нишон медиҳад:

- дар фаъолият ҳангоми банақшагирӣ ва идора кардани он дуруст истифода бурдани нутқ;

-самаранок истифодабарии воситаҳои забонӣ бо мақсади ҳалли масъалаҳои муошират;

-қобилияти дар гурӯҳ ба таври самаранок кор кардан, бунёд карда тавонистани фазои мусоиди ҳамкорӣ;

-қобилияти истифодаи воситаҳои дурусти забонӣ барои инъикоси ҳиссиёт, фикру ақида, ваҷҳиёт ва талаботи худ;

- фаъолияти таълимии коммуникативӣ – банақшагирии ҳамкории таълимӣ, проблемагузорӣ, ташаккули нутқ, пешсафӣ ва мувофиқат бо ҳариф.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», ки инъикосгари низоми таълим ва тарбия мебошад, стандартҳои давлатии таҳсилотро ба сифати яке аз воситаҳои татбиқи ҳуқуқи шаҳрванд ба таҳсил муайян мекунад. Стандартҳои давлатии таҳсилот низоми меъёру қоидаҳои давлатиро муқаррар мекунанд, ки иҷрои он дар раванди таълим ҳатмӣ ҳастанд. Ин санади муҳими давлатӣ фаъолияти муассисаҳои таълимии дилхоҳро, ки барномаҳои таълимиро амалӣ гардонидаву танзим менамоянд, натиҷаҳои таълим ва ҳам аломатҳои умумию хоси ин раванд, шароитҳои имконпазири татбиқи онро пешбинӣ менамояд.

Стандартҳои нави таҳсилоти ибтидоии Ҷумҳурии Тоҷикистон бисёр ғояҳоеро ҳифз кардааст, ки дар стандартҳои пештара амалӣ гардида буданд. Дар стандартҳои нав ин ғояҳо ба тарзи нав, бо назардошти консепсияҳои нави педагогӣ татбиқ шудаанд. Ғайр аз ин, дар стандартҳои нав бисёр ғояҳои сермаҳсул, ки дар таъмини сифати нави таҳсил имконияти калон доранд, инъикос ва амалӣ гардидаанд. Ин аст, ки дар раванди ба роҳ мондани низоми таълим аз рӯи ин санад фаъолияти таълимии сермаҳсули хонанда оварда мерасонад.

Омӯзиши фаъолияти таълимии хонандагон ҳамчун омили худинкишофдиҳӣ ва худтакмилдиҳӣ маҳсуб ёфта, тавассути таълими таҷрибаи нави иҷтимоӣ пайдо мегардад.

Фаъолияти таълимӣ имконияти мустақилона аз худ кардани донишҳои нав, малака ва салоҳиятҳоро бо назардошти ташаккули донишомӯзӣ ё худ малакаи хондан фароҳам меорад. Ин раванд фаъолияти таълимиро чун ҷамъбасткунандаи тарзҳои фаъолият, муайян намудани уфуқҳои донишандӯзӣ дар соҳаҳои гуногун нишон дода метавонад.

Дар адабиёти илмӣ оид ба муайян намудани мазмуну сохти малака ва маҳорати умумитаълимӣ ягон нишондиҳанда ё худ нишондиҳандаи аниқ дида намешавад.

Таснифоти маъмули Ю.К.Бабанскийро[17] ин ҷо қайд кардан ҷоиз аст, ки аз рӯи ақидаи ӯ маҳорат ва малакаи умумитаълимӣ бо сохти фаъолияти таълимӣ ва ҷараёни азхудкунии дониш мувофиқат мекунад:

1. таълимӣ-ташкилӣ (муайян намудани вазифа, банақшагирии дурусту оқилона, омода намудани муҳити мусоид барои фаъолият);
2. таълимӣ-ахборотӣ (кор бо китоб ва дигар сарчашмаҳо, ҷустуҷӯи библиографӣ, мушоҳида);
3. таълимӣ-зеҳнӣ (ангезандагӣ, дарккунӣ, қабулкунӣ, бахотиргирии маълумот, ҳалли масъалаҳо ва проблемаи ҷойдошта, худназоратии фаъолияти таълимӣ).

Дар тадқиқотҳои педагогӣ бештар таснифоти Н.А.Лошкарева, ки чор гуруҳи малакаву маҳорати умумии таълимӣ: таълимӣ-ташкилӣ; таълимӣ-зеҳнӣ; таълимӣ-коммуникативӣ ва таълимӣ-ахборотиро зикр кардааст, истифода мебаранд [100]:

Маҳорати таълимӣ-ташкилӣ: малакаи омода карда тавонистани шароит барои ҳалли бомуваффақияти супориш (реҷаи рӯз, ташкили ҷойи кор); малакаи муайян кардани супориш ва ба таври баробар нақшагирӣ намудани он; малакаи қабули бодиққатонаи маълумот ва ба хотиргирии онҳо; малакаи мустақилона ҳал намудани машқҳои маърифатӣ; малакаи таъмини худназораткунӣ дар фаъолияти таълимиро дар бар мегирад.

Малакаи таълимӣ-фарогирӣ: малакаи кор ба китоб, маълумотнома ва адабиёти дигар, кор бо сарчашмаҳои ахборотии рақамӣ; малакаи мушоҳида бурда тавонистан; малакаи тартиб дода тавонистани нақша, конспект, тезисҳо; малакаи бо ёрии воситаҳои технологияҳои коммуникатсионӣ омода кардани маърӯза мебошад.

Малакаи таълимӣ – зеҳнӣ бошад, малакаи бошуурона хондани маводи таълимӣ ва ҷудо кардани мазмуни асосӣ; малакаи таҳлил, муқоиса, таснифот (гуруҳбандӣ), амиқ намудани муносибати сабабнокию тафтишотӣ; малакаи сохтори нақл, ҷавоб, нутқ, далеловарӣ; малакаи тавсияи хулоса, ҷамъбасткунӣ ва ғайраро фарогир аст.

Маҳорати таълимӣ-коммуникативӣ: малакаи кор дар коллектив; малакаи уҳда кардани маърӯзагузорӣ дар назди аудитория (синф); малакаи омода карда тавонистани маърӯза бо ёрии воситаҳои технологияҳои ахборотӣ-коммуникатсионӣ; малакаи истифодаи технологияи коммуникатсионӣ дар фаъолияти ҳаррӯза ва ғайраро роҳандозӣ менамояд.

Дар робита бо ин А.К.Маркова қайд кардааст [105], барои омӯзгори синфҳои ибтидоӣ баҳри пешбурди донишазхудкунии хонанда ихтилот накардани баҳогузорӣ хеле муҳим аст. Омӯзгори синфҳои ибтидоӣ бояд дар хонандагон қобилияти дарки ҳалли масъала, тафовути усул ва натиҷаи фаъолияти таълимӣ, муқоиса намудани якчанд усулҳои ҳалли масъала, иҷрои

намудҳои гуногуни амалии худназораткунӣ, гузоштани мақсади таълимӣ-маърифатӣ (шавқи коромӯзӣ, худбаҳодиҳӣ) ва ғайраро ташаккул дода тавонад.

Ҳамаи ин, чи хеле ки равоншиносон В.В.Давидов, Д.Б.Элконин нишон додаанд, на фақат барои хонандагони хурдсол дастрасанд, балки барои инкишофи онҳо мусоидат мекунанд. Омӯзгорони синфҳои ибтидоиро хеле зарур аст, ки ба имконияти хонандагони синфҳои ибтидоӣ бовар намоянд ва ҳамчунин ба муттасилии таълиму тарбияи онҳо кӯмак расонанд [184, 198]. Зеро синни хурди мактабӣ – ин давраи муносибати ошкору боваринок нисбати омӯзгор, баҳои ӯ ва фикру ақидаву ҳукми ӯст, давраест, ки диққати кӯдакон бештар ба бозӣ ҷалб буда, онҳо ҳассос ва табиӣ мебошанд.

Омӯзгори синфҳои ибтидоиро зарур аст, ки талаботи хонандагонро ба ҳисоб гирифта, бо онҳо муносибати самимӣ ва ғамхорона дошта бошад. Бинобар ин, аз ӯ малакаи дастгирӣ намудани ҳассосият, ҳифз намудани табиӣ будани хонандагон ва дар кӯдакон тарбия намудани ҳамдардӣ нисбати дигарон талаб карда мешавад. Хонандагони хурдсол барои ахлоқан баҳогузорӣ намудани рафтори дигарон омодаанд, ба шарте, ки ба онҳо барои фарқ кардани натиҷаи рафтор аз мақсад бояд ёрӣ расонад. Омӯзгорро лозим аст, ки ҳамкориро бо волидайни хонандагон мустаҳкам намуда, бо ин роҳ имконияти донишазхудкунии онҳоро такмил диҳад.

Таълим ва тарбияи дилпазири хонанда, ҳамчун кашфиёт, комёбии хонандагонро дар солҳои минбаъда муайян мекунад. Аз он ки раванди таълимро омӯзгори синфҳои ибтидоӣ бо кадом тарзу усул ташкил мекунад, на фақат муваффақияти хонандагон дар мактаб, балки оянда барои худтакмилдиҳию худинкишофёбӣ дар тӯли зиндагиаш вобастагии калон дорад.

Аз ин ҷо маълум мегардад, ки мувофиқат намудани маҳорату малакаҳои таълимдиҳии омӯзгори синфҳои ибтидоӣ ба вазифаи касбӣ ва хусусиятҳои он мақсади асосӣ маҳсуб меёбад. Омӯзгор ҳамчун субъекти фаъолияти педагогӣ саҳми худро на фақат дар таъмини фаъолияти педагогӣ

мегузорад, балки тавассути такмили ихтисоси худ дар таҳаввули раванди касбӣ ва дар тӯли тамоми фаъолият ва ҳаёти худ онро идома медиҳад.

Ҷоиз ба таъкид аст, ки донишу малака доштан ё надоштан ин ҳанӯз маънои сатҳи азхудкунӣ ё нодонии онҳоро надорад. Доираи истифодаи онҳо гуногунанд. С.Л.Рубейнштейн қайд мекунад, ки ҳар як зинаи қаблии аз рӯи сифат аъло, таносуби як чизи томро ифода мекунад. Ҳама гуна давраи қаблӣ ба худ зинаи омодагӣ ба зинаи дигарро дорад, ки дар дохили он дар ибтидо ба сифати мақсад, ҳамон қувва ва муносибат, ҳамчун раҳнамо барои марҳилаи нав инкишоф меёбад. [153]

Таҳлили адабиёти илмӣ-педагогӣ, мавҷудияти инкишофи салоҳияти касбии омӯзгори синфҳои ибтидоӣ, таҷрибаи кор бо омӯзгорон дар низоми такмили ихтисос, ҳамчунин тасаввурот оид ба фаъолияти идеалии омӯзгор дар самти номбурда, ба мо имконият фароҳам овард, сатҳи салоҳияти касбии омӯзгор дар ташаккул додани малакаи таълимии кӯдакро манзур намоем: вазифавӣ, индивидуалӣ ва фаннӣ.

Ин мавқеъро пайгирӣ намуда, дар мадди аввал самти вазифавии салоҳияти касбии омӯзгори синфҳои ибтидоӣ, ки чун инъикоскунандаи гузориши мақсадноку хусусияти фаъолияти касбӣ, ки ба ташаккули малакаи таълимӣ нигаронида шудааст, мегузорем. Самти вазифавӣ бо воситаи вазифаи махсус, ки бояд омӯзгори синфҳои ибтидоӣ дар ҷараёни таълиму тарбия таъмин намояд, амалӣ карда мешавад. Ба он метавон, вазифаҳои зеринро мансуб донист: инкишофдиҳанда, ташхисӣ (диагностикӣ), пешгӯйикунӣ, кӯмак ва дастгирӣ, доварӣ ё миёнаравӣ рефлексивӣ.

**Вазифаи инкишофдиҳанда**. Омӯзгори синфҳои ибтидоӣ бояд на фақат ба ташаккули дониш, малака, маҳорати хонандагон эътибор диҳад, балки ба инкишофи психикии кӯдак, пеш аз ҳама, ба инкишофи ваҷҳу ангезандагии донишандӯзӣ, бедор намудани шавқ ба омӯзиш, кунҷкобӣ, инкишофи маҳорату малакаи фаъолияти таълимӣ (маҳорати хондан) эътибори ҷиддӣ зоҳир намояд.

**Вазифаи ташхисӣ** ба омӯзиши шахсияти кӯдак, шавқу талаботи ӯ, хусусияти психологӣ-педагогӣ ва ба қобилияти фикрии ӯ алоқаманд аст. Омӯзгор бояд проблемаҳои шахсӣ, муносибати байниҳамдигарии хонандагони синфро муайян карда тавонад ва дар ҳамин асос фаъолияти педагогиро омода сохта, принсипи муносибати ҳамгирой дар таълимро роҳандозӣ намояд.

**Вазифаи пешгӯикунӣ** малакаи педагогро дар самти ба нақшагирии ҷараёни таълим, ташаккули қобилият дар ҳар як кӯдак ва гурӯҳи кӯдакон пешбинӣ мекунад.

Аз ташхиси психологӣ – педагогӣ, ки бо ёрии равоншиноси мактаб гузаронидан мумкин аст, омӯзгор бояд барномаи худинкишофдиҳӣ ва инкишофи равандҳои маърифатии кӯдаконро коркард намояд ва ба онҳо барои дарки душворӣ кӯмак намояд, ҳамчунин таъминоти натиҷаҳоро пешгӯӣ намояд.

**Вазифаи ташкилотчигӣ** бошад, ташкили бевоситаи раванди педагогӣ ба ташаккули малакаи донишазхудкунии хонанда ҳам дар ҷараёни дарс ва ҳам дар корҳои беруназсинфӣ, интихоби шакл ва усулҳои мувофиқи кор ва ё коркарди технологияи фаъолиятро дар ин самт дар назар дорад.

**Вазифаи доварӣ ё миёнаравӣ**. Омӯзгор дар ҷараёни фаъолияти худ бояд ҳамкориро бо равоншиноси мактаб, волидайн ва муассисаҳои таълимии иловагӣ ба роҳ монда тавонад. Мавқеи махсусро дар ин низом бешубҳа ҳамкорӣ бо равоншинос ишғол менамояд, барои он ки муайянсозии босаводонаи сатҳи ибтидоии лаёқату малака, усулҳои пайгирӣ, интихоби усулҳои мувофиқи корҳои инфиродӣ фақат дар ҳолати ҳамкорӣ натиҷаи хуб дода метавонад.

**Вазифаи кӯмак ва дастгирӣ**. Омӯзгор бояд сари вақт ба хонанда барои ҳалли проблемаи шахсӣ, инкишофи шахсият ва ё барои пешравӣ дар таълим ёрӣ расонад, барои инкишофи шахсӣ фароҳам овардани шароити мусоиди психологӣ дар фаъолияти ҳамҷояи таълимӣ, ташаккул додани шавқ ба рақобати солим ва пешсафӣ дар ҷараёни донишандӯзиро таъмин намояд.

**Вазифаи рефлексивӣ** (таҳлилӣ-баҳогузорӣ ба фаъолияти шахс) аз омӯзгор азхудкунии маҳорату малакаи таҳлил, дарк ва баҳогузорӣ ба рафт ва натиҷаи ташаккули маҳорату малакаи умумитаълимии хонандаро талаб мекунад. Ҳамчунин омӯзгор бояд дар ҷараёни фаъолияти худ тарафҳои мусбӣ ва норасоӣ, муқоисаи натиҷаҳои ба дастомада бо мақсади вазифаҳои пешгузошта, ба тариқи ҳақиқӣ эътироф намудани имконияти касбӣ ва дар ҳамин асос сохтани барномаи дурнамои пешравии касбӣ, ташкили ихтисосро дошта бошад.

Қайд кардан ҷоиз аст, ки дар таҷрибаи амалии омӯзгори синфҳои ибтидоӣ вазифаҳои номбаршуда бо вазифаҳои педагогии умумӣ алоқамандии зич дорад.

Самти шахсии салоҳияти касбии омӯзгор ба ташаккули малакаи таълимии хонанда нигаронида шуда, имконияти омӯзгорро ҳамчун субъекти раванди педагогӣ, ташаккули мақсадҳои он, шавқ, сифатҳои касбии омӯзгорро дар назар дорад.

Таҳқиқотҳо нишон дод, ки  ҳамин сифатҳои касбӣ-шахсии омӯзгори синфҳои ибтидоӣ муҳим аст, ки дар навбати аввал самаранокии фаъолияти ӯро оид ба ташаккули малакаи таълимии хонанда таъмин менамояд. Ин бошад, бароямон ҷудо намудани блоки сифатҳои дар муносибат бо хонанда, ба касб ва шахсияти худ нишон додани омӯзгорро осон менамояд.

Маълуми ҳамагон аст, ки муносибат бо хонанда бояд ба гуманизм – яъне инсонгароӣ ва дӯст доштани хонандагон асос ёфта бошад. Чунин хусусияту сифатҳои гуманистии омӯзгорро метавон қайд намуд:

- муҳаббат ба хонанда, эҳтироми шахсият ва арзишҳои маънавӣ;
- хоҳиши кӯмак бо мақсади инкишофи комили хонанда, кӯшиш ба ҳамкорӣ;
- дилсӯзӣ, беғаразӣ, муошират, боварӣ, ошкорбаёнӣ дар муносибат, риояи одоби муошират, назокат;
- қобилияти хурсанд шудан аз пешсафӣ ва инкишофи хонанда ;
- некбинӣ, боварӣ ба қувва ва лаёқати хонанда.

Ҷоиз ба қайд аст, ки бе мавҷудияти чунин сифатҳо ва таъмини онҳо дар фаъолияти худ, омӯзгори синфҳои ибтидоӣ ҳал намудани проблемаҳои раванди таълим ва ташаккули малакаҳои таълимӣ ба душворӣ дучор мешавад.

Дар асоси муносибати устувор ба хонанда ва дигарон (омӯзгорону волидайн) дар омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ бояд тасаввуроти гуманистӣ-некбинона бошад ва тибқи ақидаи олимон фарогирӣ чунин хусусиятҳо бошанд:

- бо атрофиён муаммои худро мустақилона ҳал намоянд, меҳрубонӣ ва азму нияти хуб дошта бошанд; қадру шаъну шарафи махсус дошта бошанд ва онро бояд ҳифз намоянд;
- дар онҳо эҷодкорӣ бошад, зеро ин тоифа сарчашмаи эҳсосоти мусбианд.[106]

Мо андеша дорем, ки бо чунин номгӯй метавонем, онҳоро бо тасаввуроти омӯзгор нисбат ба худ алоқаманд намоем. Маҳз чунин муносибат ба худ сифатҳои касбӣ-шахсиро инъикос менамояд. Солҳои охир дар адабиёти илмии психологӣ-педагогӣ ба ин масъала эътибори ҷиддӣ зоҳир карда мешавад, зеро "консепсияи Ман" – и омӯзгор бештар ташаккули тасаввуротро нисбати худ муайян мекунад.

Ба сифатҳои касбӣ метавон: инчунин худэҳтиромӣ, дӯст доштани худ, боварӣ, сахтгирӣ, худбаҳогузории дуруст, худтанқидкунӣ ва ғайраро номбар кард.

Қисмати навбатии сифатҳое, ки дар муносибат ба кори тахассусӣ, пеш аз ҳама, фаъолиятҳои ба ташаккули малакаи умумитаълимии хонандагон нигаронида шудааст, ба тарзи зер гуруҳбандӣ намуд:

- пайдо кардани шавқ ба фанни таълимӣ;
- кӯшишу ғайрат ба ҷустуҷӯи педагогӣ ва фаъолияти инноватсионӣ;
- инкишофи қобилияти зеҳнӣ, хоҳишу кӯшиш ва омӯзонидани маводи таълимӣ ба хонанда;
- ташаббускорӣ;

- масъулият, таҳаммул, эҳсоси дарки касбӣ.

Омӯзгори синфҳои ибтидоӣ бояд дорои муносибатҳои фавқулзикр бошад, ки ҳамчун сифатҳои шахсӣ-касбии ӯ шинохта шуда, дар ниҳоят салоҳияти касбиро роҷеъ ба ташаккули маҳорати таълимӣ ва инкишофи сатҳи касбӣ ифода карда, ба раванди такмили ихтисоси онҳо заминаи муносибе мегузорад.

Самти фанни салоҳияти касбии омӯзгори синфҳои ибтидоӣ ба ташаккули малакаи умумии таълимии хонандагон, дараҷаи ҷамъбастии дониши касбӣ, ташаккули малакаи касбӣ нигаронида шудааст.

Бешак, дар асоси чунин фаъолияти омӯзгори синфҳои ибтидоӣ бояд дониш ва маҳорати махсуси касбӣ ҷой дошта бошад. Маълум аст, ки номгӯйи донишу малака бояд чун сифати салоҳияти касбии бо омодагии фалсафӣ – методологӣ, психологӣ-педагогӣ ва методии омӯзгори синфҳои ибтидоӣ такя намояд.

Ҷоиз ба қайд аст, ки дониши касбӣ асоси назариявии маданияти педагогии омӯзгорро ташкил медиҳад. Дар ин замина, мавқеи Е.В.Бондаревская ва пайравони ӯро дастгирӣ намуда, гуруҳҳои зерини касбӣ, ки мувофиқатии хусусияти салоҳияти касбии омӯзгори синфҳои ибтидоӣ оид ба ташаккули малакаи хонандагонро дар худ инъикос мекунанд, ҷудо кардан мумкин аст: гуруҳи методологӣ, назариявӣ, методӣ ва технологӣ [38]

Ба донишҳои методологӣ принсипҳои умумии омӯзиши падидаҳои педагогӣ, қонунияти инкишоф, таълиму тарбия тааллуқ доранд:

- донишҳо оид ба қонуният ва принсипҳои инкишофи шахсият;
- дониш оид ба омилҳои инкишоф ва иҷтимоикунонии шахсият;

Ба донишҳои методиву нақшагирӣ, мураттабсозии фаъолияти педагогӣ, дорои донишу маълумот оид ба роҳу усулҳои таъсиррасонии педагогиро мутааллиқ донистан мумкин аст:

❖ Донистани муаммоҳои усули ташаккули малакаҳои умумии таълим;

❖ Донистани хусусиятҳои ташаккули малакаи таълимӣ дар дарс ва корҳои беруназсинфӣ;

❖ Донистани усулҳои ташхисии ташаккулёбии малакаи таълимӣ;

❖ Донистани манбаъ ва усулҳои ҷустуҷӯи маълумот оид ба проблемаи ташаккули малакаи умумӣ

Ба рӯйхати донишҳои технологӣ самтҳои зеринро метавон дохил кард:

- донистани хусусияти усул ва роҳҳои кор оид ба ташаккули малакаи хонандагони сустхону муваффақ (дар инкишоф ақибмонда ва ҳам пешсаф);

- донистани технологияи таълими инкишофдиҳанда;

- донистани самтҳои таълим додани маҳорат;

- донистани усул ва роҳҳои худинкишофдиҳӣ, худтанзимкунӣ;

Ҷолиби қайд аст, ки дониш на ҳама вақт салоҳияти касбиро муайян мекунанд. Омодагии омӯзгори синфҳои ибтидоӣ барои ташаккули малакаи таълимии хонанда бештар аз рӯи муносибат ба дониш, малакаи истифодаи донишҳои мазкур дар мавридҳои муайян, яъне истифодаи дониш ба сифати олами тафаккури касбӣ аниқ карда мешавад.

Дар замони муосир илми педагогика як қатор тадқиқотҳои бунёдии олимони ватаниву хориҷӣ, ба монанди корҳои тадқиқии Н.В.Кузмина, В.А.Сластенин [82, 167], Лутфуллоев М., Шарифзода Ф., Каримова И.Х., Шаропов Ш.А., Собиров С. ва дигаронро метавон ном гирифт, ки онҳо ба таснифот ва роҳҳои ташаккули маҳорати педагогӣ бахшида шудаанд. Дар тадқиқотҳои мазкур роҷеъ ба хусусият ва таснифоти маҳорати педагогӣ назарияҳои ҷолиби таваҷҷуҳ баррасӣ шудаанд [14, 82, 159, 167, 193, 194].

Дар пайравӣ ба тадқиқотҳои А.К.Маркова ва В.А.Сластенин метавонем маҳорати омӯзгорони синфҳои ибтидоиро вобаста ба хусусияти фаъолият бо хонандагон оид ба ташаккули маҳорати таълимӣ ба гуруҳҳои зерин ҷудо намоем: [105, 166]

- Маҳорати иттилоотӣ (ахборотӣ)

- Маҳорати мақсадгузорӣ ва натиҷагирӣ;

- Маҳорати ташкилӣ-коммуникативӣ;

- Маҳорати рефлексивӣ;

- Маҳорати ахлоқӣ-иродавӣ, худтанзимкунӣ;

- Маҳорати техникаи педагогӣ (такт);
- Маҳорати эҷодкорӣ;

1. Маҳорати ахборотӣ:

- интихоби ахбор - маълумот барои ангезонидани ташаккули шавқи хонанда нисбати фанни таълимӣ;
- ба тариқи проблема ва шавқовар пешниҳод кардани маълумот;

2. Маҳорати мақсадгузорӣ ва натиҷагирӣ:

- Муайян кардани мақсад ва вазифаи инкишофи хонанда;
- Ба нақша гирифтани дурнамои худтакмилдиҳӣ;
- Банақшагирии кори фардӣ бо хонанда оид ба ташаккули малакаи таълимӣ;
- Банақшагирии кор оид ба ташаккули малакаи таъмини хонандагони синф;

3. Маҳорати ташкилӣ-коммуникативӣ:

- ташкили кори гуруҳӣ дар синф ва чорабиниҳои таълимии беруназсинфӣ бо хонандагон барои ташаккул додани маҳорати таълимӣ;
- ҳамкорӣ бо омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ;
- ташкил намудани муоширати шахсии ба кӯдак нигаронидашуда тибқи принсипҳои якдигарфаҳмӣ, боварӣ, ҳамкорӣ, инсонгароёна;
- боодоб, хушмуомилагӣ дар баҳогузорӣ нисбат ба дастовардҳои хонандагон;
- шароити мусоид фароҳам овардан барои инкишофи қобилияти хонандагон.

4. Маҳорати рефлексивӣ:

- Таҳлил намудани натиҷаи фаъолияти шахсӣ;
- Дарки муваффақият ва камбудиҳои фаъолияти касбӣ;
- Омӯзиши шахсияти хонанда, ташхиси қобилияти таълимии ӯ.

5. Маҳорати ахлоқӣ-иродавӣ, худтанзимкунӣ:

- Идора карда тавонистани ҳолати эмотсионалӣ дар ҷараёни таълим;

- Идора кардани майлу хоҳиш ва руҳияи худ.

6. Маҳорати техникаи педагогӣ:

- танзими овоз, риояи интонатсия дар ҷараёни кор бо хонандагон;
- Уҳда карда тавонистани имову ишора ва қиёфасозӣ;
- талқини таъсирот ба хонандагон;
- рӯҳбаланд сохтан, боварӣ бахшидан ба қувваҳои фикрӣ ва қобилияти хонанда.

7. Маҳорати эҷодӣ:

- Ҷустуҷӯи роҳи ғайримуқаррарии ҳалли проблемаҳо;
- Коркард намудани усулҳои самарабахши таълим, ки ба ташаккули хонанда мусоидат мекунад;
- Эҷодкорона истифода бурдани таҷрибаи пешқадам оид ба ташаккул додани маҳорати хонандагон.

Ҳамаи дониш, маҳорат ва сифатҳои номбаршудаи омӯзгори синфҳои ибтидоӣ дар алоҳидагӣ мавҷуд буда наметавонанд, балки сохти умумии шахсияти касбии омӯзгор аст, ки онҳо:

- **Ангезандагӣ** – муносибати бошууронаи омӯзгори синфҳои ибтидоӣ ба маҳорати таълимӣ ва дорои мавқеи муайяне дар ҳалли муаммоҳои актуалии таълим дар шароити муосир;

- **Мазмуннокӣ**-маҷмӯи донишҳои омӯзгори синфҳои ибтидоӣ оид ба моҳияти маҳорати таълимӣ, намуд ва сохти онҳо;

- **Амалиётӣ** – дарк ва таҳлили хусусияти фаъолияти касбӣ, дастовардҳо, мушкилот ва проблема доир ба ташаккули маҳорати таълимӣ;

- **Креативӣ** (эҷодкорӣ, созандагӣ) қобилияти омӯзгорро ба фаъолияти самаранок оид ба ташаккули маҳорати хонандагон роҳнамоӣ мекунад, инчунин маҳорати дарёфти усулҳои гуногуни ҳалли вазифаҳо шуда метавонад.

Маҷмуи салоҳиятҳои болозикри омӯзгори синфҳои ибтидоӣ бояд ба сифатҳои шахсӣ-касбии ӯро ворид карда шавад, ки мазмунан ба салоҳияти

касбӣ роҷеъ ба ташаккули маҳорати таълимӣ ва инкишофи сатҳи касбиро ифода мекунаду ба раванди такмили ихтисоси онҳо замина мегузорад.

Касби омӯзгорӣ рисолати бузургест, ки бидуни он бунёд кардани ҷомеаи мутамаддин ва озод имконнопазир аст. Бинобар ин омӯзгори имрӯзаро зарур аст, ки баробари замон қадам занад, аз навгониҳои усулҳои таълим, муносибати салоҳиятнокӣ бархӯрдор бошад, муҳасилини имрӯзаро қаноатманд карда тавонад.

Дар замони имрӯза бошад ташаккули малакаҳои умумитаълимӣ аз ҷиҳати назарӣ – муносибати салоҳиятнок ба мундариҷаи таҳсилот дида баромада мешавад. Тадқиқотҳо ва кӯшишҳое, ки барои ба тартиб андохтани номгӯи асосии салоҳиятнокиҳо гузаронида шуда истодаанд, онҳо ҳам бафаъолияти таълимӣ – даркнамоӣ тааллуқ доранд.

Ҳамин тариқ, хонандаи имрӯза дар баробари доштани дониш-маҳорат-малакаи фаннӣ боз ба салоҳиятнокиҳое ниёз дорад, ки онҳоро барои ҳалли вазъиятҳои проблемавӣ ва масъалаҳои шахсияш имрӯз, на ин ки фардо лозиманд. Ба ғайр аз мактаб, кӣ барои ташаккули ин салоҳиятҳо мусоидат мекунад?!

Гуфтаҳои болоро хулосабарорӣ намуда, қайд менамоем, ки фаъолияти омӯзгори синфҳои ибтидоӣ, ҳамчун мутахассис ба ташаккули маҳорати таълимии хонанда нигаронида шудааст. Дар он самтҳои вазифавӣ, шахсӣ ва фаннии ӯ инъикос шуда, салоҳияти касбии омӯзгори синфҳои ибтидоиро дар қолаби салоҳиятҳои мувофиқ ифода менамояд. Маҳз салоҳиятҳои худро дар самти худтанзимкунӣ ташхис ва таҳлил намуда, шавқи ангезандагии омӯзгор бедор мегардад ва баҳри такмил додани салоҳият ва дониши касбӣ рӯй ба такмили ихтисос менамояд.

## Хулосаи боби аввал

Имрӯз дар назди ҷомеа якчанд вазифаҳое меистанд, ки дар қатори он масъалаи тарбияи узви комилҳуқуқи ҷомеа ва шахсияти маънаван такмилёфта вазифаи аввалиндараҷа маҳсуб меёбад. Ҷомеаи мо дорои ҳисси

масъулиятшиносии шахсият дар назди худ ва ҷамъият аҳамияти аввалро касб менамояд. Дар масъалаи такмили маънавиёт ва шахсият нақши ҷомеа хеле бозид аст. Дигаргуниҳои солҳои охир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаҳои ташаккули шахсияти баркамол, навовару эҷодкор ва кордону масъулиятшиносро дар мадди аввал мегузорад. Барои ҳалли масъалаи мазкур, албатта истифодаи роҳу усулҳои навини таълиму тарбия, бо баназаргирии менталитети халқи тоҷик таҳияи китоб ва дигар маводҳои таълимӣ-методӣ, ҳамкории ҳаматарафа ва ҷомеаи мутамаддин, такмили техника ва истифодаи компютер дар ҷараёни таълим, такмили ихтисоси кормандони соҳаи маориф, таъминоти муассисаҳои таълимӣ бо мутахассисони варзидаю соҳибтаҷрибаи соҳавӣ шарти асосӣ ба ҳисоб меравaнд.

Такмили ихтисоси муосир дар омӯзгорон бояд салоҳияти касбӣ, нерӯи эҷодӣ, маънавияту ахлоқ сифатан баланд, тафаккур ва диди нави педагогӣ нисбат таълиму тарбияи шогирдон ва муносибат бо ҳамкасбон, муҳити ҷомеаро васеъ ташаккул диҳад. Дар ин раванд омӯзгор байни ҷомеа масъулияти бештареро бар дӯш гирифта, ба ӯ донистану огаҳӣ пайдо намудан ва аз арзишҳои волои умумибашарӣ зиёдтар истифода бурдан чун вазифаи касбӣ пеш меояд. Ҳамчунин бояд қайд намуд, ки такмили ихтисос василаи баландбардории дараҷаи салоҳиятҳо, паҳнкунандаи арзишҳои илмӣ-ахлоқӣ ва фарҳангӣ мебошад, ки дар рушди ҷомеа хеле зарур ва мақоми аввалиятро касб намудааст.

Таҳлил ва омӯзиши адабиётҳои педагогӣ-психологӣ нишон доданд, ки ангезонидан яке аз масъалаҳои баҳсноки илмӣ буда, он ҳамчун падидаи психологӣ шинохта шудаасту шахсро ба интихоби ин ё он тарзи фаъолият ва иҷрои бевоситаи он водор менамояд. Ангеза яке аз омили шаклгирии салоҳияти касбии омӯзгор буда, он тариқи низоми бисёрсатҳиву гуногунтаркиби талқинкунанда, ки дар худ талаботҳо, ваҷҳҳо, шавқу ҳавасҳо, саъю кӯшишҳо, муқарраркунӣ, ҳиссиёт, меъёру арзишҳоро доро мебошад, ба роҳ монда мешавад. Ташаккули қобилият, маҳорат ва омодагӣ

ба салоҳиятҳоро пешбинӣ мекунад, мақсади асосии ангезандагӣ ба ҳисоб меравад. Шунавандагони курсҳои такмили ихтисос бояд дар рафти омӯзиш бештар ба амалия, натиҷаҳои омӯзиш такя карда, салоҳиятҳои касбиро ба даст оранд.

Маълум гардид, ки дар натиҷа, аз андозаи ҳосилкардаи салоҳиятҳо - қобилиятҳо дар иҷрои вазифаҳои касбии омӯзгорон дар курсҳои такмили ихтисос ва дигар чорабиниҳои методии муассиса маҷмуи зерини салоҳиятҳои касбӣ-педагогиро ба даст меоранд: салоҳиятҳои иҷтимоӣ-равонӣ, касбӣ–иртиботӣ, умумипедагогии касбӣ, фаннӣ, идорӣ, инъикоскунанда, иттилоотӣ-коммуникатсионӣ, салоҳият дар соҳаи фаъолияти инноватсионӣ, креативӣ - маҳоратҳои ба роҳ мондани фаъолият дар дараҷаи эҷодӣ ва таҳқиқӣ.

Ҳамин тавр, мо бар он ақидаем, ки шарти асосии такмили ихтисоси омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ салоҳиятҳои касбӣ шинохта шуда, мавқеи он дар муносибати ангезандагӣ баҳри баландбардории тахассус ва бозомӯзӣ чун роҳнамо дар худинкишофдиҳӣ, худтакмилдиҳӣ ва худфаъолиятӣ дониста шудааст. Зеро, ҷамъи хислатҳо - ин қобилияти шахсият ба худидоракунӣ буда, ба ҳар нафар имкони босифат ва босамар идора намудани худ дар ҳамаи намуди фаъолиятро фароҳам меоварад.

# БОБИ II. ТЕХНОЛОГИЯИ МУКАММАЛГАРДОНИИ МАЗМУН ВА СИФАТИ ЧОРАБИНИҲО ОИД БА ТАКМИЛИ ИХТИСОСИ ОМӮЗГОРОНИ СИНФҲОИ ИБТИДОӢ

## 2.1. Самтҳои самаранокии такмили ихтисоси омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ

Рушди босифати низоми муосири маориф ё худ самаранокии фаъолияти касбии омӯзгорон яке аз шартҳои инкишофи босуръати муассисаҳои таълимӣ, дар вазъияти дигаргуншавии ҳаёти иқтисодӣ-иҷтимоӣ маҳсуб меёбад. Солҳои охир дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ як қатор талаботҳои нав амалӣ шуда истодааст, ки иҷроиши он бевосита ба сифати омодагии омӯзгорон, хоса омӯзгорони ҷавон вобастагии ногусастанӣ дорад. Дар ин росто, зарурияти такмили шароитҳои инкишофи касбии омӯзгорон ва, пеш аз ҳама, низоми такмили ихтисос басо калон аст.

Татбиқи такмили ихтисоси мутахассисонро вобаста ба зинаҳои мухталифи таълим академик М.Лутфуллозода [102] аз рӯи ҳалли масъалаҳои зерин баён намудаанд:

- **таҷдиди** сохтор ва мазмуни кори муассисаҳое, ки бо ин гуна масъалаҳо машғуланд;
- **устувории** заминаи моддию техникӣ ва эҷодию илмии муассисаҳои такмили ихтисос;
- **пешбининамоии** сарчашмаи ҳифзшавандаи маблағгузориҳое, ки барои такмили ихтисос лозиманд;
- **муайянкунии** меъёри дараҷаи ихтисоси мутахассисон ва кадрҳои роҳбарикунанда;
- **ҷустуҷӯи** шаклҳои нави такмили ихтисос.

Низоми такмили ихтисоси омӯзгорон, чун таълими касбии иловагӣ маҳсуб меёбад, ки баҳри такмил, тақвият, азнавсозии донишҳои пештар соҳибгардида ва ташаккули малакаву маҳорат дар ин ё он соҳаи касб роҳандозӣ карда мешавад. Баъд аз соҳибистиқлол гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон низоми маориф тибқи дастуру ҳидоятҳои Пешвои муаззами

миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон рӯ ба тараққӣ ниҳод ва дар ин ҷода низоми такмили ихтисос низ ба тартиби муайян дароварда шуда, дар ҳамаи вилояту шаҳру навоҳӣ филиалҳои Донишкадаҳои такмили ихтисос кори худро боз ҳам ҷоннок намуданд. Аммо дар умум низоми амалкунандаи такмили ихтисос ба талаботи рӯзмарраи омӯзгорони имрӯза ба пуррагӣ ҷавобгӯ буда наметавонад, зеро илму техника рӯ ба тараққӣ аст ва босуръат рушд мекунад. Аз ин рӯ, ба омӯзгор лозим меояд, ки ҷиҳати ҷорӣ намудани принсип ва усулҳои таълим, баҳри ноил гардидан ба натиҷаҳои назарраси корҳои таълиму тарбия ба истифода намудани технологияҳои инноватсионӣ-коммуникатсионӣ монанди инҳо кӯшиш намояд. Талабот ба навкунии ин низом аз зарурияти пешгирифтаи такмили ихтисос маншаъ гирифта, донишҳои дар раванди курсҳои бозомӯзӣ ва такмили ихтисосгирифтаи омӯзгор дар фаъолияти педагогӣ, фосилаи талаботи байни таълим ва омӯзгорро камтар намуда, натиҷагирӣ намудани онро тақозо менамояд. Дар ин ҷо, таъкиди Собиров С.Ф. саривақтӣ мебошад, ки мегӯяд: «Такмил додани системаи мавҷудаи такмили ихтисос, суръат бахшидан ба ислоҳоти соҳа ва ба талаботи ҷомеаи имрӯза мутобиқ сохтани он, ба куллӣ беҳтар кардани нишондиҳандаҳои миқдорӣ, таркибӣ ва сифатии муассисаҳои такмили ихтисос, густариши ташаккули системаи такмили ихтисосу бозомӯзии кормандони соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва назорати мунтазами самаранокии курсҳои такмили ихтисос амри воқеӣ аст» [159].

Маълум аст, ки такмили ихтисоси омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ аз рӯйи ҳадафҳои тактикӣ ва стратегӣ ба роҳ монда мешавад. Ҳадафи тактикии такмили ихтисос ва курси бозомӯзии кадрҳои омӯзгорӣ барои кор бо стандарти давлатии таҳсилоти таълими умумӣ маҳсуб меёбад. Ҳадафи стратегӣ бошад, ин таълими муттасили кадрҳои омӯзгорие, ки инкишофи ахлоқӣ-маънавӣ, тарбия ва сифати омодагии омӯзгоронро мутобиқ ба иҷрои

талаботҳои стандарти давлатии таҳсилоти таълими умумӣ ва касбӣ, ташкили шароити мусоид ба худтакмилдиҳии онҳо таъмин менамояд.

Дар заминаи ҳадафҳои тактикиву стратегии раванди такмили ихтисоси омӯзгорон, метавон самтҳои актуалии онро ҷудо намуд, ки онҳо зери таъсири талаботҳои беруна ва дохилӣ ба фаъолияти касбии омӯзгор ташаккул меёбанд.

Талаботҳои беруна бо назардошти тамоюлҳои ҷаҳонӣ ва шароитҳои воқеии инкишофи ҷомеа вусъат меёбад. Ҳамин тавр, мувофиқи нишондоди стандарти давлатии таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи умумӣ барои ҳайати педагогии муассисаҳои таълимӣ дар доираи салоҳиятҳои асосии омӯзгор ба нақшаи асосӣ салоҳиятҳои зерин дохил мешавад:

1. Маҳорати истифодабарии технологияҳои инноватсионӣ-коммуникатсионӣ дар раванди таълим;
2. Бо роҳи зайл ва шаклҳои муосири идоракунии таълим мусаллаҳ будан;
3. Гузаштан ба низоми наву муосири таълим.

Талаботи дохилӣ, ин муносибати ангезонидани худи омӯзгор, сайқал додани шавқу завқи онҳо нисбати баландбардории дониш, маҳорату малакаҳои касбӣ мебошад.

Талабот ба такмили ихтисоси омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ чунин самтҳоро дар бар мегирад:

1. Такмили салоҳияти касбии омӯзгори синфҳои ибтидоӣ;
2. Ташкили истифоданамоии муносибатҳои азнавкунии таълим ва тарбияи кӯдакон мутобиқ ба стандарти давлатии таҳсилот;
3. Таъмини омодагии педагогӣ – психологии омӯзгор ба фаъолияти таълимиву тарбиявии хонандагони синфҳои ибтидоӣ.

Аз баррасиҳои қаблӣ маълум гардид, ки проблемаи ба фаъолияти таълимӣ-методӣ ангезонидани омӯзгорони синфҳои ибтидоии имрӯза бо татбиқи стандарти давлатии таҳсилоти ибтидоӣ вобастагӣ дорад. Аз ин рӯ, мутобиқ ба талаботҳои стандарти давлатии таҳсилот дар зинаи таҳсилоти

ибтидоӣ банақшагирии дарс, истифодаи усули муосири таълим, ташкили фазои ҳамкорӣ дар таълим, роҳу воситаҳои арзёбии дониш, малака ва маҳорати хонандагон ба иҷро расонида мешавад.

Омӯзгори имрӯзаро лозим аст, ки дар рушду нумӯи минбаъдаи соҳаи мактабу маориф, ки тақозои замон буда, бе он ҷамъият пеш рафта наметавонад, саҳми арзандаи хешро гузорад. Ояндаро бе кадрҳои босавод ва дорои маданияту маърифати баланд тасаввур намудан ғайриимкон аст. Ончунон, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти кишварамон Эмомалӣ Раҳмон барҳақ гуфтаанд, зиндагии оянда аз наслҳои нав саводу маърифати баланд, ҷаҳонбинии васеъ, донишҳои амиқ, донистани усулҳои навтарин ва забондониро ба таври қатъӣ талаб мекунад.

Ташкилу ба роҳ мондани дарси муосир метавонад ба чунин самтҳо нигаронида шавад: таъмини маводи нав; такмили дониш, малакаю маҳорат, назорат ва ислоҳи донишу малака ва маҳорат.

Сохтори дарси муосир ба андозаи дигаршаванда ва тағйирёбанда аст. Ҳар як дарс мантиқи умумии раванди таълимро инъикос месозад. Унсури ҳатмии технологияи дарс мустаҳкам кардани идеяи асосӣ ва фаъолиятест, ки муҳтавои дарс онро пешбинӣ намудааст. Дар дарс танҳо бо маводи китоби дарсӣ маҳдуд гаштан чандон самаровар нест. Аз шаклҳои гуногун истифода бурдан мебояд, ба мисоли:

- мушоҳидаи ҳамарӯзаи фаъолияти хонандагон;
- пурсиши шифоҳӣ тавассути саволҳои пешниҳодшуда;
- пешниҳоди саволҳои хаттӣ ва гирифтани ҷавобҳои хаттӣ;
- гузаронидани кори санҷишӣ, санҷиши иҷрои вазифаи хонагӣ;
- санҷиш ба воситаи тестҳо

Чунин навъҳои кор имконият медиҳанд, ки дар кадом сатҳ будани дониш, малака ва маҳорати хонандагон ошкор карда шавад.

Пешрафту комёбии хонандагони синфҳои ибтидоӣ аз натиҷаи асосии таълим ва тарбия дар муносибати иҷтимоӣ, шахсӣ, маърифатӣ, коммуникативии инкишофи онҳо вобаста буда, ин раванд дар ҳошияи

стандарти давлатии таҳсилот таъмин мегардад ва он вазифаву маром ва мақсади асосии фаъолияти методии омӯзгори синфҳои ибтидоӣ маҳсуб меёбад, ки самарабахшии он бештар аз сифати такмили ихтисоси онҳо вобастагӣ дорад.

Азбаски санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ танҳо барои танзими фаъолнокӣ ва салоҳияти касбии омӯзгор нигаронида шудааст, аз ин рӯ, боз масъала ба мавзуъ ё худ салоҳияти касбии омӯзгор бармегардад. Зеро, ҳамон омӯзгорро касбан салоҳиятнок меноманд, ки ба дараҷаи мақбул фаъолияту муоширати педагогиашро ба роҳ монда, натиҷаи баланд ва мустаҳкамро дар таълим ва тарбияи хонандагон ба даст оварда бошад.

Меъёрҳои пешбининамудаи низоми маорифи муосир, пеш аз ҳама, чунин самтҳои асосии инкишофи салоҳияти касбии омӯзгорро талаб мекунад:

1. Кор бо иттиҳодияҳои методӣ, гурӯҳҳои эҷодӣ;
2. Рушди фаъолияти тадқиқотӣ;
3. Фаъолияти инноватсионӣ, азхудкунии технологияҳои нави педагогӣ;
4. Шаклҳои гуногуни ҳавасмандкунии педагогӣ;
5. Иштироки фаъолона дар озмунҳои педагогӣ;
6. Муаррифии таҷрибаи педагогии худ;
7. Истифодабарии усулҳои фаъоли таълим ва монанди инҳо.

Бо вуҷуди ин, агар омӯзгор зарурияти такмил додани салоҳияти худро дарк накунад, усулҳои дар боло зикргардида дар раванди фаъолияти ӯ самараи дилхоҳ дода наметавонад. Аз ин рӯ, таҳлили таҷрибаи педагогӣ аз ҷониби худи педагог, яъне худтаҳлилкунӣ амри хеле зарурӣ буда, худинкишофдиҳии касбияти педагогро фаъол мегардонад. Дар натиҷаи амалишавии ин раванд малакаи фаъолияти тадқиқотӣ инкишоф ёфта, баъд дар фаъолияти педагогӣ ҳамҷоя карда мешавад. Аз ин ҷо маълум мегардад, ки барои татбиқи протсеси худинкишофдиҳӣ бояд барои омӯзгор шароитро муҳайё намуд, ки ӯ мустақилона зарурияти такмил додани дараҷаи сифати касбияти худро дарк кунад.

Дар ҳошияи талаботи таҷдиди низоми такмили ихтисоси омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ дар асоси ҷорикунии муносибати ангезандагӣ, ки омӯзгоронро ба дарккунии фаъолияти методии худ водор мекунад, ҳамарӯза мавзӯи доғи рӯз гардида истодааст. Яъне омӯзгор метавонад, дар ҷараёни такмил додани касбияти худ фаъолияти методиву таълимии худро баланд бардорад ва ба навкориву навҷӯӣ таваҷҷуҳ намуда, усулу шеваҳои таълимдиҳии худро беҳтару хубтар ба роҳ монад.

Такмили ихтисос ва рушди он ба сифати низоми иҷтимоӣ-педагогӣ баромад намуда, дар он муносибатҳои ҷараёни омӯзонидан байни омӯзгору шунаванда дар пояи самтҳои касбият устувор мегарданд. Такмили ихтисоси омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ дар асоси талаботи мактаби имрӯза, дар шаклҳои мухталиф, аз ҷумла кор бо иттиҳодияҳои методӣ, ба омӯзгори собиқадору пешқадам шогирд мондани омӯзгори ҷавон, дар утоқҳои методӣ гузаронидани машваратҳои фаннӣ, аз кӯмаки мушовирон истифода намудан, иштирок дар курсу семинарҳо, дарсҳои лексионӣ, ташкили озмуну ҷашнҳои касбӣ, пешбурди корҳои илмӣ-таҳқиқотии хонандагон ва дар ин роҳ ба онҳо ташкил намудани корҳои роҳбарии илмии омӯзгорон, кор дар гуруҳҳои эҷодӣ ва ғайра роҳандозӣ шуда истодааст.

Аз ҳама шакли паҳншудатарин ва назоратшаванда ин фаъолияти ҳамҷояи омӯзгорон дар иттиҳодияҳои методӣ ба ҳисоб меравад, ки бо таҳлили мушкилиҳои фаннӣ ё фанҳои алоқаманд, бо истифода аз усули таҳлили проблемавӣ анҷом дода мешавад. Дар кори муассиса гузориши семинарҳои махсус-машғулиятҳои назариявӣ, ки бо истифода аз адабиёти таълимӣ-методӣ асос ёфта, бо иҷрои корҳои мустақилона, яке аз шаклҳои дигари фаъоли тақвиятбахшии касби омӯзгорӣ мебошад.

Маълум аст, ки такмили маҳорати касбӣ дар раванди муосири ислоҳоти давомноки соҳаи илму маориф аз омӯзгорон ҷустуҷӯи зиёдтари дигар роҳҳои ташаккулу такмили касбӣ, иҷрои вазифаҳо, ғанӣ гардонидани таҷрибаи хеш, эҷодкорӣ ва навҷӯйиҳоро дар амалҳои касбиашон талаб мекунад. Бо

донишҳои назариявӣ соҳиб гардидан, ин дарки моҳияти таълимдиҳӣ ба иҷрои фаъолиятҳои вазифавӣ, мушаххасгардонии самтҳои касбият ва бо ин роҳ ташаккули тафаккури педагогии хеш аз шумори ҳадафҳои асосии омӯзгорон дар курсҳои такмили тахассус ва бозомӯзӣ бояд бошанд. Баҳри иҷрои чунин амалҳо омӯзгорро лозим меояд, ки аз маводи бештари илмӣ-методӣ, таҷрибаи пешқадами ҳамкасбон хуб огоҳӣ пайдо намуда, ҳиссаи аз он мувофиқро дар фаъолияти хеш истифода барад.

Дар қонеъкунии талабот дар самти рушд ва фаъолияти касбӣ, ташаккули шахсият ва ҳалли мушкилоти омӯзгор-худомӯзӣ ба ҳисоб меравад. Тобиш додани қобилияти эҷодкорӣ ва худомӯзӣ шарти зарурии такмили ихтисос аст, ки аз омӯзгор омӯзишро давомнок талаб мекунад. Аксаран, омӯзгори касбӣ аз дастовардҳои илмӣ, таҷрибаи пешқадам ва навгониҳои фанни таълимиаш бояд хуб огоҳ гардида, аз касбаш ифтихор намояд, пайваста ва фаъолона дар андешаи худомӯзӣ, худташаккулдиҳиву худинкишофдиҳӣ бояд бошад.

Худомӯзиву худинкишофдиҳӣ вобаста ба мавқеи ҷойдоштаи иҷтимоӣ-касбии омӯзгор, аз манбаи илмӣ, методӣ, адабӣ, оммавӣ, матбуоти даврӣ, мушоҳида, таҷриба ва амалия ибтидо гирифта, дар шакли таҷрибаи андӯхтаи иҷтимоӣ мазмун пайдо мекунад. Чунин кор ба сатҳи дониш, таҷриба, маҳорату малакаи мавҷуда, усулҳои пешбурди фаъолиятҳои касбӣ, мустақилият ва муносибатҳои шаклгирифтаи омӯзгор, албатта, таъсири мусбӣ мерасонад. Чӣ тавре ки дар боло қайд кардем, дар фаъолияти педагогӣ худомӯзӣ баланд арзёбӣ шуда, дар маҷмуъ заминаи камолоти касбӣ-маърифатӣ ва фарҳангии шахсро фароҳам меорад.

Омӯзиши ҷанбаҳои психологӣ - педагогии муносибати ангезандагӣ бо зоҳир намудани моҳияти сифатии чунин мафҳумҳо: «талабот», «маром», «ангезандагӣ» ва «ангезонидан» алоқаманд мебошад.

Талабот яке аз сарчашмаҳои асосии фаъолияти инсон маҳсуб меёбад. Олимон М.Вудкок ва Д.Фрэнсис «талабот»-ро «ҳамчун қувваи

маҳдудкардашудаи мағзи сар, ки дар раванди ангезандагӣ ва маҷбуркунӣ ба фаъолият ба таври субъективӣ аз сар гузаронидан», шарҳ додаанд. [42, с. 313].

Мақсади қонеъ гардонидани талаботҳо ба даст овардани манфиат буда, махсусияти қавииродагии талаботҳои инсонӣ, қонеъ нагардидани онҳо аст.

Дар вазъияти муосири иқтисодии фаъолияти идоракунӣ аз мақсади демократикунонӣ ва ташкили муносибатҳои расмӣ фарқ дорад, ки дар муносибатҳо нисбат ба таълим дар низоми такмили ихтисоси омӯзгорони муассисаҳои таълимӣ инъикоси худро меёбад.

Бо мақсади риояи талаботи замон, раванди таълим дар заминаи татбиқи технологияҳои интерактивии таълимӣ, фароҳам овардани муҳити психологии бароҳат, ки ба шунавандагон дар интихоби шакл ва усулҳои таълим озодӣ медиҳад, пурзӯр карда мешавад.

Методҳои афзалиятноки таълим дар низоми такмили ихтисос ин методҳои интерактивӣ маҳсуб меёбанд, ки дар ин ҷода диққати асосӣ ба коркарди амалии дониш, маҳорат ва малака нигаронида мешавад.

Ҳамаи ҷараёни афзояндагии маълумот дар замони муосир ҷорикунии методҳои таълимро талаб мекунад, ки истифода бурдани он имкони дар муҳлати камтарин расонидани ҳаҷми бештари донишро таъмин мекунад ва шунаванда сатҳи баланди аз худ намудани маводи омӯхташудаистодаро пайдо карда, онро дар амал татбиқ менамояд.

Дар раванди ҷорӣ гардидани низоми салоҳиятнокӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҷрибаи муосири такмили ихтисоси омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ нишон дода истодааст, ки паҳншудатарин усулҳои фаъоли таълим инҳо мебошанд:

- тренингҳо,
- барномагузорӣ,
- таълими компютерӣ,
- баҳсҳои таълимии гуруҳӣ,
- усули кейс,

- бозиҳои расмӣ ва нақшофарӣ.

Дар раванди самаранок истифода намудани усулҳои фаъоли таълим муносибати ангезандагии омӯзгор ташаккул ёфта, ба ӯ имконият медиҳад, ки аз ҷараёни такмили ихтисос ва бозомӯзӣ соҳиби салоҳиятҳои касбӣ гардад. Назарсанҷии гузаронидаи мо дар аввали тадқиқот ба мо имкон дод, ки дар доираи истифодаи усулҳои фаъоли таълим шунавандагон кадом салоҳиятҳоро ба даст меоранд, муайян намоем:




Диаграммаи 1. Ҷавобҳои шунавандагони курси такмили ихтисос ба саволи «Шумо роҷеъ ба истифодаи усулҳои фаъоли таълим дар курсҳои такмили ихтисос чӣ андеша доред?» (то оғози машғулият)

Аз расми болоӣ маълум гардид, ки ба шунавандагон дар раванди такмили ихтисос истифодаи усулҳои фаъоли таълим ҷолиб буда, 30 %-и онҳо то ба курс фаро гирифтан аз тренинг ва барномагузорӣ бархӯрдор набуданду аз чунин шакли гирифтани таълим дар раванди курсҳо қаноатманд ҳастанд. Салоҳияти истифодаи технологияҳои инноватсионӣ ва таълими компютериро 25 % -и шунавандагон доро набудаанду дар ин самт саволҳои зиёде доштанд. Аз усули кейс ва бозиҳои расмиву нақшаофарӣ 10%-и шунавандагон огоҳ набуданду танҳо 5%-и онҳо ба масъалаҳое, ки дар раванди фаъолияти корӣ дучор гардида буданд, ҷавоб гирифтан мехостанд. Ин назарсанҷӣ барои мақсади пешгузоштаи мо, яъне асосноккуниӣ

муносибати ангезандагӣ ба такмили ихтисоси омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ бо истифода аз усулҳои фаъол ва муосири таълим имкон фароҳам овард.

Самт ва мазмуни асосии ҳар яки ин шаклҳои таълими номбаршударо дар такмили ихтисоси омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ, ки дар зер ба таври возеҳ аз назар мегузаронем.

**Тренингҳо.** Зери мафҳуми «тренинг»-ҳо чунин шакли таълим фаҳмида мешавад, ки диққати асосӣ ба коркарди маводи омӯхташуда равона карда шуда, дар раванди тарҳрезии вазъияти махсуси додашуда шунавандагони курси такмили ихтисос ва бозомӯзӣ метавонанд дониш ва маҳорати зарурироо дар худ инкишоф диҳанд ва мустаҳкам намоянд, муносибатро ба таҷрибаи педагогӣ тағйир диҳанд ва ё истифода баранд.

Мафҳуми тренинг аҳамияти ҷамъкунандагӣ дорад. Аксаран дар раванди тренингҳо методҳои гуногун ва фаъоли таълим, ба монанди: бозиҳои расмӣ, нақшофарӣ ва тақлидӣ, бартараф намудани проблемаҳои муайян ва баҳсҳои гурӯҳӣ сурат мегирад.

**Лексияи проблемавӣ.** Омӯзгор лексияро мехонад ва дар як вақт диққати шунавандагонро ба мухолифоте, ки дар марҳилаи муосири инкишофи таълим ҷой дорад, равона месозад. Ҷоиз ба қайд аст, ки маҳз душворӣи дар мавод ё супориши таълимӣ мавҷудбуда зиддиятро ба вуҷуд меорад ва бархӯрди фикр ба душворӣ ё муаммо боиси эҷод ва рафъи зиддият мегардад. Маҳз ба воситаи проблемагузорӣ ва ба мушкилот рӯ ба рӯ овардан тарзи диалектикии фикррониии шунавандагон ташаккул дода мешавад.

Усули проблемавӣ назар ба усули муқаррарӣ фарқи калон дорад. Дар истифодаи усули проблемавӣ хонанда бениҳоят фаъол мешаваду омӯзгор ба унвони роҳнамо дар дарс иштирок мекунад. Ин усул ҷаҳонбинии хонандаро васеъ карда, гуногунандеширо ба миён меорад. Тафаккури бачаро фароху васеъ гардонида, имкон медиҳад, ки хонандагони қобилияташон сусттар низ дар рафти муҳокима иштирок кунанд, фаъолтар гарданд.

Дар бисёр муассисаҳои таълимӣ асосан ба омӯзгорон дарси омехта маъқул шудааст. Дар чунин навъи таълим омӯзгор нақши асосӣ мебозад. Ӯ ҳангоми таълими ин ё он мавзӯъ аз асбобҳои аёнию техникӣ истифода бурда, дарсро ба хонандагон мефаҳмонад ва пас то чӣ андоза аз худ кардани онҳоро месанҷад. Маълум мешавад, ки дар чунин тарзи таълим хонандагон нисбатан фаъол нестанд. Онҳо дарсро гӯш накарда, дар асоси талаби омӯзгор ҷавоб медиҳанд.

Дар таълими проблемавӣ бошад масъала тамоман дигар аст. Омӯзгор дониши тайёрро ба хонандагон надода, балки дар назди онҳо проблема гузошта, ҷавобашро мустақилона талаб менамояд. Проблемаи гузошташуда бояд ба дониши пештараи хонандагон алоқаманд бошад. Ҳалли масъалаи гузошташуда, хонандагонро ба ҳалли проблемаи гузошташуда комёб мегардонад.

Вазъияти проблемавӣ ин мураккабкунонии донишгирӣ мебошад, ки он хонандаро ба аниқ фикр кардан водор менамояд ва хонанда оҷизии худро ҳис намуда, маҷбур мешавад, ки барои ҳалли он манбаъҳоро ҷустуҷӯ кунад. Саволи проблемавӣ хонандагонро ба эҷодкорона фикр кардан водор намуда, нутқи шифоҳӣ ва тафаккури онҳоро инкишоф медиҳад. Таълими проблемавӣ барои ба азхудкунии маводи нав шароит фароҳам овардан нақши ниҳоят калон мебозад. Аз ҳамин сабаб, дар аввал гузориши таълими проблемавӣ душвориҳо ба амал меоварад. Гузориши таълими проблемавӣ тахминан ба тариқи зайл сурат мегирад:

1. Ташкили вазъияти душвор барои дарёфти ҳалли саволи гузошташуда
2. Гузориши проблема
3. Ҷустуҷӯи ҳалли проблема

Миёни проблемаҳои илмӣ ва таълимӣ ҷиҳати умумӣ мавҷудияти ихтилофоти объективӣ дар онҳо мавҷуд аст. Проблемаи илмӣ ва

таълимиро он вазъият аз ҳам мутафарриқ месозад, ки дар проблемаи илмӣ вазифаи аз ҷониби он гузошташуда ҳанӯз ҳал нашудааст, дар мавриде ки проблемаи дар таълим гузошташуда ҳал шудааст, роҳҳои ҳалли он, натиҷаи ин ҳал мавҷуданд. Ин «усул» ва «натиҷаҳо»-ро хонанда бояд аз худ кунад. Мақсади ниҳоии таълим омӯзонидани хонандагон барои дида тавонистан ва ҳал кардани проблема аст. Ин танҳо дар ҷараёни фаъолияти фикрӣ имконпазир аст. Фаъолияти фикрии хонандагон табиатан чунин аст, ки аввал ба ҷараёни фаъолияти маърифатӣ дохил мешаванд. Аз рӯйи консепсияи С.Л. Рубенштейн тафаккур «маърифатест, ки ба ҳалли проблема ва вазифаҳои дар назди одам пайдошуда меоварад. Фикрронӣ аз вазъияти проблемавӣ пайдо мешавад ва барои ҳалли он равона шудааст».

Барои иҷрои супориши пробле мавӣ сараввал лозим аст, ки вазъияти проблемавӣ ба амал оварда шавад. Вазъияти проблемавӣ ба воситаи гузориши саволи проблемавӣ ба амал меояд. Баъдан тарзи иҷрои амал ё роҳи ҳалли супориш интихоб мегардад ва ниҳоят супориш иҷро карда мешавад ва натиҷаи он арзёбӣ мегардад.

Бояд гуфт, ки лексияи проблемавӣ ба пайдоиши фикри мустақилона, эҷодкорӣ ва инкишофи тафаккури интиқодӣ мусоидат кунад ҳам, онро универсалӣ гардонидан ва ба дигар методҳо муқобил гузоштан нашояд.

**Кейс тренинг.** Ин намуди тренингҳо барои гуруҳҳои хурди шунавандагон гузаронида мешавад ва дар он вазъиятҳои мураккабе, ки дар раванди фаъолияти педагогӣ ба назар мерасанд, муҳокима карда мешаванд. Омӯзгор (барандаи тренинг) набояд ягон вазъиятро то ба пуррагӣ кушодани проблема пешниҳод намояд. Вай танҳо сабт намудани ҳолатҳои мураккабро таъкид ва пешниҳод мекунад, ки дар асоси он савол тартиб диҳанд. Ҷавоб ба ин саволҳоро ҳамҷоя дар раванди омӯзиши машғулиятҳои курси такмили ихтисос пешниҳод мекунад. Ин шакли гузориши машғулият дар раванди такмили курсҳои бозомӯзӣ натиҷаҳои хубу назаррасро ба бор меорад.

Саволҳои дар аввали машғулият тартибдодашуда, ангезиши омӯзгоронро дар раванди таълими такмили ихтисос бештар мегардонад. Масалан, “Барои чӣ хонандагонро мо бояд таълимгиранда ном барем?” “Таълими кӯдаке, ки аз хулосаи комиссияи тиббӣ-педагогӣ-психологӣ нагузаштаасту, вале волидон аз маъмурияти мактаб пинҳон кардаанд, чӣ тавр таълим дода мешаванд?”. Дар раванди кейс-тренинг омӯзгор саволҳои худро ҳамчун проблема ба муҳокимаи умум мепартояд ва барои ҳалли муаммо ба тариқи баҳс бо шунавандагон ҷавоби мушаххас мекобад.

Аз ин рӯ, вақтҳои охир дар филиалҳои донишкадаву курсҳои такмили ихтисос тренингҳо мақоми паҳншуда дорад, ки дар рафти он ҷиҳатҳои гуногуни фаъолияти омӯзгорӣ, ба монанди: кори гуруҳӣ, бартараф намудани проблемаҳои пешомада, омӯхтан ва гузориши усулҳои фаъоли таълим дар раванди дарсҳо азхуд карда мешаванд.

**Омӯзиши барномавӣ.** Омӯзиши барномавӣ шакли омӯзишеро пешбинӣ менамояд, ки донишомӯз мавзӯи пешинаро фаро нагирифта, бо роҳи азхудкунии донишҳои нав дар фаъолияти худ қадами навбатӣ гузошта наметавонад.

Маводи омӯзишӣ ба қисматҳои на чандон калон тақсим карда мешавад. Ин қисматҳо кадрҳо ва ё қадамҳо ном доранд, ки онҳо пай дар пай бо тартиби мантиқиашон ҷойгир мешаванд.

Омӯзиши барномавӣ фаъолияти доимии шунавандаро таъмин менамояд ва дар охир усули ба ӯ мувофиқ омӯзонида мешавад.

Маълуми ҳамагон аст, ки ба омӯзиши барномавӣ на танҳо мундариҷаи дониш, балки роҳҳои азхудкунии он ва фаъолияти фикррониии шунавандаи курсҳои такмили ихтисосро низ дохил кардан мумкин аст. Инчунин имконияти ба низоми барномавӣ дохил кардани қобилиятҳои эвристикии фикрронӣ ва фикркунии эҷодӣ тадқиқ шуда истодааст. Мисол: ба шунавандагон ҷавобҳои тайёр ( ба як савол асосан чор ё панҷ ҷавоб) пешниҳод мегардад. Онҳо ҷавоби дурустро муайян намуда, ба зери он хат мекашанд ё бо як ё ду калима (дуруст, нодуруст, бале, не) ифода мекунанд,

ҷавобҳои толибилмон ба воситаи саволномаҳо, анкетаҳо ва тестҳо санҷида мешаванд.

Бартарии ин метод дар он зоҳир меёбад, ки дар муддати кӯтоҳтарини вақт дониши тамоми толибилмон санҷида шуда, арзёбӣ мегардад.

**Баҳси таълимӣ.** Баҳси таълимӣ ба ташаккули маҳоратҳои андешакунӣ, фикрронии амиқ, таҳқиқи саволҳо, қабул ва ё радкунии далелҳо, далеловарӣ, исботкунӣ ва амсоли инҳо оварда мерасонад. Маҳз дар меҳвари баҳс ҳақиқат ошкор мегардад.

Баҳс байни ду шахс, як гуруҳ ё гуруҳҳо низ баҳси таълимӣ ба амал меояд. Дар раванди таълим мо бояд усули баҳсро вобаста ба талаботи мавзуъ қаблан пешбинӣ намоем. Муваффақият ва самарабахшии баҳс одатан аз омилҳои зерин иборат аст:

- интихоби пешакии мавзуи баҳс;
- пешкаш кардани савол ё масъалаи баҳс;
- оғози баҳс;
- ҷудо шудани иштирокчиёни баҳс ба "тарафдорон" ва "муқобилҳо";
- ҳимояи андешаи худ бо овардани далелҳои раднопазир;
- натиҷаи баҳс: тағйир додани ақидаи гуруҳи дигар аз ҷониби яке аз гурӯҳҳо ё то охир ҳимоя кардани андешаи худ, эҳтимолияти пайдо шудани гуруҳи сеюм аз ҳар ду гуруҳ.

Баҳс карда тавонистан санъати ниҳоят баланд аст ва аз шунаванда донишу маърифат, малакаю маҳорат, қобилият, сабру тоқат, таҳаммулпазирӣ ва иродаи махсусро талаб менамояд.

Як сабаби дигари иштирок дар баҳсҳо, ин нишона аз инкишофи хуби зеҳнӣ аст, яъне то даме, ки тамоми далелҳоро таҳлил карда нашаванд, матлабро баён кардан ҷоиз нест. Пеш аз шунидани ақидаҳо ва далелҳои тарафи муқобил ба хулоса омадан кори комилан нодуруст мебошад. Иштирок дар мубоҳисаҳо амали судманд ва самарабахш ҳисоб меёбад.

Омӯзгор баробари пешниҳоди супориш ва ташкили баҳс ба назди гуруҳҳо рафта равиши баҳсро мушоҳида мекунад ё дар паҳлӯи шунавандагон

истода, барои баамалоии баҳс б аъзе андешаҳоро пешниҳод менамояд. Баъзан ӯ ҳамроҳи шунавандагон дар ягон гуруҳ нишаста, ҳамчун аъзои гуруҳ бо онҳо баҳс мекунад, гоҳе аз назди як гуруҳ ба назди гуруҳи дигар рафта, кору амали онҳоро назорат мекунад. Ҳатто дар мавриди ба кор машғул будани ҳамаи гуруҳҳо ҳам, ба омӯзгор лозим аст, ки гаштугузорашро қатъ нагардонида, ба назди гурӯҳҳо равад ва равиши баҳсу мунозира ва муҳокимаҳои шунавандагонро мушоҳида кунад. Ин амал аз он ҷиҳат муҳим аст, ки омӯзгор шунавандагони беҷуръат, камгап ва шармгинро ба баҳс ҳидоят мекунад. Инчунин онҳоро ҳавасманд гардонида, нафаронеро, ки ба дигарон фишор меоранд ва ақидаи худро иҷборӣ гузарондан мехоҳанд, садди роҳ мегарданд.

Яке аз технологияҳои самараноки такмили ихтисос, ки баҳри бомуваффақият ҳал намудани ҳадафҳои ангезонидани такмили ихтисоси омӯзгор кӯмак менамояд, ин технологияи таълими матнӣ мебошад, ки асосгузори ин технология А.А.Вербитский шинохта шудааст. Дар таълими матнӣ дониш, малака, маҳорат на ҳамчун фан пешкаш карда мешавад, ки дар он на танҳо фаъолии шунаванда бояд дида шавад, балки сифату воситаи ҳалли вазифаҳои фаъолияти ӯ ҳамчун мутахассис дода мешавад. Таълими матнӣ таълим ва меҳнатро на чун шакли гуногуни фаъолият ба ҳисоб мегирад, балки ҳамчун ду марҳилаи инкишофи як фаъолият медонад.

Махсусияти асосии шакли матнии раванди таълим тавассути низоми нави шакл ва методҳои таълим амалӣ карда мешавад, ки дар забони воситаҳои ишоратии мазмуни фаъолияти касбидошта амсиласозӣ ном гирифтааст. Дар таълими омӯзгорон вазъиятҳои проблемавӣ истифода бурда мешаванд, ки чун қоида худи омӯзгор аз раванди фаъолияти амалии онҳо луқмапартоӣ мекунад. Воҳидҳои кории омӯзгор ва шунавандагони курс ҳолатҳои фаннӣ ва иҷтимоии мухолифат ва ҳаммаъноиро фаро мегирад. Маҳз дар рафти таҳлили вазъиятҳо, ҳолатҳо, бозиҳои расмиву таълимӣ (бозиҳои коммункатсионӣ, бозиҳои ҳимоя аз ҳаракатӣ, бозиҳо барои

инкишофи ҳисси педагогӣ, бозиҳо-рефлексияҳо) омӯзгор дар худ салоҳиятҳои афзалиятнокро инкишоф медиҳад.

Технологияи таълими матнӣ дар раванди такмили ихтисос аз се шакли базавии зерини фаъолиятҳо таркиб меёбад: фаъолияти академии таълим бо нақши барандагӣ дар лексияву семинарҳо; квазӣ-касбӣ, шахсе, ки дар бозиву тренингҳо ва касбиятнокӣ таҷассум ёфта, ки дар давраи байнисессиявӣ дар ҷои корӣ истифода мебарад: (Расми 3)




***Расми 3. Тарҳи технологияи матнии такмили ихтисос***

Ин намуди технологияи таълим дар курсҳои такмили ихтисоси филиали МД ҷумҳуриявии Донишкадаи такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф дар вилояти Суғд бомуваффақият ҷорӣ карда шудааст. Дар зинаи аввали таълим шунавандагон бо ифодаи ҳамон масъалаҳое, ки дар раванди амалӣ намудани Стандарти давлатии таҳсилот пайдо мегардид, масъалагузории фаъолияти кории худро гузарониданд. Дар рафти лексияи проблемавӣ онҳо ихтилофҳои стандартии дар амалияи фаъолияти кории худ ҷойдоштаро муайян намуданд, ки ихтилофҳои зеринро метавон аз байни онҳо ба таври алоҳида ҷудо намуд:

1. Ихтилофоти байни муносибати экстенсивӣ ба таълимоти базисии нақшаи таълим ва талаботи бартарафкунии сарбории хонандагон;
2. Ихтилофоти байни таълими вариантивӣ, ки дар як қатор фанҳои ҳатмии таълимӣ ва барномаҳои намунавии таълимӣ чун ҳуҷҷатҳои меъёрӣ – ҳуқуқӣ инъикос гардидаанд;
3. Ихтилофоти байни миқдори зиёди китобҳои дарсии тезтағйирёбандаи дар феҳристи барномаҳо мавҷуд будаву миқдори камтари ҳақиқии китобҳои дарсии вариативӣ дар мактабҳо ва ғайра.

Дар лексияҳои назариявӣ шунавандагон танҳо маълумоти амиқ оид ба муносибати босалоҳият, таснифоти дарсҳо ва талаботҳои дидактикии дарси муосирро соҳиб мегардиданд. Дар ҷараёни фаъолияти омӯзгорнамо онҳо дарсро амсиласозӣ намуда, сохти парадигмаи тартибӣ-фаъолиятӣ, ба навори дарсҳои ҳамдигарӣ баҳогузорӣ намуданро баррасӣ намуда, дар бозиҳои расмии ҷараёни дарс ва тренингҳо иштирок намуданд.

Беш аз пеш ангезиши такмили ихтисоси шунавандагонро арзёбии фаъолияти касбии худи онҳо баланд мебардорад. Яке аз ҳадафҳои курси такмили ихтисос дар Донишкадаи такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф дар вилояти Суғд, ки мавриди таҳқиқи мо қарор гирифт, ин дар шунавандагон ташаккул додани сифати хударзёбинамоӣ, худбаҳодиҳӣ мебошад. Инчунин ба онҳо чӣ тавр ба шунавандагон рефлексия намудани дарсро омӯзонидани мешуданд. Мутаассифона, бештари

омӯзгорони мо арзёбиро дар ҷараёни дарсҳо истифода мебаранду аз маъною муҳтавои он фарсаххо дур ҳастанд. Бархе аз омӯзгорон зери мафҳуми арзёбӣ танҳо баҳогузории одиро мефаҳманд ва дар ин росто арзёбиро ҳамчун парадигмаи тартибӣ-фаъолиятии қисмати ҷамъбастии дарс истифода мебаранд. Дар ин замина, муносибат ба арзёбӣ бештар ба худбаҳогузории шахсии худ, имкониятҳои худ, сифат ва ҷой байни дигар одамон такя менамояд. Барои шахсе, ки баҳогузориаш баланд аст, чун анъана ҳамаи натиҷаҳо нишондиҳандаи баланд мегирад ва баръакс нишондиҳандаи паст манфӣ баҳогузорӣ карда мешавад.

Ҳангоми таълими омӯзгорон, мо бештар мафҳуми арзёбиро аз нигоҳи методист О.С.Анисимов истифода мебарем, ки чунин таъкид дорад: «Арзёбӣ – ин таҳлили меъёрӣ мебошад» ва ё «вобаста ба эҳтиёҷи амалкунанда бо ёрии таҳлили амал бартарафкунии камбудиҳо» [7, 8]. Вазифаи дар рафти курси бозомӯзии ба омӯзгорон пешниҳодгардида, ин омодасозии дарсҳо набуда, балки ташкилу гузаронидани дарсҳои намунавӣ дар синфҳо ва баъди он арзёбии муваффақият ва камбудиҳои дарс мебошад. Меъёрҳои арзёбии дарсҳо чун баъзе мафҳумҳои маълумотӣ дар лексияҳои назариявии сохти дарсҳо дар парадигмаи тартибӣ-фаъолиятӣ хидмат менамоянд. Аллакай, дар ҷамъбасти курс ҳар як омӯзгор дар назди шунавандагон дарси гузаштаи худро "ҳимоя" мекунад ва ба муҳокимаи дарсҳои ҳамкорони худ низ ширкат меварзад.

Дарс кори эҷодии омӯзгор аст, зеро ки ҷаҳонбинии ӯ тавассути дарсаш муайян мегардад. Таъкид кардан барҷост, ки дарси имрӯза набояд дар чаҳорчӯбаи муайян, аз рӯйи назарияи беамалия сурат бигирад ва омӯзгор низ набояд дар ин чаҳорчӯба маҳдуд монад.

Оинаи фаъолияти ҳар як омӯзгор, пеш аз ҳама дарс аст, дарси шоиставу пурсамар. Ҳарчанд доираи фаъолияти омӯзгор хеле васеъ аст, ҳамеша ва дар ҳама гуна вазъият дарс рукни асосии фаъолияти ӯ ба шумор меравад. Тавассути дарс, ки шакли муҳимтарини таълиму тарбия маҳсуб

меёбад, омӯзгор ҳадафҳои ҳамарӯзаи худро вобаста ба ташкили дониши хонандагон дар амал татбиқ менамояд.

Беҳуда нест, ки педагогҳои варзида ва мактабшиносони маъруф дар бисёр маврид кӯшиш бар он кардаанд, ки мазмуну моҳияти дарсро тавзеҳ бахшанду хадаф ва сохтори асосии онро муайян намоянд. Дарс ҳамчун шакли муҳимтарини таълим таърихи дерин дорад ва давра ба давра ташаккул ёфтаву мукаммал гардидааст.

Омӯзгороне, ки ба курси бозомӯзӣ меоянд, қисман бо низоми парадигмаи тартибӣ-фаъолиятии дарс ошно ҳастанд. Бархе бо ин низом аз шабакаҳои интернетӣ шинос шудаанд, баъзеашон ба дарсҳои дигар ҳамкасбони худ иштирок намуда, бо чунин тартиб анҷом ёфтани дарсро бохабар гардидаанд. Дидактикаи муосир аксаран чи дар тасниф намудани дарсҳо ва чи дар ҷараёни гузаронидани дарсҳо муносибатҳои мураккабро пешниҳод менамояд.

Аз суҳбат бо шунавандагони курсҳои такмили ихтисос дар филиали МД ҷумҳуриявии Донишкадаи такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф дар вилояти Суғд маълум гардид, ки баъди бо маълумоти таснифоти дарсҳо, ки дар низоми дидактикии фаъолияти методии “Дарси кушоди додани дониши нав”, “Дарси арзёбӣ”, “Дарси назоратӣ”, “Дарси хусусияти умумиметодидошта” мустақилона шинос шудан, дар онҳо ангезаи омӯзиши муносибати тартибӣ – фаъолиятӣ  ва истифодаи он дар лоиҳаи дарсҳо аз байн меравад. Барои омӯзгор таҷрибаи амиқсозии сохти чунин дарсҳо хеле мураккаб менамояд ва имкониятҳои ӯро дар эҷодиёти педагогӣ паст мекунад. Байни саволҳои махсусе, ки шунавандагон ба омӯзгор медиҳанд бештар чунин саволҳо ба назар мерасанд: “Ман бештар бо хонандагон “дарс-саёҳат”, “дарс-консерт”, “дарс-мурофиаи қаҳрамони асар” мегузаронам. Акнун ташкил ва баргузор намудани чунин дарсҳо магар мумкин нест?”.

Зарурият пайдо мешавад, ки таснифоти куҳнаро бо наваш мутаносиб намоем, барои он ки маълумоти нав ба омӯзгорони соҳибтаҷрибаи калонсол

фаҳмотар гардад. Дар ин ҳолат зарур мешуморем, ки онҳоро аз рӯи муносибати салоҳиятнок чунин баррасӣ намоем.

**Ҷадвали 2.**

**Номгӯи куҳна ва нави дарсҳо**

| Тавсияи нав (мутобиқ ба стандарт) | Тавсияи куҳнашуда |
|---|---|
| Дарси "кушоди додани дониши нав" | Дарси омӯзиши маводи нав |
| Дарси арзёбӣ | Дарси такмили дониш<br>Дарси такрор ва мустаҳкамкунии дониш |
| Дарси хусусияти умумиметодидошта | Дарси хулосакунӣ ва батартиб-оварии дониш |
| Дарси назорати инкишофёбӣ | Дарси назорати дониш, маҳорату малака;<br>Дарсиислоҳи дониш, маҳорату малака |

Имрӯзҳо методикаи гуногуни ташкил ва баргузор намудани дарсҳо муайян ва манзур карда шудааст. Вобаста ба рӯҳияи замон ва ислоҳоти соҳаи маориф ба истилоҳ, демократикунонии раванди таълим, аз ҷумла, дарс ба амал баровarda шудааст, ки зимни он ба омӯзгор дар баргузор намудани дарс имконоту ихтиёроти муайян дода мешавад. Омӯзгор дар ташкилу банақшагирӣ ва муайян намудани методи дарси хеш бояд, пеш аз ҳама, ба мазмуну муҳтавои мавзӯъ, имконоти шогирдон, сатҳи дониши онҳо ва шароити синфу муассисаи таълимӣ такя намояд.

Бо он ҳама озодиҳо дар ташкили таълим тавассути дарс омӯзгорро лозим аст, ки чанде аз умдатарин талаботи дидактикиро нисбат ба дарс риоя намояд. Нахуст, бояд вазифаҳои ҳар дарс аниқ ва равшан муайян карда шаванд. Дигар, бояд ҳамеша ба ҳамбастагии таълиму тарбия дар дарс таваҷҷуҳ зоҳир намуд. Ин ҳамбастагӣ гарави муҳими муваффақияти омӯзгор ва самарамандии дарс маҳсуб меёбад.

Талаботи дигар вобаста ба мазмуни мавзӯъ ва сохти дарс таҳия ва омода намудани аёниятҳо ва маводи дидактикӣ мебошад. Таҷҳизоти дарс бояд ҷолибу навоварона бошад. Ҳамчунин, омӯзгор бар он бояд бикӯшад, ки дарс бо воқеият, бо муҳити фаъолияти шогирдон иртибот дошта бошад. Ба инобат гирифтани хусусиятҳои синнусолӣ ва психологии шогирдон, имконоти физиологии онҳо низ аз талаботи умда ба дарс аст. Вақте ки ин талаботи асосӣ дар ташкили дарс ба инобат гирифта мешавад ва ба он маҳорати коргардонии омӯзгор зам мегардад, дарс, албатта, натиҷаи дилхоҳ медиҳад. Дарс, чунон ки гуфта шуд, ба шарофати эҷодкории омӯзгор рангу тобиши тоза мегирад, муассир ва нақшгузор мегардад. Унсурҳое ҳастанд, ки ба ҳамаи дарсҳо хосанд ва дар ҳар гуна намуди дарсҳо ба инобат гирифта мешаванд. Ин унсурҳо мавзӯи дарс, ҳадафи он, баёни мавзӯи нав, пурсиш (дар ҳар ҳолат ва ба тариқи гуногун), ҷамъбаст ва супориш мебошанд. Ҳамаи ин унсурҳоро омӯзгор шарт нест, ки дар лаҳзаи муайяни дарс ва дар доираи муайяни вақт роҳандозӣ намояд.

Ин кор ҳам эҷодкорӣ мехоҳад ва метавонад бадоҳатан, ё худ, дар омехтагӣ бо лаҳзаҳои алоҳидаю маъмули дарс татбиқ карда шавад.

Чун дарс, хосатан, дарси муосир ҳамеша тақозои эҷодкорӣ дорад, омӯзгор бояд пайваста аз паи омӯзиш, дар ҷустуҷӯ ва худтакмилдиҳӣ бошад. Агар ҷараёни таълимро дарёи серобу азиме тасаввур кунем, дарс хурӯшонтарин ва калонтарин шохоби дарёи сероб аст. Бале, дарс ҳақиқатан ҳам қувва ва нерӯи тавоно дорад. Омӯзгори имрӯзаро лозим меояд, ки пайваста заҳмат кашад, то дарсҳояш пурсамару шавқовар гузаранд. Самара ва сифати дарс ба кӯшишҳои пай дар пай хастагинопазири омӯзгор вобаста аст.

Ташкили дарси хуб кори саҳл нест. Вай ҳатто аз омӯзгори ботаҷриба ҳам заҳмати зиёде мехоҳад. Усулҳои шавқовар гузаронидани дарс бениҳоят зиёданд. Гузаронидани дарс бо истифода аз усулҳои интерактивӣ, слайдҳо, аз техникаи электронӣ мушкилии омӯзгорро аз чанд ҷиҳат сабук мегардонад:

а) вақт самаранок истифода бурда мешавад;

б) омӯзгор кам кор мекунад, хонандагон бештар фаъолият мебаранд;

в) шавқмандии хонандагонро ба дарс афзун мегардонад;

г) ҷаҳонбинии хонандагонро васеъ мегардонад.

Умуман, агар ҷустуҷӯ намоему эҷодкор бошем, роҳу усули шавқовари зиёд пайдо менамоем, ки ба пешравии фаъолияти мо, омӯзгорон ва сифату самараи дарсамон таъсири мусбат мерасонанд.

Барои баландбардории ангезиши таълим дар курсҳои такмили ихтисос омӯзгорро зарур аст, ки якчанд вазифаҳоро иҷро намояд:

- аз рӯи имконот тавзеҳ ва тавсифҳои мураккаби зоҳиран илмӣ, ки ба олимон-педагогон манзур мешавад, ба тавсияҳои фаҳмотари омӯзгори амалӣ иваз менамоянд;
- намоиш додани намунаи дарсҳое, ки дар парадигмаи тартибӣ-фаъолиятӣ омода карда шудаанд ва ғояи барандавиро маҳфуз медоранд, аммо муносибати эҷодкоронаи омӯзгорро дар ташкилу гузаронидани он истифода мебаранд;
- мафҳумҳои барои омӯзгорон нав, ба монанди “амали таълимии ҳаматарафа”, “мазмуни байнифаннӣ”-ро дурусту аниқ ҷудо намуда, онро бо мафҳумҳои ба омӯзгорон ошно иваз ва мутобиқ гардонанд;
- дар мазмуни парадигмаи фаъолият талаботҳои дидактикии асосиро ҷудо намуда, аз худ кардани ин талаботҳоро ба омӯзгорон таъкид ва таъмин менамояд.

Дар ин сурат ба шунавандагон фаҳмонида мешавад, ки мафҳуми “талаботи дидактикӣ” бо талаботи маъмурӣ ба монанди фармоиши сарвари муассиса ягон умумияте надорад. Талаботи дидактикӣ – ин тавзеҳоти илман асоснок кардашуда, ки асосан самаранокии таълим ва ба иҷро расонидани талаботҳои Стандарти давлатии таҳсилотро баландтар мебардорад. Дар зер мо кӯшиш намудем, даҳ номгӯи чунин талаботҳои судмандро ҷудо намоем, ки онҳо барои истифодаи эҷодкоронаи фаъолияти омӯзгорон нақши созанда доранд:

1. Дар дарс бояд марҳилаи ангезандагӣ мавҷуд бошад, ки дар он ба хонандагон манфиати шахсии фаъолияти онҳо фаҳмонида мешавад.
2. Дар дарс бояд ҳадафгузорӣ маълум бошад, зеро дар ҷараёни он аломатҳои нишондодашуда, ки дар оянда дар марҳилаи ҷамъбастии арзёбии донишҳои хонандагон метавонанд, хулосаи ҳадафи гузошта-ашонро бароварда бошанд. Омӯзгор метавонад дар ҳадафгузории дарс хонандагонро низ ҷалб намояд.
3. Дар дарс бояд марҳилаи воридкунии хонандагон ба кори мустақилонаи дарёфти донишҳо низ мавҷуд бошад. Дар рафти ин кор онҳо бояд, ҳадалимкон барои аз вазъияти проблемавӣ берун шудан мушкилӣ кашида бошанд, сари масъала андешаронӣ карда бошанд. Самаранокӣ ва натиҷаи ин шакли фаъолиятро чун шакли тадқиқотӣ эътироф намудан мумкин аст.
4. Дар дарс бояд шаклҳои гуногуни ҳамкории байнишахсӣ мавҷуд бошанд, ба монанди: хонанда-хонанда, хонанда- аҳли синф, хонанда-гуруҳи хурди таълимӣ, омӯзгор – хонанда ва ғайра. Чунин ҳамкории мутақобила ба шаклҳои гуруҳӣ, ҷуфтӣ ва рӯ ба рӯйи ташкили методҳои таълими интерактивии дарс оварда мерасонад.
5. Дар дарс бояд марҳилаи фаъолияти мустақилонаи хонанда, ки дар натиҷаи он ӯ метавонад аз меъёрҳову нишондодҳои аз ҷониби омӯзгор пешниҳоднамуда истифода бурда, баҳогузорӣ намояд.
6. Муҳите, ки дар дарс омӯзгор месозад, бояд ба ҳамкорӣ ва дастгирии мутақобилаи хонандагон мусоидат намояд. Ин ба муомилаи некхоҳонаи омӯзгор ва сохти вазъияти муваффақона дар таълимро таъмин менамояд.
7. Дар дарс ба хонандагон бештар барои эҷодкорӣ имкон дода шавад.
8. Дар раванди таълим хонандагон марҳила ба марҳила фаъолияти худро арзёбӣ намуда, маҳсули фаъолияти бадастовардаи худро баҳогузорӣ менамоянд. Дар дарсҳои минбаъда хонандагонро ба

назорати иҷрои амалҳои фаъолияти фикридошта ҷалб намудан мувофиқи мақсад аст.

9. Дарс бояд ба ташкили бархе аз муносибати эҷодкоронаи лоиҳавӣ ҳамчун натиҷаи фаъолияти ҳамҷояи хонандагон роҳандозӣ шуда бошад.
10. Натиҷагириҳои ҷамъбастии дарс барои амалишавии мақсад ва нишондиҳандаи комёбиҳо истифода бурда шавад.

Ба омӯзгор тавсияи талаботҳои дидактикӣ амалан бояд фаҳмо бошад, зеро он барои ангезонидан ва баланд бардоштани такмили ихтисоси ӯ мусоидат мекунад. Мо аксар вақт аз омӯзгороне, ки ба такмили ихтисос меоянд, чунин суханҳоро мешунавем: “Акнун фаҳмидам!” вале омӯзгорони соҳибтаҷрибаю собиқадор таъкид  мекунанд, ки “Ин ғояҳо кайҳост ба мо ошно. Дар давраи ҷавонӣ мо онро “фаъолгардонии фаъолияти маърифатии хонандагон” ном мебурдем”. Ҳатто агар онҳо ҳақ набошанд ҳам, бояд иқрор шуд, ки принсипи “навгонӣ – ин усули куҳнаи фаромӯшшуда” набуда, ин ҷо бештар бор меоварад.

Тавсияҳои дидактикии қаблан зикршуда барои меъёри арзёбии фаъолияти омӯзгор хидмат мекунад. Онро “ҳимоя” намуда, шунавандаи курс дар ҷамъбасти он на танҳо корҳои дар рафти курси такмили ихтисос анҷомдодаи худро номбар мекунад, балки чи тавр дар ташкилу гузаронидани дарсҳо бо низоми муносибати тартибӣ-фаъолиятӣ риоя намуда, роҳҳои истифодаи талаботҳои дидактикиро меомӯзад.

Дар табаддулоти ангезонидани такмили ихтисос омода намудани дастури методӣ, оид ба ҳалли принсипи проблемаи пешгузошта, дар рафти иҷрои машғулиятҳои курси такмили ихтисос нақши муассир мегузорад. Ин гуна дастур таҳлили педагогии назариявию амалии фаъолият ва таҷрибаи педагогиро дар худ инъикос менамояд. Масалан, дар дастуре, ки махсус барои шунавандагони курси такмили ихтисос таҳия шудааст, дар банди “Тавсияҳо барои баиҷрорасонии нишондодҳои Стандарти давлатии таҳсилот” оварда шудааст, ки он на танҳо асоси назариявии муносибати

тартибӣ-фаъолиятӣ, балки ҳар як дарси фанҳои ҷудогона бо коркарди зинагӣ пешниҳод карда шуда мебошад, ки он дар оянда барои омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ кӯмаки амалии хуб хоҳад расонд.

Оид ба ангезиши таълим, ки ҳамчун омили инкишофи фаъолнокии касбии омӯзгор дар раванди такмили ихтисос нақш дорад, аксаран назарсанҷӣ бо шунавандагон гузаронида шуд, ки онҳо ба мо натиҷаи ҷамъбастии курсҳоро нишон медиҳанд. Дар зер ҷавоби онҳо ба саволи “Такмили ихтисос ба Шумо барои чӣ лозим аст?”-ро (ҳамон ҷавоби шунаванда ба инобат гирифта шуд, ки дар мақоми аввал буду онро шунаванда зарууртар донист) мо дар фарҷоми курсҳо мавриди омӯзишу баҳрабардорӣ қарор додем:




***Диаграммаи 2. Ҷавобҳои шунавандагони курси такмили ихтисос ба саволи “Такмили ихтисос ба Шумо барои чӣ лозим аст?”***

Аз натиҷаҳои дар расм омада бар меояд, ки пас аз тариқи якчанд маротиба истифодабарии усулҳои фаъоли таълим ташкил ва гузаронидани курси такмили ихтисос шунавандагон фикри худро комилан тағйир доданд, дар рафти тренингу машваратҳо ба саволҳо ҷавоб дода, таъкид намуданд, ки ба саволҳои дар амалия пайдошудаи худ барои ҷавоб гирифтан имконият фароҳам оварданд. Ин нишондиҳанда қисмати бештари шунавандагон, яъне

60%-ро ташкил дод. 25 %-и шунавандагон иддао доранд, ки дар раванди чунин курсҳо салоҳияти худро бой мегардонанд. Бархе аз шунавандагон, ки 10 %-ро ташкил медод, бар ақидаи он буданд, ки курси такмили ихтисос танҳо барои аз аттестатсия гузаштан кӯмак хоҳад намуд. Банди ба ҷавоб додан душворӣ кашидами шунавандагон 5%-ро ташкил дод.

Дигаркунии парадигмаи таълимие, ки ба шахсияти шунавандагон роҳандозӣ карда шудааст, моҳияти фардикунонии таълимро инъикос менамояд. Дар умум, назди низоми маориф вазифаи ташаккул додани иқтидори нуҳуфтаи илмӣ, таълимӣ ва тарбиявии ҳар фард меистад, ки барои ҳамчун субъекти ҳаёти иҷтимоӣ, ба худинкишофдиҳӣ, худмуайянкунӣ ва худбавуҷудоварӣ ҷомеа равона карда мешавад.

Барои ҳалли ин вазифаҳо ба омӯзгори синфҳои ибтидоӣ масъулияти бузург гузошта шудааст. Ташаккул ва рушди маънавии хонандагон аз он вобаста аст, ки ӯ то чи андоза аҳамияти тағйирёбандагии таълимро дарк ва қабул намуда, ташкили образи худи онҳоро дар фазои таълимӣ таъмин менамояд. Вале таҷриба собит месозад, ки аксари шунавандагони курсҳои такмили ихтисоси омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ сатҳи пасти равониву омодагии касбӣ дар амаликунии принсипи фардикунонии таълим доранд ва дар низоми фардикунонӣ таҷрибаи кофӣ надоранд. Ба андешаи мо, ин вазъият бо он вобастагӣ дорад, ки малакаҳои нави касбии омӯзгор дар заминаи имконияти шахсӣ мавриди истифода қарор мегиранд, яъне фаъолияти таълимӣ ва касбии онҳо бояд инфиродӣ бошад. Аммо аксар вақт, дар раванди такмили ихтисос омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ худро аз фаъолияти таълимӣ ҷудо тасаввур карда, чун шунаванда мемонанд, дар ҳоле ки Стандарти давлатии таҳсилот аз омӯзгор “коркард ва ҷорикунии самтҳои фардии таълим, барномаҳои фардии инкишофро бо назардошти хусусиятҳои шахсиву синнусолии хонандагон” талаб мекунад [169].

Бинобарин, пеш аз ҳама, фардикунонии такмили ихтисоси худи омӯзгорро бояд таъмин намояд, вале саволе ба миён меояд, ки чӣ тавр? Мо

кӯшиш кардем, ки ба ин савол то андозае мувофиқи имконияти худ ҷавоб ёбем ва ғояи таълими фардиро дар курсҳои такмили ихтисос ҷорӣ намоем.

Аввалан, мо фардикунонии такмили ихтисоси омӯзгорони синфҳои ибтидоиро ҳамчун воситаи офариниши фазои шахсии мавҷудияти инсон дар таълими худ муайян намудем, яъне муҳити таълимии инъикосшаванда, кушода, тағйирёбанда, фасеҳ, бой, шахсиро ки дар он ҷо фаъолияти муштараки ҳамаи фанҳои ҷараёни таълими такмили ихтисос ба татбиқи барномаҳои алоҳидаи шунаванда равона карда шудааст, таъмин кардем. Ҳамин тариқ, ҳамчун механизми имконпазири татбиқи принсипи фардикунонии ҷараёни таълим барномаи инфиродии таълими такмили ихтисос интихоб карда шуд.

Дуюм, мо амсиласозии барномаи фардии такмили ихтисоси омӯзгорони синфҳои ибтидоиро интихоб намудем, ки метавонад як барномаи иловагии касбӣ дар асоси фардикунонии мундариҷаи он бо назардошти хусусият ва талаботҳои таълимӣ шунавандаи муайянро таъмин кунад.

Сеюм, вобаста ба рушди технологияҳои муосири таълим ва талаботи имрӯзаи ташкили дарс дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ барои шунавандагони курсҳои такмили ихтисос тарзҳои бароҳмонии машғулиятҳоро коркард намуда, роҳи ошкоркунии мафҳумҳои нав, шакл ва намудҳои ташкили кори таълим дар синфҳои ибтидоӣ, ҳамчунин аҳамияти таълимии барномаҳо, фардикунонии такмили ихтисос, воситаи таъмини амаликунии талаботҳои шахсӣ ва касбии шунавандагон маҳсуб ёфтааст.

Исбот гардидааст, ки такмили ихтисос баҳри рушди фаъолияти касбӣ роҳандозӣ карда шуда, таҳкурсии он арзёбӣ ё худ таҳлили натиҷаи фаъолияти амалии омӯзгорон маҳсуб меёбад ва дар интихоби тарзу воситаҳои таълим ба инкишофи куллӣ, дар асоси мушкилотҳои муайянгардида хидмат мекунад:

Қадами аввал дар ин самт баҳодиҳии касбии фаъолият, дар соҳаи муайян, ба ҳисоб меравад.

Қадами дуюм, ин муайян кардани мушкилоти касбӣ-соҳавӣ аст.

Қадами сеюм ташаккули ҳадафҳои фардии такмили ихтисос мебошад.

Қадами чорум – ташкили самти фардии таълимро (барномаи таркибии амал дар баъзе аз марҳилаҳои таълим) ташкил намуд.

Маҳз ба туфайли чунин ҳадафгузорӣ дар иштироккунандагони курси такмили ихтисос нуқтаи муайяни табаддулот ё навгарой пайдо мешавад, ки он ба ваҷҳу ангеза, талаботи муайяни ҳар як омӯзгор алоқаманд буда, дар нуқтаи ҷамъбастӣ образи идеалии натиҷаи мусбатро ба даст меоварад. Ин образ бояд чунон аниқу дақиқ бошад ва ба омӯзгор имкон дода тавонад, ки минбаъд фаъолияти худро барои ташкили самарабахшии кори таълиму тарбия барои қонеъ гардонидани талаботи ӯ мусоидат менамояд.

Ҳамин тавр, ҳар як қадамро паси сар намуда, омӯзгори синфҳои ибтидоӣ аҳамияти фаъолияти шахсии такмили ихтисосро мулоҳизакорона ба нақша медарорад.

Имрӯз такмили ихтисос бо ҷалби омӯзгорони соҳибтаҷриба дар эҷод намудани барномаҳои рушди касбӣ, аз омода кардани мазмуну муҳтавои раванди такмили ихтисос (бо дарназардошти мушкилоти муайяни кори омӯзгорӣ), аз нозукиҳои касбӣ огоҳ будани ҳар як омӯзгор, шарту шароити муассисаи таълимӣ ва назорати маҳорату малакаҳои нави касбӣ-педагогӣ дар таълими фанҳо аз манфиат холӣ буда наметавонад. Ин муносибати нав ба омӯзгори имрӯза имкон фароҳам меорад, ки донишҳои назариявии хонандагон аз барнамударо, барои инкишофи тафаккури ҳам мантиқиву ҳам интиқодӣ, амалӣ намудани мушкилотҳои тадқиқӣ, лоиҳавӣ, эҷодӣ, созандагӣ, идоракунӣ ва ғайра бештар истифода намояд. Танҳо бо ҳамин роҳ ба мақсади ниҳоӣ, яъне баландбардории тахассуси омӯзгорон, инчунин расонидани кӯмаки амалӣ дар ҳалли вазифаҳои замонавию муосир, ки барои фароҳам овардани имкониятҳо дар интихобу истифодаи роҳҳои фаъоли таълим, беҳдошти сифати он ва ангезонидани ихтисосмандони соҳа дар рушди касбӣ мебошад, метавон расид. Қатъи назар аз дараҷаи касбият, табодули таҷриба, худомӯзии мунтазам, собиқаи корӣ ва таҷрибаи педагогӣ талаботи омӯзгорон ба такмили ихтисос ва бозомӯзӣ, баргузории курсу

семинарҳо ҳама вақт муҳимтар аз ҳама боқӣ мемонад. Ин ҷо бояд қайд намуд, ки ҷараёни муосиркунӣ ва ташкили низоми самарабахши такмили ихтисос барои ҳамагуна намудҳои муассисаҳои таълимӣ-тарбиявӣ зиёд намудани маблағгузории барномаҳои такмили ихтисосро талаб мекунад.

Аз ин лиҳоз, ин самти муҳимро на танҳо ниёзи фардӣ шуморид, балки вобаста ба замон ва таҳаввулоти ҷомеа бояд ҳамчун талаботи ҷамъиятӣ шинохта шуда, баҳри татбиқи амалии он чораҳои зарурӣ ва саривақтӣ андешида шавад.

### 2.2. Амсилаи муносибати ангезандагии такмили ихтисоси омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ дар шароити ҷаҳонишавии низоми маориф

Мусаллам аст, ки аз оғози офариниши дунё то имрӯз таълиму тарбияи насли наврас танҳо ба хотири солиму оқил камол ёфтани инсони оянда – шахсияти комил ва бо истифодаи ҳамгуна роҳу усулҳо ва шаклҳои гуногуни талаботи замон ба иҷро расонидани мақсаду маромҳои неки башардӯстона мебошад. Таҳсилу омӯзиш, аз худ кардани касб, баланд бардоштани маҳорату малака ва коромӯзӣ қисмати ҷудонопазири ҳаёти ҳар фард буда, муносибати байни «устод ва шогирд» шакли маъмул ва бо шеваи маъруф ҳамчун “падаронаву фарзандона” ҳамеша боқӣ хоҳад монд.

Дар давоми ҳаёт ҳар як инсон баробари тараққиёту тағйирпазирии ҷомеа, бахусус, таҳаввулоти илмӣ-маърифатӣ ҳама вақт ба омӯзиш ва касбомӯзиву коромӯзӣ эҳтиёҷ дорад. Тамоюли дунёи пурташаннуҷу босуръат, дигаргуншаванда дар тамоми соҳаҳои ҳаёт, бахусус, соҳаи илму маориф амалигардонии омӯзиши пайдарпай ва муназзами касбиро талаб мекунад.

Аз ин рӯ, баробари дар сайёра пурзӯр шудани рақобатҳои ҳамаҷониба ҳадафи давлату ҳукумат низ, мутобиқ ба талаботи ҷомеаи муосир, дар самти пурзӯр ва босифат намудани низоми маориф ва бо ин васила дастрасӣ пайдо намудан дар таъмини рушди иқтисодӣ ва иҷтимоӣ-маънавии шаҳрвандон иқдомҳои маорифпарварона тарҳрезӣ шуда истодааст. Дар санади муҳими

давлатӣ – Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии кишвар, аз 26.12.2019, таъкид карда шудааст, ки «Роҳбарону масъулони соҳаи маорифро зарур аст, ки сатҳу сифати таълимро дар ҳар як муассисаи таълимӣ, сарфи назар аз шакли моликияти онҳо, дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот баланд бардоранд» [130].

Мактаби имрӯза бе омӯзгори мулоҳизакор, ки танҳо фаъолияташ ӯро рушду камол медиҳад ва омили муҳими тарбияи шогирдон мегардад, мавҷуд буда наметавонад. Мантиқан, ба таълим фаро гирифта шудани омӯзгорон ин ба хотири поягузории ҷомеаи оянда, омӯзонидану ҳамчун шахсият ташаккул додани насли наврас мебошад, зеро ки маҳз «омӯзгор барои инсон роҳи маърифатро мекушояд ва ба ҷаҳони ботинии шогирдон тухми ақлу хирад мепошад» [130].

Дар ин замина, агар талабот нисбат ба баландбардории сифати таълимро амалӣ намудан хоҳем, пеш аз ҳама, бояд ҳатман аҳамияту зарурати бозсозии ҷиддии низоми такмили ихтисос ва бозомӯзиро бозгӯ намуда, роҳҳои рушду такомули онро таҳқиқ ва ҷустуҷӯ намоем. Восита ва сарчашмаҳои асосии рушди илму маориф ва камолоти инсон ин, пеш аз ҳама, рушди сармоягузорӣ ва ташаккули омилҳои муосири низоми маориф, яъне ҷорикунии инноватсияҳо, рушди салоҳиятҳои касбӣ, ташкили ҷараёни таълими хусусӣ, дар раванди кори муассисаҳои таълимӣ асоси амалисозии ҳадафҳои таълиму тарбияи наврасону ҷавонон ҷалби фаъолонаи волидайн мебошад.

Дар замони пешрафти фарҳанги иттилоотӣ ва илму техникии муосир раванди такмили ихтисос ғолибан ҳамчун зарурати замон пеш омада, на танҳо манфиати касбиро талаб менамояд, балки он ҳамчун омили муҳим дар беҳдошти ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодии ҳар фарди ҷомеа нақши калидӣ дорад. Воқеан, дар ҷомеаи имрӯза рисолати омӯзгор дар рушди касб, табодули дониши амалӣ ё такмили ихтисос фаъолнокии пеш аз ҳарвақтаро талаб менамояд.

Мутаассифона, мутобиқ ба мушоҳидаву назарсанҷиҳои педагогӣ маълум мегардад, ки дар ҳамаи марҳилаҳои таҳсилот аксари омӯзгорон-устодон фаъолияти касбиро дар сатҳи миёна ва ҳатто пасттар аз он пеш мебаранд, корҳои эҷодӣ, таҷрибаандӯзӣ ва худомӯзӣ намекунанд, ё умуман, ба ин талаботҳои имрӯз шавқу ҳавас ё худ ангеза надоранд. Инчунин ба дарсҳо дар доираи барномаву нақшаҳо ва тавсияҳои методии куҳнаву якранг ворид мешаванд. Дар ин ҷо нуқс дар сохтори муассиса низ ба назар мерасад, ки фаъолияти касбии ҳар як омӯзгор дар ҷаласаҳои назди маъмурияти муассисаи таълимӣ ба таври бояду шояд таҳлилу баррасӣ намегарданд. Мушовирони методӣ дар қонеъгардонии ниёзҳои касбӣ, фаъолгардонии машғулиятҳои таълимӣ ва тарбиявӣ, ҳавасмандгардонии омӯзгорон ва умуман, рушди педагогии онҳо ниҳоят бетаҷриба ва камфаъол мебошанд.

Таҳлили сарчашмаҳои илмии педагогӣ-психологӣ, ки моҳияту мазмуни ангезаҳоро бозгӯ намуда, дар раванди тартиб додани амсилаи ангезонидани омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ нақши муҳим доранд, натиҷаи тахминии раванди ташаккули ангезаҳоро рушди инноватсионӣ ва самти иҷтимоиву иқтисодӣ медонанд.

Низоми муосири маориф, ки ба ҳалли масъалаҳои рушди инноватсионии иҷтимоиву иқтисодӣ нигаронида шудааст, ба сатҳи салоҳияти касбии омӯзгорон ва сарварони муассисаҳои таълимӣ талаботи нав зам мекунад. Яке аз шарти зарурии навсозии низоми маориф ин баланд бардоштани дараҷаи касбӣ ва ташаккули ҳайати омӯзгории ҷавобгӯи талаботҳои муосири ҷамъиятӣ маҳсуб меёбад.

Маълумот- манбаъ ва василаи ташаккули шахсияти эҷодкор маҳсуб меёбад, ки ӯро ба ҷамъияти тезтағйирёбанда мутобиқу омода месозад. Принсипи "Таҳсилоти якумрӣ" ин навъи фаъолиятро барои ҳар як шахси имрӯза асоснок мекунад - вазифаи муҳимтарини навсозии худи таҳсилот ва такмили ихтисоси иштирокчиёни ҷараёни таълим муҳимтар мегардад.

Ҳалли самараноку ҳадафраси проблемаҳои таълимӣ бидуни касбомӯзиву такмили ихтисоси шахсоне, ки раванди таълимро ташкил ва баргузор менамоянд, номумкин аст. Табаддулоти нақш, вазифаву ҳадафҳои ҳамаи иштирокдорони ин раванд, аз сарварони муассисаи таълимӣ то мушовирону омӯзгорон, тағйироти бунёдӣ дар такмили ихтисос ва бозомӯзии онҳоро пешбинӣ менамояд, аммо боз ҳам муҳимтар ин, тағйир додани тарзи тафаккури иштирокчиёни ҷараёни таълим, аз қолабҳои куҳнаи ташкили раванди таълим ва гузариш ба раванди таълимии инноватсионӣ бо гирифтани натиҷаи пешбинишуда мебошад. Ҳамаи иштирокдорони раванди таълим бояд бо самтҳои афзалиятноки нав, вазифа ва дастуруламалҳо шинос гарданд, ки он бояд барои таъмини сифат, дастрасӣ ва самарабахшии таълим роҳандозӣ карда шавад.

Баҳри иҷрои вазифаҳои номбаршуда методологияи нави тарҳрезии низоми такмили ихтисос ва бозомӯзии касбии ҳайати омӯзгорон, шаклҳои нави донишкадавии такмили ихтисоси омӯзгорон, таҳия ва озмоиши амсилаҳои инноватсионии такмили ихтисос ва бозомӯзии ҳайати роҳбарикунанда ва омӯзгорон дар заминаи такмили иҷтимоию фарҳангии таълим зарур аст. Мавҷудияти амсилаҳои истифодашаванда дар такмили ихтисос ва бозомӯзии касбӣ ва талабот ба омӯзгорони низоми муосири таълим якчанд ихтилофотро ба вуҷуд меоранд:

- байни суръати баланди тағйирот ба эҳтиёҷоти таълимии омӯзгорон ва давраҳои муқарраршудаи такмили ихтисос;

- байни тағйирот дар мундариҷаи таҳсилоти умумӣ ва касбӣ, масалан, ҷорӣ намудани стандартҳои насли нав ва мундариҷаи анъанавии кори методӣ;

- байни мундариҷаи самтҳои асосӣ дар самти модернизатсияи рушди маориф дар минтақаҳо ва барномаҳои мавҷудаи таълимӣ;

- байни системаи мавҷудаи аттестатсияи ҳайати омӯзгорон ва зарурати баҳодиҳии мунтазами объективии сатҳи ташаккули салоҳияти касбӣ дар байни роҳбарон, методистон ва омӯзгорони муассисаҳои таълимӣ;

- байни талабот ба сохтани амсилаҳои инноватсионии такмили ихтисос барои кор бо роҳбарон, методистон ва омӯзгорони муассисаҳои таълимӣ барои татбиқи равиши фарққунанда дар таълими касбии онҳо ва мавҷуд набудани заминаи боэътимоди таҳияшуда, ки хусусияти фаъолияти системаи такмили ихтисосро муайян мекунад, инчунин мавҷуд набудани асоснокии илмии ин раванд.

Амсилаҳои инноватсионии такмили ихтисос ва бозомӯзии касбӣ дар соҳаи маориф бояд нақши воситаҳои рафъи ихтилофҳои номбаршударо боздоранд, инчунин тафаккури куҳнаи касбии омӯзгорон ва мутобиқ кардани онҳо ба шароити муосир, ҳавасмандгардонӣ барои рушди минбаъдаи касбии онҳо таҷдид карда шавад.

Дар низоми такмили ихтисоси замони муосир ташаккули таркиби фасеҳи хидматрасонии таълимӣ бо назардошти муносибати инноватсионӣ ба таълим пешбинӣ шудааст.

Таҳлили амсилаҳои мавҷудаи такмили ихтисос ва курси азнавтайёркунии кормандони омӯзгорӣ дар асоси талаботҳои анъанавӣ гузаронида шуда, кори тадқиқотии як қатор олимони рус ба монанди Э.М.Никитин, Е.К.Скорлуханова, Ю.И.Турчанинова, И.Н.Закатова, С.Г.Вершловский, Т.А.Каклукович ва дигарон мавриди назар қарор гирифтааст. Дар заминаи баҳисобгирии таҳқиқотҳои илмӣ, таҷрибаи амалии ташкили курсҳои такмили ихтисос ва бозомӯзии омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ дар Тоҷикистон мо модули муайянро коркард ва мавриди истифодабарӣ қарор додем, ки барои бартараф намудани мушкилоти зерин мусоидат бояд намояд:

- Байни талаботи корҳои инноватсионии мутахассисони муассисаи таълимӣ дар самти иқтисодӣ ва моҳияти тараққинокардаи такмили ихтисос ва муассисаҳои ин сатҳ номутаносибии зиёд ба назар мерасад.

- ❖ Моҳияти баҳогузории муосири сифат, иҷозатнома (сертификат) ва стандартикунонии такмили ихтисоси омӯзгорон ва ҳам калонсолоне, ки бо иштироки ҷамъияти касбӣ ва муассисаи ҷамъиятӣ коркард карда намешаванд.
- ❖ Барномаи фардикунонидашуда, шаклу технологияҳои такмили ихтисос, аз ҷумла моҳияти маблағгузорӣ бо роҳи ҳавасмандкунӣ амалӣ карда намешавад. Донишомӯз ба пуррагӣ дар ихтиёри омӯзгори Донишкадаи такмили ихтисос ва бозомӯзӣ мебошад, ки инҳисорона тамоми раванди таълимро муайян мекунад. Муайянкунии натиҷаи таълим аксар вақт характери расмиро касб менамояд.

Сарчашмаҳои илмии педагогиву психологиро таҳлил намуда, барои дарёфти моҳияту мазмуни амсилаи такмили ихтисоси кормандони соҳаи маориф, хосатан омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ имкон пайдо намудем.

Ба амсиласозӣ ҳамчун тадқиқоти назариявӣ, ки аз сохтани ташкили низоми табиӣ ва сунъӣ иборат асту хусусиятҳои мавҷударо тақлид менамояд, мо бо мақсади таҳлили рафти инкишофи ангезонидани фаъолияти такмили ихтисос кӯшиш намудем. Худ амсила ин нусхаи тахминӣ ва ё тасаввурӣ мебошад, ки маводи аслиро иваз намуда, сарчашмаи маълумот мегардад. Ҳамзамон ба фикри В.В.Краевский мо бояд “амсилаи назариявӣ”, ки алоқаи баъзе қисматҳоро қайд намуда, таркиби муайян дорад, ки дохили он ва муносибати ҳақиқии мавҷударо инъикос менамояд, амсилаи меъёрӣ ҳамчун амсилаи назариявӣ идеализатсия ва ҷамъбастшуда мебошад... чунин амсила барои расидан ба нишондиҳаи хуби натиҷаҳо тасаввуроти умумиро дорост. [77]

Тартиби амсилаи ангезонидани такмили ихтисоси омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ барои ҳалли як қатор вазифаҳо мусоидат менамоянд: таҳлили хусусиятҳои ангезаи мавҷудаи омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ, таҳлили сифатҳои ангезаи фаъолияти касбӣ дар умум, таҳлили хусусияти фаъолияти таълимии омӯзгори синфҳои ибтидоӣ барои муайянкунии хусусиятҳои

мутобиқатии ангеза ва ҳадафҳои фаъолияти омӯзгори синфҳои ибтидоӣ дар раванди такмили ихтисос ва монанди инҳо.

Пеш аз ҳама, мо -омӯзгори синфҳои ибтидоиро, ки ангезонидаи ӯ ба такмили ихтисос ва бозомӯзии, талаботи замони муосири мактаби ибтидоӣ мутобиқат менамояд, мавриди тадқиқ қарор додем. В.К.Бахир чунин тадқиқ намуда буд: “Инкишофи мактаби ибтидоии муосир бо инкишофи кӯдак равона карда шуда, барои фароҳам овардани шароити мусоиди худинкишофдиҳӣ ва худтакмилдиҳии шахсият дар фаъолиятҳои гуногунро таъмин менамояд, ки асоситарини он фаъолияти таълимии мактабиёни хурдсол мебошад. Бинобар он, фаъолияти омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ ин пеш аз ҳама, ташкили инкишоф ва тарбияи кӯдакон дар раванди таълим мебошад” [23]. Дарки маънои касбияти худ, қабули вай “барои худ” дар рафти фаъолияти таълимӣ-касбӣ ва дар ин асос ташаккули самти ҳақиқӣ-педагогии инсонпарварона, бояд ангезаи ҳукмфармои омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ дар раванди такмили ихтисосро муайян намояд.

Омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ хусусиятҳои фаъолияти таълимиро ҳамчун шакли амалиёт қабул кардаанд, ки дар рафти ба иҷрорасонии он омӯзиши дигар намуди фаъолият инъикос мегардад. Ҳангоми тартиб додани амсилаи ангезаи такмили ихтисоси омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ мо метавонем, ба хусусиятҳои таркибии ангезонидани фаъолияти таълимӣ такя намоем. Мазмуну моҳият ва хусусияту хосияти ангезаро мо дар боби аввал мавриди тадқиқ қарор дода будем. Яъне, ба сифати муносибати методологии пешбар, муносибати ҳамҷоягӣ чун муносибатҳои аксиологӣ ва салоҳиятҳо интихоб карда шуданд, ки дар асоси он принсипҳои дидактикии мувофиқ, принсипҳои методӣ, муносибатҳои индивидуалӣ, коркарди ғояҳои нав ва роҳҳои кор бо хонандагони хурдсол, имконияти арзишӣ-тахминӣ, фаъолнокӣ, худбавуҷудорӣ, шахси ҳамкор ҷудо карда мешаванд.

Пайдарҳамии ин гуна принсипҳо ба мо имконият дод, ки модели роҳҳои ваҷҳнокии фаъолияти омӯзгори синфҳои ибтидоиро дар раванди такмили ихтисос коркард намуда бошем.

Дар зер якчанд амсилаҳоро таҳлил хоҳем кард, ки онҳо дар раванди такмили ихтисоси кормандони соҳаи маориф истифода мешаванд:




***Расми 4. Амсилаи такмили ихтисос.***

Дар ҷадвали зерин кӯшиш намудем, ки ҳар яке аз ин намуди асмилаи такмили ихтисосро ба таври мухтасар шарҳ дода бошем:

**Ҷадвали 3.**

| т/р | Амсилаи курсҳои такмили ихтисос | Ҳайъат (омӯзгорон) | Шаклҳои назоратӣ – ҷамъбастӣ |
|---|---|---|---|
| 1. | Такмили ихтисоси классикӣ | Омӯзгороне, ки баиҷрорасонии стандартро дар доираи курсҳои бозомӯзии “Назария ва амалияи таълим дар синфҳои ибтидоӣ” дар шароити ҷорикунии стандарти давлатии таҳсилот омодагӣ мебинанд. | Реферат, лоиҳаи дарс (варианти гузоришӣ дар бо назардошти сатҳи таълим) |
| 2. | Курси бозомӯзии назариявӣ-технологӣ | Омӯзгороне, ки дараҷаи аввал ва ё олӣ доранд, барои аз ҷанбаи назариявӣ дарк намудани тағйироте, ки дар таълими ибтидоӣ ба амал меоянд. | Лоиҳаи дарс (варианти гузориши дарс бо назардошти сатҳи таълимнокии хонандагон асоснокии якҷоякунӣ). Таҳлил намудан ва тақриз ба мақолаҳои илмӣ; Муҳокима дар гурӯҳҳои хурд, муаррифии натиҷаи |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | | | муҳокима дар гурух; Тартиб ва интихоб намудани маводҳои тестӣ барои кӯдакон. |
| 3. | Проблемавӣ-мавзӯгӣ | Омӯзгорон ва гуруҳи мутахассисони як муассисаи таълимӣ ба ҳалли вазифаҳои муайяни касбии курси “Таълимоти инкишофдиҳии таълим дар шароити навоварии таҳсилоти ибтидоӣ” | Лоиҳаи дарсӣ ва ё машғулияти беруназдарсии фаъолият бо хонандагон |
| 4. | Гуруҳӣ | Гуруҳи мутахассисони як муассисаи таълимӣ ва ё шуъбаи маорифи як минтақа: намояндагони маъмурият, омӯзгорон, мутахассисоне, ки раванди мазкурро ҳамроҳӣ мекунанд (омӯзгорон, равоншиносон, мураббиён, логопедҳо ва ғ.) | Коркарди барномаи муассисаи таълимӣ ва ё яке аз соҳаҳои иҷтимоии лоиҳа, тадқиқоти методӣ, бастаи методикаи таҳлилӣ ва монанди инҳо. |
| 5. | Курси бозомӯзии модулӣ | Омӯзгорони синфҳои ибтидоии дараҷаи якум ва олӣ | Лоиҳаи дарс аз ҷиҳати назариявӣ асоснокшуда; Реферат бо замимаи лоиҳаи дарси бо усули фаъол таҳияшуда аз таҷрибаи худи омӯзгор |
| 6. | Низоми захиравии такмили ихтисос | Омӯзгорони синфҳои ибтидоии дараҷаи тахассуси якум ва олӣ «Такмили ихтисоси салоҳиятнокии омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ дар шароити ҷорикунии стандарти давлатии таҳсилот» | Таҳлили дарсҳо; Лоиҳаи дарсӣ аз ҷиҳати назариявӣ асоснокшуда; Реферат бо замимаи лоиҳаи дарс ва ё муаррифии натиҷаи таҷрибаи худ |
| 7. | Коргоҳи омӯзгорӣ. Мастер-классҳо | Омӯзгорони дараҷаи якум ва олӣ, омӯзгорон-озмоишгарон «инсонгароёна-муносибати фардӣ ба хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар раванди | Барномаи фаъолияти якҷоявии муассисаи таълимӣ, оила ва ҷомеа; Таҳлил ва натиҷагирии ташхисии методҳо; Таҳлили мазмуни коркарди соати синфӣ, |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | | таълимӣ-тарбиявӣ», «Инкишофи шахсияти хонандагони хурдсол», «Инкишофи нутқи мураттаби хонандагони хурдсол дар шароити ҷорикунии стандарти давлатӣ». | семинарҳо барои омӯзгорон ва волидон; Муаррифии лоиҳаи дарс ва чорабинии беруназсинфӣ оид ба иҷрокунии проблемаҳои синфҳои ибтидоӣ |

Аз расм маълум мегардад, ки ҳар яки амсилаҳо дар раванди такмили ихтисоси омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ ба худ хос фаъолиятро ҷорӣ намуда, баҳри самаранок иҷро намудани вазифаҳои касбӣ аз омӯзгор ва шунаванда касбияти махсусро талаб менамояд. Масалан, тибқи талаботи амсилаи “классикӣ” шунавандагоне, ки дар фаъолияти омӯзгориашон дараҷаи дуюмро соҳибанду баҳри омӯзиш ва баиҷрорасонии нишондодҳои стандарти таҳсилотро дар доираи курсҳои бозомӯзӣ омодагӣ мебинанд, истифода бурда мешавад. Дар истифода бурдани амсилаи “Муаммовӣ-мавзӯгӣ” шунавандагоне, ки дар фаъолияти омӯзгорӣ соҳиби дараҷаи тахассусии якум ва олӣ ҳастанд, барои ҳалли вазифаҳои воридшавӣ ба инноватсияву навоварӣ дар таҳсилоти ибтидоӣ кӯмак мерасонад. Амсилаи “Коргоҳи омӯзгорӣ. Мастер-классҳо” ба омӯзгороне, ки соҳиби дараҷаи тахассусии якум ва олӣ ҳастанд истифода бурда мешавад.

Омӯзгорони синфҳои ибтидоие, ки ҳамчун омӯзгори ғайриихтисос фаъолият мебаранд, бояд ҳатман аз курсҳои бозомӯзӣ ва такмили ихтисос гузаранд ва аз нозукиҳои касби омӯзгори синфҳои ибтидоӣ, амаликунии нишондодҳои Стандарти давлатии таҳсилоти ибтидоӣ, аз ҷанбаи назариявӣ дарк намудани тағйироте, ки дар таълими ибтидоӣ ба амал омадааст, воридкунии инноватсия ба таълимоти ибтидоӣ, такмили ихтисоси салоҳиятнокии омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ бархурдор бошанд, ки ин ҳама дар курсҳои такмили ихтисос ва бозомӯзӣ мавриди омӯзиш қарор дода мешавад.

Олим А.Роджерс таъкид дошт, ки: "Мо бо инсони тағйирёфта- истодаи оламии ивазшаванда сарукор дорем. Тағйирот меъёр аст, на устуворӣ!"[151]. Яъне кайҳо собит шудааст, ки омӯзгор, хоса омӯзгори синфҳои ибтидоӣ бояд ҳамқадами замона бошаду аз ҳама тағйиротҳое, ки дар стандарту барномаи таълимӣ ба вуқӯъ меояд, огоҳ бошад, биомӯзад ва аз ҷорикунии стандарти нав бохабар бошад. Ин аст, ки такмили ихтисос ва ё курсҳои бозомӯзии муттасил барои ҳар як намояндаи соҳаи маориф тибқи муқаррароти пешбинишуда дар давоми 5 сол дар соатҳои бозомӯзии дохилимактабӣ ва баъдан дар курсҳои бозомӯзии Донишкадаи такмили ихтисос ҷорӣ карда шудааст.

Яке аз шаклҳои ояндадори ташкили низоми такмили ихтисос ин коромӯзӣ мебошад. Коромӯзӣ барои дарки амиқи ғояҳо зарур буда, заминаи навовариҳои корҳои лабораторӣ-мактабиро ташкил мекунад ва инчунин шунавандагонро бо шароити татбиқ намудани таҷрибаи инноватсионӣ беҳтар шинос мегардонад. Таҷриба бо иштироки фаъоли гуруҳи шунавандагон дар раванди таълиму тарбия дар лабораторияи мактабӣ дар муддати якчанд рӯз гузаронида мешавад: омӯзгорон дар дарсҳои худ дар реҷаҳои фаъол ва ғайрифаъоли дарс мехонанд, дар дарсҳои дилхоҳашон иштирок мекунанд.

Ҳангоми коромӯзӣ марҳилаҳои зеринро бояд тай намуд:

- ❖ Таҳлил ва муайянкунии аъзоёни гуруҳ. Ин марҳила на танҳо барои муайян намудани ҳадаф ва сатҳи талаботи ҳамаи аъзоёни гуруҳ, балки дараҷаи дониши онҳоро аз рӯи фанҳои таълимии шунавандагон ва шавқу рағбати онҳо нисбати ба корҳои беруназсинфӣ (ин барои интихоби синф ва ё барои тартиб додани барномаи таълимии фардӣ ва шакли машғулияти беруназсинфӣ зарур аст), доираи шавқи омӯзгорон (ин барои интихоби синфе, ки дар он бояд дар раванди коромӯзӣ фаъолият намояд) ба назар гирифта мешавад.
- ❖ Шиносоӣ бо раванди танзими ҳаёт ва фаъолияти инноватсионии мактаб-озмоишгоҳ дар марҳилаи дуввум гузаронида мешавад. Дар ибтидо вай

хусусияти назариявӣ дорад. Ба коромӯзон аз ҳаёту фаъолияти муассисаи таълимӣ нақл намуда, таҷрибаи инноватсионии фаъолияти худро намоиш медиҳад.

- ❖ Масъалагузорӣ дар шакли тренинг, кори инфиродӣ бо мутахассисон, ташкили проблемаҳои асосии гурӯҳи коромӯзонро муқаррар ва мақсади коромӯзии онҳоро муайян месозад. Фаъолияти якҷояи коллективи мактаб-озмоишгоҳ ва гурӯҳи коромӯзон дар раванди таълиму тарбия куллан ба фаъолият фаро гирифта шудан ва иштироки фаъолонаи коромӯзон дар ҳар як кори муассисаи таълимиро дар назар дорад. Шунавандагон ба дарсҳо аз рӯи реҷаи муайяни фардие, ки дар асоси озмоишӣ дар марҳилаи якум гузаронидашуда, тартиб дода шуда буд, ташриф меоранд.

Тартиб додани лоиҳаҳои ҳамҷоя марҳилаи зарурии коромӯзӣ маҳсуб меёбад.

Ба фаъолияти мактаб-озмоишгоҳ бо воситаҳои зерин кӯмак расонида мешаванд:

- ➢ Густариш додани усулҳои инноватсионӣ, технологӣ, амсилаҳо, механизмҳо, намунаи лоиҳаи идоракунӣ ва фарҳанги ташкилотӣ;
- ➢ Ташаккул ва таълими гурӯҳи идоракунӣ дар мактабҳо, азхудкунии таҷрибаи инноватсионӣ;
- ➢ Расонидани ёрӣ ва ҳамроҳӣ намудани омӯзгорони муассисаҳои таълимӣ дар давраи байниаттестатсионӣ.

**Омӯхтан, таҳлилу ҷамъбаст намудани таҷрибаи инноватсионии омӯзгорони беҳтарин** яке аз шаклҳои фаъоли кор дар низоми такмили ихтисос мебошад ва ҷалби мактабҳои инноватсионӣ ва омӯзгорони беҳтарин аз рӯи якчанд роҳҳо гузаронида мешавад.

Якум, тавассути мастер-классҳои аз ҷониби омӯзгорони беҳтарин ташкилшуда. Мавзӯоти баҳогузории дастовардҳои омӯзгорон хусусиятҳои кор дар мактабҳои соҳавӣ, истифодаи манбаъҳои рақамӣ, методи омодакунии омӯзгорон ба озмунҳо, таҳлили натиҷаи имтиҳони давлатӣ аз рӯи фанҳои таълимӣ, фаъолияти лоиҳавӣ, тадқиқотӣ, корҳои таҷрибавии

шунаванда ва омӯзгор, ташкили кор бо хонандагони болаёқат ва ғайра аз мавзуъҳои серталаботтарин маҳсуб меёбанд. Дар раванди соли таҳсил семинарҳои таълимӣ дар пояи мактабҳо гузаронида мешаванд, ки дар он омӯзгорон барои аз рӯи комплекси таълимӣ-методии ҷудогона мушоҳида намудани дарсҳо ва ширкат дар мастер-классҳо имкон пайдо мекунанд.

Мо дар ин ҷода самти оияндадореро мебинем, зеро баромади омӯзгорони беҳтарин доимо хусусияти таҷрибавӣ-роҳнамоиро дорад, дар онҳо ҷанбаъҳои пурқуввати комплекси таълимӣ-методӣ инъикос мегардад ва диққати асосӣ ба нуқтаи проблемавӣ дар иҷрошавии комплекси таълимӣ-методӣ равона карда мешавад.

Дувум, дар курсҳои такмили ихтисос аз рӯи модулҳо ба сифати лекторони ғайриштатӣ омӯзгорони таҷрибаи инноватсионидошта даъват карда мешаванд.

Савум, таҷрибаи ҳамон мактаб ва омӯзгорони он дар расонаҳои хабарии маҳаллӣ дарҷ карда мешавад.

Раванди татбиқи амалии низоми инноватсионӣ дар соҳаи маориф дар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии соҳа равшан баён шудааст. Аз ҷумла дар Барномаи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020 омадааст, ки «Яке аз ҷузъҳои асосии фаъолияти инноватсионӣ тайёр кардани мутахассисон дар соҳаи инноватсия ва такмилу баланд бардоштани ихтисоси онҳо дар самти фаъолияти инноватсионӣ мебошад» [20].

Ҳамзамон таъкид мешавад, ки ба низоми такмили ихтисос ва бозомӯзии омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ ворид намудани ҷузъҳои инноватсионӣ, баланд бардоштани тахассуси омӯзгорон ва коркарду инноватсионӣ шудани низоми муосири маориф такмили бештарро металабад. Вобастакунии кадрҳои баландихтисос ба соҳаи инноватсия, фароҳамоварии шароити мусоид барои кори эҷодӣ ва рушди касбии онҳо ва ба ин соҳа ҷалб намудани мутахассисони ҷавон андешидани чораҳои зарурӣ яке аз самтҳои амалкунии ин барнома маҳсуб меёбад. Ба ҳалли ин масъала дар назди институтҳои

илмию таҳқиқотӣ, ки ба фаъолияти инноватсионӣ машғуланд, марказҳои махсуси таълимию методӣ аз рӯйи фанҳои фаъолияти инноватсионӣ таъсис дода шудааст, ки фаъолияти илмӣ-инноватсионии омӯзгоронро такмил медиҳад.

Густариши муваффақонаи оммавии фаъолияти инноватсионӣ, ки натиҷаҳои дилхоҳро ба вуҷуд меорад, бо ишораи якчанд далелҳо, бидуни барномаи дақиқи бисёрсоҳавии дарозмуддат ғайриимкон аст. Унсурҳои муҳими барнома иборатанд аз:

- интихоби дурусти мутахассисон дар асоси қобилияти иҷрои кори мувофиқ;

- гузаронидани таълими иловагии зарурӣ, барои ташаккул додани малакаҳои касбии инноватсионӣ ва амалияи нав ва рушди технологияи дахлдор;

- дастгирии усули мунтазами фаъолияти корӣ;

- баҳодиҳӣ ба дурустии ҷузъҳои калидии амалияи нави таълим аз ҷониби иштирокчиёни барнома.

- баҳодиҳии ба пешрафт ва самарабахшии барнома дар маҷмӯъ;

- дастгирии маъмурӣ дар раванди қабули амалияҳои нав;

- истифода аз усулҳои самаранок барои мудохилаҳои системавӣ аз ҷониби роҳбарон ба хотири амалишавии барнома.

Барои ин зарур аст, ки намунаҳои гуногуни амсилаҳои паҳнкунии таҷриба, бо назардошти шароити истифодаи онҳо, таҳия карда шаванд.

Ҷалби омӯзгорони пешқадам ва таҳиягарони таҷрибаҳои инноватсионӣ ба ҳайати омӯзгорон ба таври зер таъмин карда мешавад:

1. Фароҳам овардани шароит барои паҳнкунии васеи таҷриба;

2. Ташкили системаи шабакасозӣ барои ташкил ва баргузории такмили ихтисос;

3. Дастгирии илмӣ ва методологии навовариҳо (пешниҳоди дастгирии илмӣ, методологӣ ва психологӣ ба омӯзгорони беҳтарин аз нуқтаи назари

ҷамъбасти пурмаҳсули таҷриба, шаклҳои муаррифии он ва технологияҳои педагогӣ).

Шаклҳои интиқоли таҷриба:

- дарсҳои кушод;
- коромӯзиҳо;
- семинарҳои педагогӣ, мастер-классҳо;
- таҷрибаомӯзӣ;
- муаррифии фаъолиятҳои таълимӣ, рӯзҳои дарҳои кушод;
- семинарҳои доимӣ;
- конфронсҳо, мизҳои мудаввар;
- маърӯзаҳои оммавӣ;
- нашри маводи таълимӣ;
- нашрияҳо дар сомонаҳо, ҷомеаи педагогӣ;
- намоишгоҳҳо.

Дар замони муосир сифати такмили ихтисос, имконияти дар асоси фаъолгардонии равандҳои инноватсионии соҳаи маориф, шакли такмили ҳамешагӣ, метод ва технологияҳои такмили ихтисосро ба назар мегирад. Бештари омӯзгорон дар ташкили кори таълим дар синфҳои ибтидоӣ аз корҳои лоиҳавӣ истифода мекунанд

Тамоюли мазкур замони истифодабарӣ аз ҷониби омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ дар хонандагон шавқу завқи бештареро бедор намуда, аз як тараф маърифатнокиро фаъол гардонад, аз ҷониби дигар фаъолияти тадқиқотие, ки ҳам ба такмили дониш аз рӯи фаъолияти лоиҳавӣ, ҳам ба технологияи соҳаи маълумотӣ-муоширатӣ, ки дар навбати худ ба ташаккули салоҳиятҳои муайяне мусоидат менамоянд, равона карда мешавад. Ва истифодаи ин равандро омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ дар ҷараёни курсҳои такмили ихтисос ва бозомӯзӣ хубтар аз худ менамоянд.

Талаботи афзудаистодаи ҷомеа нисбат ба сифати таҳсилот ва касбияти педагогӣ, ки ба раванди такмили ихтисоси кормандони соҳаи маориф боиси роҳандозии аввалиндараҷаи инкишофи салоҳияти касбии омӯзгорони

синфҳои ибтидоӣ гардид. Таъмини чунин шароит, дар навбати худ, тағйироти мазмуну мундариҷа ва технологияҳои такмили ихтисосро манзур менамояд, ки ин пеш аз ҳама аз ҳисоби зиёдшавии ҳиссаи фаъолияти лоиҳавӣ, тадқиқотӣ ва эҷодӣ, гузориши бозиҳои расмӣ ва амаликунии лоиҳаҳои таҷрибавӣ-хабарӣ, сохтани самти таълимии фардиро дар назар дорад.

Мастер – класс ё худ дарси маҳорат ин шакли машғулияте, ки дар он омӯзгор таҷрибаи кории худро бо усули шарҳу намоишдиҳии самараноктарин усулҳо, шаклҳои истифодашуда ва тарзи мустақилона тартиб додани нақша пешкаш менамояд, ки онро тамоми иштирокчиёни машғулият истифода мебаранд.

Ҳадафи дарси маҳорат аз шиносоӣ бо коркарди муаллиф ё худ тартибдиҳандагии омӯзгори кордон, азхудкунӣ ва такмили маҳорати амалӣ аз рӯи усулу технологияҳои гуногуни таълим ва тарбия мебошад.

Бартарии дарси маҳорат дар байни омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ аз як қатор принсипҳо иборат аст, ки шарҳи онро дар зер зарур мешуморем:

- Қонунияти дарси маҳорат - амал кардан аз рӯи ғояи «Ман медонам, ки ин корро чӣ тавр иҷро намуда, ба шумоён омӯзонам».
- Уҳдабароӣ, бадеҳагӯӣ, эҷодиёт дар низом ва истифодабарии шаклу методҳои кор.
- Риояи давомнокии дарси маҳорат аз 2 - 4 соат то 2-3 рӯз.
- Таъмини шумораи иштироккунандагони дарси маҳорат аз 10 то 30 нафар буда метавонад.

Маълум аст, ки ҳар як шаклу усулҳои ташкилу баргузории фаъолият аз меъёри худ иборат аст, ки ба назаргирии онҳо барои тартиб додани дарси маҳорат низ кӯмаки амалии хубе мерасонад. Ба меъёрҳои интихоби мавод барои дарси маҳорат як қатор талаботҳо пешниҳод карда мешавад:

- Проблема ва таҳқиқоти пешниҳодшаванда ҳалталабу рӯзмарра бояд бошад;
- Натиҷагирии ҷории пешниҳодшуда аҳамияти амалӣ дошта бошад;

- Воридкунии омӯзгор ба технологияву навоварӣ ва ё истифодаи усуле, ки ӯ мувофиқ аст;
- Роҳандозии лоиҳаи тадқиқот ва барномаи дарси маҳорат барои баландбардории сатҳи касбии салоҳият ва инкишофи шахсияти омӯзгор имконият диҳад;
- Қобилияти омӯзгор ба таҳлили амиқи таҷрибаи пешниҳоднамудаи ӯ мувофиқат намояд;
- Маҳорати амсиласозии омӯзгор оид ба мазмуни таълим ва асоснок намудани усулҳои интихобнамуда, шаклҳои ташкили раванди таълим ибратомӯз бошад.

Меъёрҳои болоиро ба инобат гирифта, омӯзгор лоиҳаи тахминии дарси маҳоратро омода месозад, то фаъолияти навоварии худро ба дигарон ҳамчун коромӯз пешниҳод намояд.

Ба ғайр аз меъёрҳои дар боло номбар шуда, замони омодагӣ ба дарси маҳорат омӯзгор метавонад, аз меъёрҳои сифат: истиноӣ, тараққихоҳӣ, интерактивӣ ва ангезонидани фаъолияти эҷодӣ истифода барад, ки барои самаранокии дарси маҳорат нишондиҳандаи хубе хоҳад буд.

Ҳамин тавр, аз амсилаи дарси маҳорат ё худ мастеркласс дар раванди такмили ихтисос ва ё дар дарсҳои коромӯзии байнимактабӣ истифода бурда, фаъолияти омӯзгориро бозомӯзӣ намудан имкони бештаре дорад, ки ин амсила дар аксари муассисаҳои таълимии мамлакати мо бештар истифода бурда мешавад.

Бахри баиҷрорасонии амсила маҷмӯи ҳамкории мутақобилаи байни ҳамдигарии модули мустақилонаи таълимиро тартиб бояд дод, ки ҳар яки он ба ҳалли вазифаҳои махсус, ки ба ташаккул ва такмили раванди баландбардории касбият, сифатҳои касбӣ, яъне салоҳияти касбии омӯзгори синфҳои ибтидоӣ равона карда мешаванд (ниг. ҷад.4.).

**Ҷадвали 4.**

**Комплекси модулҳои таълимии такмили ихтисоси омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ**

| Модулҳои таълимӣ | Мақсади асосӣ |
|---|---|
| Модули 1: «Ташаккули сифати ахлоқӣ ва маънавии фаъолияти педагогии омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ» (то 6 соат машғулият) | Фаъолгардонии ангезандагии инкишофи касбӣ ва маънавии омӯзгор |
| Модули 2: «Такмили ҳавасмандии касбӣ ва маънавии омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ дар шароити муосир» (курси махсус-108 соат) | Фаъолгардонии инкишофи пурмазмуни ҳавасмандии касбӣ ва маънавии омӯзгор |
| Модули 3: «Лабораторияи касбӣ маънавии омӯзгори синфҳои ибтидоӣ» (семинари проблемавӣ - 12 соат) | Тақвият бахшидан ва афзун намудани таҷрибаи касбӣ-маънавии омӯзгори синфҳои ибтидоӣ |
| Модули 4: Худомӯзӣ<br>(дар марҳилаи байникурсӣ) | Худомӯзии сифатҳои касбӣ-ахлоқӣ |

Истифодаи комплекси модулҳои таълимии такмили ихтисоси омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ баҳри тақвият бахшидан ва такмили сифатҳои ахлоқӣ – маънавии фаъолияти касбии омӯзгор равона карда мешавад. Зеро, ки агар дар машғулият – модули аввал, ба кулли барои ташаккули сифати ахлоқӣ – маънавии фаъолияти педагогии омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ роҳандозӣ карда шуда, дар курси махсус ҳавасмандии касбӣ ва маънавии шунавандагон такмил дода мешавад. Тариқи модули 3 таҷрибаи касбӣ – маънавии омӯзгори синфҳои ибтидоӣ такмили худро меёбад ва фаъолияти амалии омӯзгорон фарохтар мегардад, ки дар ин самт семинари проблемавиро истифода бурдан мувофиқи мақсад хоҳад буд. Дар марҳилаи

байникурсӣ шунаванда  аз модули 4 ба худомӯзӣ шуруъ мекунад ва сифатҳои касбӣ – маънавии худро тақвият медиҳад.

Дар ташкил ва раванди гузариши такмили ихтисос ба омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ, тарҳрезиро мутобиқ ба мазмун, шакл ва воситаи таълим ба назар гирифтан мумкин аст.

Мазмун ва мундариҷаи ҳар як модули таълимие, ки хусусиятҳои худро дорад, дар асоси талаботҳои умумии зерин  тартиб додан аз фоида холӣ нест:

- гуногунии мазмун ва мундариҷаи омодагии касбӣ
- муҳайё намудани имконоти бештар барои ошкор намудани шахсияти эҷодии омӯзгор мутобиқ ба маълумотҳои оморӣ дар соли 2018 ба соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон атрофи 3 млрд. 863 миллиону 64 ҳазор сомонӣ равона карда шудааст.[203] Аз маблағи хароҷот гардида бармеояд, ки соҳаи маориф барои ҷумҳурӣ яке аз соҳаҳои асоситарини ҷомеаи муосир маҳсуб меёбад, бинобар он Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳри рушд ва инкишофи он ҳамаи чораҳои заруриро меандешад.
- мавҷудияти сифати ахлоқӣ ва донишҳои педагогӣ-психологие, ки барои дар вазъияти доимотағйирёбандаи иҷтимоӣ-фарҳангӣ қабул намудани маълумотҳо зарур аст.

Мундариҷа ва роҳандозӣ намудани ҳар як модул омӯзгорро ба фаъолгардонии проблема, шароитҳои гуногуни амаликунии онҳо дар доираи баландбардории касбият чи дар ҳаҷми маводи пешниҳ одгардида ва чи дар ҳалли проблемаҳо равона менамояд.

Бо ин мақсад шакли фаъоли ҳамҷояи ташкил ва гузаронидани курсҳои мақсадноки баландбардории касбият, ки вазифаи ислоҳнамоии ноқисиҳои таълимро таъмин менамоянд, истифода бурда мешавад. Дар мундариҷаи нақшаи таълимӣ ба блоки ташкилӣ ва инноватсионӣ, ки дар он муносибати равандҳои нави таълим, чун бозиҳои расмӣ, машғулияти амалӣ, «ҳуҷуми фикрӣ», методҳои Венн, таҳлили вазъиятҳои аниқ мавриди омӯзиш қарор мегирад, мавқеи камтар дода шудааст.

Ҳамчунин, дар ин курсҳо шакли тафриқавии таълим (дифференсиалӣ) амалӣ карда мешавад. Дар нақшаҳои таълимӣ-мавзӯии дахлдори такмили ихтисос дар қатори қисматҳои базавӣ мундариҷаи баландбардории касбият қисмати вариантивӣ, ки дар шакли машваратҳои гуруҳӣ ва индивидуалӣ мутобиқ ба шавқ ва мақоми касбӣ-ахлоқии шунавандагон гузаронида мешавад ва ё дар шакли модули блоки алоҳида иҷро мегардад.

Ҳамин тавр, қисматҳои асосии ташкил ва гузаронидани раванди баландбардории касбият ва худтакмилдиҳии омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ аз рӯи мушкилотҳо дар инкишофи салоҳияти касбӣ, инчунин аз рӯи ташаккули маърифатнокии мактабиён маҳоратҳои зеринро дар бар гиранд:

- моҳият ва таркиби курсҳои такмили ихтисоси омӯзгорон;
- ташкили раванди таълим дар асоси тартиботи рейтингӣ;
- ивази таҷриба дар курсҳои такмили ихтисоси омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ дар асоси технологияҳои муосири таълимӣ;
- ташкили курсҳои такмили ихтисос, ки зарурияти ба даст овардани таҷрибаи сифатҳои касбии фаъолият ва ташаккули салоҳиятҳои лозима дар шароити фаъолияти педагогӣ ба ҳисоб гирифта мешавад.
- иҷро намудани лоиҳаҳои эҷодӣ бо назардошти қисматҳои интиқодии салоҳияти омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ

Ҳамин тавр, хусусиятҳои ҳавасмандкунии омӯзгорони синфҳои ибтидоиро ба такмили ихтисоси онҳо барои ҳавасмандкунӣ ва ангезонидани омӯзгорон ба такмили ихтисос маҳаки арзишмандеро хоҳад гузошт.

Мо чунин мешуморем, ки ҳавасмандкунӣ ва ё худ ангезонидани омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ бояд бо роҳҳои гуногун амалӣ карда шавад, ба шарте ки ҳамон ангезаҳо барои онҳо арзишҳои гуногун дошта бошанд. Тибқи типологияи Т.Р. Афанасева ва Н.В. Немова [15] ҳамаи омӯзгоронро мувофиқи тамоюли ниятҳои худашон ба се гурӯҳ тақсим кардан мумкин аст, ки дар таҳлили хотимавӣ дар стратегияи рафтор фарқ мекунанд.

Ташаббускор - барои ноил гардидан ба муваффақият, натиҷаҳои баланд, оқилона ва бомасъулиятона тавсиф карда мешаванд. Рафтори онҳо бо ангезаҳои худбоварӣ (мавҷудияти дурнамои пешравӣ; имконияти мустақилона амал кардан, боварӣ нисбат ба нерӯю иқтидори касбӣ; мавқеъ, тавсиб; ҳисси муваффақият, дастовард); худшиносӣ (имконияти татбиқ кардани ғояҳои худ; қобилияти роҳбарӣ; имконияти нишон додани қобилиятҳои худ); рушди худшиносӣ (афзоиши малакаҳои касбӣ; рушди умумии фарҳангӣ) муайян карда мешавад:

“Канорагиранда” ки онҳоро иҷрокунанда низ номидан мумкин аст, бо хоҳиши канорагирӣ кардан, бо самтгирӣ ба хатти рафтор тавсиф карда мешаванд, ки эҳтимолияти нуфузи шахсро коҳиш медиҳанд. Онҳо мекӯшанд, ки аз иштирок дар ҳама гуна фаъолиятҳое, ки хавфро дар бар мегиранд ва зарурати ташаббус ва масъулиятро пеш меорад, канорагирӣ кунанд. Сабабҳои рафтори онҳо аз беҳбудии моддӣ (имконияти нигоҳ доштан ва беҳтар кардани шароити иҷтимоӣ; имконияти истироҳат ва нигоҳдории саломатӣ, музди меҳнат); амният (холисона дар муносибат бо идоракунанда; эътимод ба оянда; кори ором бидуни фишор ва фишори равонӣ) иборатанд.

"Инсондӯстон" - пеш аз ҳама на ба кор, балки бо муносибати хуб бо дигар омӯзгорон равона карда мешаванд. Омили муайянкунандаи рафтори онҳо ангезаи иштирок дар фаъолиятҳои муштарак, огоҳӣ намудан аз навгониҳо, иштирок дар қабули қарор, муносибати хуб бо омӯзгорон ва имкони иртиботи мукаммали онҳо мебошад. Барои ҳар яке аз гуруҳҳои муайяншуда, ба назари мо, дар интихоби омилҳои муносиби ҳавасмандкунанда барои такмили ихтисоси омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ муносибати гуногуни мувофиқ лозим аст.

Ангезонидани омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ ба такмили ихтисос дар соҳаи фаъолияти методии худ, пеш аз ҳама аз он вобастааст, ки то чанд дараҷа ӯ натиҷаи таълимоти худро зарууртару арзишноктар ҳисоб мекунанд.

Ҳамзамон, бояд қайд кард, ки яке аз хусусиятҳои омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ дар он аст, ки сарфи назар аз аҳамияти мукофоти моддӣ, онҳо майли дуввум доранд, дар ҳоле ки чизи асосӣ барои онҳо ҳавасмандкунии маънавӣ ва қаноатмандӣ аз коре мебошад. Натиҷаҳои назарсанҷии омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ, ки ба курси такмили ихтисос аз ҳама манотиқи вилояти Суғд фаро гирифта шуда буданд, дурустии пешниҳодҳои назариявиро тасдиқ мекунанд: 54%-и омӯзгорон ҷараёни таълимро дар курсҳои такмили ихтисос ва худи фаъолияти таълимиро ҳамчун ҷанбаи ҷолибтарини кори худ номиданд.

Боз як хусусиятро бояд қайд кард, ки ҳангоми ҳавасмандгардонии омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ дар такмили ихтисоси онҳо дар самти фаъолияти методологӣ бояд ба назар гирифта шавад. Тавре В.В.Краевский иддао дорад, бинобар сатҳи нокифояи баланди салоҳият ва фарҳанги касбии омӯзгорон ҳама вақт он чизеро ки онҳо ба таври объективӣ эҳтиёҷ надоранд, намедонанд” [77]. Он як навъи "доираи маҳдуд"-ро ба миён меорад, ки барои дарки зарурати баланд бардоштани салоҳияти онҳо дар самти фаъолияти методӣ, омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ худ аз худ ин чизро надоранд.

Дар охир қайд карда мешавад, ки ҷолибияти рушди салоҳиятҳо дар самти фаъолияти педагогӣ бо муносибати омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ ба натиҷаҳои пешбинишавандаи афзоиши ангезаҳои онҳо муайян карда мешавад.

Сатҳи ҳавасмандгардонӣ барои беҳтар кардани салоҳият Т.Р.Афанасева, В.Н.Немов бо се самт муайян карда мешавад: арзёбии натиҷаи ба дастомада (гирифтани категорияи тахассусии эълоншуда); баҳодиҳии оқибатҳои пешбинишуда ҳангоми ба даст овардани он (моддӣ ва маънавӣ); баҳодиҳӣ ба фоида (ё ҷолибият) -и оқибатҳо [15 с.11].

Ҳамин тавр, самаранокии такмили ихтисос ва бозомӯзии омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ дар рушди касбияти онҳо аз бисёр ҷиҳат амали зарурист. Омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ пас аз гузаштан аз курсҳои такмили ихтисос ва бозомӯзӣ дар ташкил ва баргузории ҷараёни таълим дар синфҳои ибтидоӣ аз

усулҳо ва воситаҳои таъсиррасон (шаклҳои ғайрианъанавии ташкили ҷараёни таълим, фароҳам овардани шароит барои муҳассилин дар ҳалли мушкилот ва ҳалли масъалаҳои амалӣ, ва мустаҳкам кардани робитаи байни натиҷаҳои таълим ва баланд бардоштани салоҳияти омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ дар фаъолиятҳои методии онҳо) бештар истифода мебаранд, ки ин натиҷаи назаррасро ба мо додааст.

## 2.3. Самаранокии амсила ва таъсири такмили ихтисоси омӯзгорон дар маърифатнокии хонандагони синфҳои ибтидоӣ

Дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 чунин омадааст: “Яке аз омили муҳими пешбарандаву амаликунандаи таъмини рушди устувори кишвар дар даҳсолаи наздик рушди сармояи инсонӣ мебошад, ки ҳамчун маҷмӯи нишондиҳандаҳои зеҳнӣ, дониш, солимӣ, самаранокии меҳнат ва сифати зиндагӣ омили муҳими рушди истеҳсолот ва иқтисодиёт маҳсуб меёбад, ки аз сифати он пешрафти тамоми соҳаҳои иқтисоди миллӣ вобастагии зич дорад.” [170]

Маориф чун неруи инкишофдиҳандаи иқтисодии миллӣ, захираи асосии рушди иқтисодию иҷтимоии давлат, нишондиҳандаи аслии дараҷаи инкишофи ҷомеа ва омили муҳимтарини тараққии неруи инсонӣ маҳсуб меёбад. Ба ин ақида, баланд бардоштани савияи дониш, сатҳи таҳсилоти шаҳрвандон ба некуаҳволӣ, даромад, саломатии ҷомеа ва дар умум, ба рушди устувори кишвар таъсири мусбат мерасонад.

Такмили ихтисоси кормандони соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз қисмати асосии низоми таҳсилот буда, баҳри баландбардории сифати таҳсилот ва инкишофи неруи зеҳнии омӯзгорон нақши муайянкунандаро мебозад, зеро агар омӯзгорон тарзу усул ва методикаи таълими фаъолро ба воситаи Донишкадаҳои такмили ихтисос ва курсҳои бозомӯзӣ аз худ кунанд, ҳайати роҳбарикунандаи соҳаи маориф самтҳои идоракунии муассисаи таълимӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои меъёрии ҳуқуқиро меомӯзанд ва онро дар таъмини пешрафти кори таълиму тарбия, низоми идоракунии раванди

педагогӣ мавриди истифодабарӣ қарор медиҳанд. Вобаста ба навовариҳои соҳа, таҷдиди назар намудани мазмуну мундариҷаи такмили ихтисос ва рӯ овардан ба самтҳои инноватсионии такмили ихтисос ҳарчи бештар аз ҳарвақта эҳсос мегардад.

Кори тадқиқотӣ – озмоишӣ  оид ба ангезонидани такмили ихтисоси омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ дар ташаккули маърифатнокии хонандагон дар шароити такмили ихтисос дар давраи аз 2016 то 2020 бар асоси амаликунии амсилаи модулӣ, ошкор намудани вазъиятҳои педагогии самарабахш ва муносиб ба иҷро расонида шудааст.

Дар тадқиқот 728 нафар омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ, ки ҳамаи шаҳру навоҳии вилояти Суғдро намояндагӣ мекарданд, ширкат варзиданд, ки дар умум ба талаботи ваколатии интихобии кори таҷрибавӣ-тадқиқотӣ мутобиқат мекард: Нигаред ба ҷадвали № 5

**Ҷадвали 5**

| Дараҷаи касбии омӯзгор | Синну сол | Собиқаи педагогӣ | Шумораи умумии шунавандагони курси такмили ихтисос | Бо ҳисоби фоиз |
|---|---|---|---|---|
| тахассуси дуюм | 29 | 7 | 358 | 49,1% |
| тахассуси якум | 35 | 13 | 274 | 37,6% |
| тахассуси олӣ | 41 | 19 | 96 | 13,1% |
| Ҳамагӣ | | | 728 нафар | 100% |

Чӣ тавре, ки ҷадвали мазкур бармеояд, дар маҷмуъ дар раванди кори таҷрибавӣ – тадқиқотӣ ба такмили ихтисос аз рӯи дараҷаи тахассусии дуюм 358 нафар шунавандагон ҷалб карда шуда буданд, ки 49,1 %-и тадқиқотшудагонро ташкил дода, синни миёнаи фаъолияти педагогии онҳо 29 сол ва собиқаи корӣ 7 солро ташкил медод. Шунавандагоне, ки дар фаъолияти кориашон дараҷаи тахассусии якумро соҳибанду синнусоли миёнаи онҳо 35 сол ва собиқаи корӣ 13 солро ташкил дода дар ҷамъ 274 нафар фаро гирифта шуда буданд, ки 37,6%-и шунавандагони мавриди

тадқиқот фаро гирифташударо таъсис дод. Шунавандагони дараҷаи тахассусии олӣ дошта, собиқаи миёнаи 19-сола дошта, синни миёна онҳо 41 сол ва дар ҷамъ 96 нафар ҷалб гардиданд, ки 13,1%-и ҷамъи дар тадқиқот иштироккардагонро ташкил дод.

Озмоиш дар асоси базаи курси такмили ихтисос дар мавзӯи "Такмили салоҳияти касбии омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ дар мактаби муосир" (108 соат) баргузор гардид. Вобаста аз сатҳи дараҷаи касбии омӯзгор курсҳои такмили ихтисос ба таври зер ташкил карда шуд:

1. "Тағйироти ҷузъии мазмуни таҳсилоти ибтидоӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ" (барои омӯзгорони дараҷаи тахассусии дуюм) дар ҳаҷми 108 соат;
2. "Салоҳияти тадқиқотии омӯзгори синфҳои ибтидоӣ дар шароити навсозии таълим" (барои омӯзгорони дараҷаи тахассусии якум) дар ҳаҷми 108 соат;
3. "Фаъолияти инноватсионии омӯзгори синфҳои ибтидоӣ дар шароити муосир" (барои омӯзгорони дараҷаи тахассусии олӣ) дар ҳаҷми 108 соат.

Маълумоти курсҳо аз рӯи таркибу мазмун чи дар тамоюли асосии инкишофи синфҳои ибтидоии муосир ва чи дар хусусиятҳои фаъолияти омӯзгорон аз рӯи ташаккули маърифатнокии мактабиёни хурдсол инъикос ёфтаанд (Замимаи 1). Барои ҳамаи омӯзгорони дараҷаҳои тахассусӣ дар ҳаҷми 108 соат барномаҳои таълимии курсҳои такмили ихтисоси омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ пешбинӣ карда шудааст, ки аз дурнамои рушди маорифи миллӣ; танзими ҳуҷҷатҳои меъёрӣ-ҳуқуқии синфҳои ибтидоӣ; ҷанбаи методологӣ ва педагогӣ-психологии фаъолияти омӯзгори синфҳои ибтидоӣ, ҷиҳатҳои фаъолияти методӣ- фаннӣ ва эҷодӣ-касбии омӯзгори синфҳои ибтидоӣ; фаъолияти лоиҳавии шунавандагони курс; таҳлили дохилшавии шунавандагони курс; назорати ҷамъбастии шунавандагони курсҳо; лексия аз рӯи интихоби шунавандагон; машварат барои шунавандагон иборат мебошад. Вале мутобиқ ба дараҷаи тахассусашон мавзуъоти барнома дар қисматҳо гуногун буда, агар барои дараҷаи тахассусии дуюм – ҳолати рушди

таҳсилоти ибтидоӣ мутобиқ ба низоми салоҳиятнокӣ дар системаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон; мазмун ва мундариҷаи ҳуҷҷатҳо бошад, барои дараҷаи якум аллакай- ҷорикунии самтҳои асоси сиёсати таълимӣ дар низоми муосири синфҳои ибтидоӣ; самтҳои асосии таъминоти таълимӣ-методӣ дар низоми маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, хислатҳои муқоисавии барномаи синфҳои ибтидоӣ аз рӯи фанҳои таълимӣ; мазмун ва мундариҷаи ҳуҷҷатҳо ва тавсифи муқоисавӣ; талабот ба таъмини манбавии ҷорикунии стандартҳо дар доираи қисмати дурнамои рушди маорифи миллӣ ба нақша гирифта шудааст. Дар ин росто, барои дараҷаи тахассусии олӣ, дар ҳамин қисмат чунин мавзу от: самтҳои асосии таъминоти таълимӣ-методӣ дар низоми маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон; хислатҳои муқоисавии барномаи синфҳои ибтидоӣ аз рӯи фанҳои таълимӣ; таҳлили мундариҷавии барномаҳо аз рӯи фанҳои таълимӣ, талабот ба таъмини манбавии ҷорикунии стандартҳо; маълумоти меъёрӣ-тавсифии муосири омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ манзур карда шудааст.

Умуман, таҳлили гузаронидашудаи хусусиятҳои салоҳияти касбии омӯзгорони синфҳои ибтидоиро аз рӯи ташаккули маърифатнокии шунавандагон дар асоси мушоҳида ва таҳлил дар раванди такмили ихтисоси омӯзгорон муайян намуд, ки онро бо таври зайл баррасӣ кардан мумкин аст:

1. Ҷиҳатҳои хоси ҳолат ва тамоюли инкишофи касбии дониш ва маҳорати омӯзгори синфҳои ибтидоиро дар ҳамаи гуруҳҳои озмоишӣ;
2. Амалиёти инкишофи салоҳияти касбии омӯзгор дар ташаккули маърифатнокии хонандагон дар раванди курсҳои омодагӣ;
3. Таъсири ҷиҳатҳои гуногуни такмили ихтисос дар раванди инкишофи салоҳияти касбии омӯзгори синфҳои ибтидоӣ;
4. Сатҳ ва хусусияти омодагии омӯзгори синфҳои ибтидоӣ ба ҷорикунии маълумоти соҳибгардида дар фаъолияти касбӣ-педагогии худ;

Таҳлили раванди инкишофи салоҳияти касбии омӯзгори синфҳои ибтидоӣ дар раванди такмили ихтисос оид ба ташаккули маърифатнокии

мактабиёни хурдсол ва натиҷаи он дар асоси коркарди амсилаи модулии сохтаи мо ва баҳогузории ҷараёни он сурат гирифт.

Дар натиҷаи истифодаи он дар “даромад”, яъне дар оғоз ва “баромад”, фарҷоми раванди таълим маълумотҳое сабт гардиданд, ки куллан нишондиҳандаи динамикаи мусбии инкишоф, ҳар ду ҷузъҳои алоҳида ва дар маҷмӯъ салоҳияти касбии омӯзгори синфҳои ибтидоӣ дар ташаккули маърифатнокии хонандагонро дар мактаб тавсиф мекунанд.

Хотиррасон менамоем, ки ҷадвали баҳогузорӣ чунин аст: 3.0-2.6 банди - аломат пурра ифода ёфтааст (сатҳи баланд); 2.5-2.0 хол - асосан (сатҳи миёна); 1,9 хол ва аз он - қисман (сатҳи паст); 0 - аломат мавҷуд нест.

Динамикаи умумии нишондиҳандаи инкишофи қисматҳои салоҳияти касбии омӯзгори синфҳои ибтидоӣ дар раванди озмоиш (куллан дар ҳамаи гуруҳҳо).

**Ҷадвали 6**

| Қисматҳо | То озмоиш | Пас аз озмоиш |
|---|---|---|
| Ангезандагӣ | 2.2 | 2.7 |
| Мазмунӣ | 1.9 | 2.5 |
| Амалиётӣ | 2.1 | 2.4 |
| Бешуурона | 1.9 | 2.2 |
| Интиқодӣ | 2.0 | 2.2 |
| Дар ҷамъ: | 2.0 | 2.4 |

Чи тавре, ки аз ҷадвал бармеояд, то иштироки омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ дар курсҳои такмили ихтисос салоҳиятҳои касбии онҳо аз рӯи меъёрҳои 1,2,3,4,5 аз 0,1% то 0,3% боло рафт, ки дар ҷамъ онро 2% ҳисобидан мумкин аст. Назарпурсӣ, ки аз рӯи анкетаи таҳлилӣ пас аз баромад аз курси шунавандагони такмили ихтисоси омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ (Замимаи 3) аз рӯи меъёрҳои 1,2,3,4,5 гузаронида шуд. Натиҷаи нишондиҳандаи инкишофи қисматҳои салоҳияти касбии омӯзгорони синфҳои ибтидоиро дар расми зер ба таври зайл ифода намудем:




**Диаграммаи 3. Нишондиҳандаи инкишофи қисматҳои салоҳияти касбии омӯзгори синфҳои ибтидоӣ**

Ба шунавандагони курсҳои озмоишӣ дар анкета чунин саволгузорӣ карда шуда буд: «Ба фикри Шумо маълумоти дар курсҳои такмили ихтисос гирифтаатон барои амалишавии фаъолияти Шумо дар ташаккули маърифатнокии хонандагони хурдсол басандагӣ мекунад?». Баъди ҷамъбаст намудани маълумотҳои анкетаи гузаронидашуда, чунин натиҷаҳо рӯи кор омаданд.

Худбаҳодиҳии омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ ба сатҳи дониш (донишҳои дар курсҳо соҳиб гардидаашон) оид ба ташаккули маърифатнокии хонандагон бо %

Ҷадвали 7

| Ҷавобҳо | Бо ҳисоби % |
|---|---|
| Куллан басандагӣ мекунад | 62.7% |
| Дар умум басанда аст | 31.4% |
| Басанда нест | 2.0% |
| Умуман басандагӣ намекунад | 0% |
| Ба ҷавоб душворӣ мекашам | 3.9% |
| Ҳамагӣ: | 100% |

Аз ҷадвал бармеояд, ки қисмати бештари шунавандагон – дар ҷамъ 94,1% маълумоти дар курсҳои такмили ихтисос гирифтаашонро барои амалишавии фаъолият куллан басанда ва ё дар умум басанда арзёбӣ

намудаанд, яъне 62,7% шунавандагон куллан басанда ва дар умум басандагиро 31,4%- и шунавандагон эътироф намудаанд. Ба 2% - и шунавандагон маълумоти дар курсҳои такмили ихтисос ба даст овардаашон басанда набудаасту 3,9% - и онҳо барои ба саволҳои анкета ҷавоб додан душворӣ кашидаанд.

Маълумотҳои дар ҷадвал оварда шуда, аз он шаҳодат медиҳанд, ки сатҳи худбаҳодиҳии омӯзгорон аз дониши ба даст меовардаашон дар курсҳои такмили ихтисос оид ба ташаккули маърифатнокии хонандагон сатҳи хеле баландро нишон дод ва ин маънои онро дорад, ки курсҳои омодагӣ дар ин раванд таъсири мусбиро касб менамояд. Танҳо аз 100 нафари озмудашавандагон 2 нафарашон сифати салоҳияти касбӣ дар ташаккули сатҳи маърифатнокии хонандагонро бо сифати таълим дар курсҳои такмили ихтисос алоқаманд карда наметавонанд.

Ба ҷузъ баҳои холгузорӣ, сатҳи салоҳиятнокии касбӣ дигар намуди муносибат ба ҳисоби индекси сатҳӣ истифода бурда мешавад.

Дар асоси тартиби меъёрҳо ва нишондиҳандаҳо (дар доираи шкалаи баҳогзории муносиб), инчунин бо назардошти аҳамияти индекси сатҳи салоҳияти касбӣ дар дараҷаи дониш аз 0 то 3 (ҳамчун аҳамияти миёнаи арифметикии ҳамаи маълумот дар қисмат, нишондиҳанда, аломатҳои алоҳида ) ҳисоб карда мумкин аст.

Ҷадвали баҳогузорӣ ба таври зерин бояд бошад:

- 3.0-2.6 хол – нишонаи ба пуррагӣ ифода ёфтан аст;
- 2.5-2.0 хол – дар умум;
- 1.9 хол ё поён - қисман;
- 0 – нишоне надорад.

Индекси сатҳи аломат ва ё инкишофи қисматҳои инъикосёфта дар ҷамъи салоҳиятҳои касбӣ ҳамчун баҳогузорӣ миёнаҳисобии ҳамаи баҳоҳои холҳо аз рӯи формулаи зерин ҳисоб карда мешавад.

$$I = \frac{3A+2B+1C+0E}{N(\text{миқдори умумӣ})} \qquad (1)$$

кучо:

A – миқдори омӯзгороне, ки аҳамияти баландтарини аломатро ишора кардаанд;

B – миқдори омӯзгороне, ки аҳамияти аломатро «дар умум» ишора кардаанд;

C – миқдори омӯзгороне, ки аҳамияти аломати «қисман»-ро ишора кардаанд;

E – миқдори омӯзгороне, ки нишонаеро ишора накардаанд;

N —миқдори умумии омӯзгорон (ба тадқиқ фаро гирифташудагон).

Расидан ба комёбии сатҳи назарраси салоҳияти касбии омӯзгори синфҳои ибтидоӣ дар раванди такмили ихтисос оид ба ташаккули маърифатнокии мактабиёни хурдсол, пеш аз ҳама аз ҳисоби нишондиҳандаи баланди қисмати ангезандагӣ (дар маҷмӯъ дар «баромад» 2.7 бал) таркибан имконпазир гардид. Баландшавии кофии нишондиҳандаҳо қайд карда шуд: аз 2.2 то 2.7 бал. Ин нишондиҳандаи баландтарин байни боқимондаҳо, ки динамикаи инкишофи қисматҳои касбиро тавсиф менамоянд. Дар маҷмуъ нишондиҳандаи мазкур талаботи ҳамешагии шунавандагони курсҳоро дар азхудкунии донишҳои нави касбии муосир инъикос менамояд. Махсус бояд зикр намуд, ки дараҷаи зуҳури талаботи маълумотӣ-маърифатии шунавандагони курсҳо аслан бо манфиатҳои касбӣ-фардии онҳо дар бартарафсозии мушкилотҳо дар ташаккули маърифатнокии хонандагони хурдсол мутобиқат менамояд. Чунин вазъият на танҳо ба зуҳуроти ин ё он талабот дар бадастории донишҳои нав мусоидат менамояд, балки ба фаъолгардонии идроки шунавандагон, яъне дарки он ба зарурияти фаъолияти муайяне дар ташаккули маърифатнокии хонандагони хурдсол низ таъсир мерасонад.

Рушди мақсадноки салоҳияти касбӣ дар омӯзиши назария ва амалияи ташаккули маърифатнокӣ ва шавқмандии хонандагони хурдсол ба омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ мусоидат намуд. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки нишондиҳандаи динамикаи инкишофи қисмати мазмунии салоҳияти касбии омӯзгор то курс 1.9 бал ва баъди итмоми курси такмили ихтисос 2.5 балро нишон дод.

Дар нишондиҳандаҳое, ки қисмати ангезандагӣ ва мазмуниро тавсиф медиҳанд, барои мо ҳамон ҳақиқат зарур аст, чун ки бе шавқмандиву ангезандагӣ шунавандагони курс маводу маълумотҳои пешниҳодгардидаро аз худ кардан намехоҳад. Дар ин ҷода шавқ – ҷузъи асосии субъективӣ дар занҷири фаъолияти таълимӣ маҳсуб ёфта, бояд қайд намуд, ки он аз ҳама «пурқувваттарин» ангезанда шуда метавонад. Бе он амали бошууронаи инсон номумкин аст: инсон пеш аз ҳама бояд барномаи тахминии рафторро дошта бошад («манфиати шахсӣ»), ки дар он метавон, амали босабабро (такондиҳанда) – ро интихоб намоед ва дар натиҷа, «ман барои чӣ амал менамоям, ба хотири чӣ», «оё барои ман ин аҳамият дорад»-ро ба худ маънидод намояд.

Қисматҳои ангезандагӣ ва мазмунӣ стратегияи рафтори касбии омӯзгорро муайян менамояд. Бинобар он, дар маҷмуъ қисмати ангезандагӣ бо индекси баландтарин (2,7 бал) ва мазмунӣ (2,5 бал) ба мо имкон медиҳад, ки салоҳияти касбии шунавандагонро дар ташаккули системаи донишҳо, ки ба рушди маърифатнокии хонандагони хурдсол роҳандозӣ карда мешаванд, хулоса бароварда бошем. Динамикаи маълумотҳои мазкур боз аз он ҷиҳат зарур мебошад, ки вай шахсияти омӯзгорро дар раванди такмили ихтисос ташаккул дода, дар фаъолияти ояндаи ӯ инкишофи маърифатнокии хонандагон, манбаъҳои дохилии шахсият мутобиқ ба шароит ва вазифаҳои ин фаъолият ба комёбӣ ва натиҷаи муайян сафарбар мекунад.

Аз он ки дониши омӯзгор ва мувофиқ кардани он ҳамчун шахсияти соҳибкасб зоҳир шавад, бояд он дар раванди фаъолият ташаккул ёфта, ба қисми таркибии он ворид гардад, зеро ба қисматҳои амалиётии салоҳияти

касбии омӯзгор ниҳоятдараҷа зарур асту дар асоси васли даъвою талаботи шахсият пайдо ва дар ин фаъолият иҷро карда мешавад. Дар ҳолати мазкур фаъолияти таълимӣ-маърифатӣ ба раванди такмили ихтисос, на танҳо дар ташаккули дониши омӯзгор, балки азхудкунии тарзи амалишавии онро низ дорад, ба маънои дигар тарзҳои фаъолияти омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ дар ташаккули маърифатнокии хонандагон равона карда мешаванд. Озмоиш бигзор, на он қадар муҳим бошад, ба ҳар ҳол мо ҷараёни мусбати инкишофи амалиётии қисмати аз 2.1 то 2.4 балро соҳиб гардидем.

Дар доираи курсҳои озмоишӣ ҳам динамикаи инкишофи қисматҳои рефлексӣ ва эҷодии салоҳияти касбии омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ ба ҳисоби миёна аҳамияти тағйироти индекс аз 0.25 балро нишон дод. Ин маънои эмперикии нисбатан пасттарро дар доираи нишондиҳандаи озмоиш буд.

Ин вазъият бегуфтугӯ аз як тараф аз душвории ташаккули ҷузъҳои мазкур ва қисматҳои салоҳияти касбии омӯзгор шаҳодат диҳад, аз ҷониби дигар, иқтидори баамалнаомадаи курси такмили ихтисосро инъикос менамояд. Ин ҳолат дар назди ташкилотчиён, омӯзгорон ва методистон ҳадафҳоеро пеш мегузоранд, ки барои ислоҳкунии мазмуни курсҳо ва дарёфти шаклҳо ва методҳои самараноктари ташаккули муносиби дониш ва маҳорати омӯзгорро талаб менамояд.

Ба ҳар ҳол аз ҷониби омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ рефлексияи дониш ва маҳорат, баъдан таҳлили дараҷаи донишҳои соҳибгардида дар курсҳо барои амаликунии фаъолият оид ба ташаккули маърифатнокии хонандагон зарур буда, ба омӯзгор имкон медиҳад, ки имкониятҳои асосии тараққиёти худ ва худинкишофдиҳӣ дар шароити навсозии таҳсилоти ибтидоиро муайян намояд.

Асоси нишондиҳандаҳо ва маънои он, мавқеи омӯзгоронро ҳамчун шунаванда ва зинаи "пурӣ" талабот ва эҳтиёҷоти мувофиқро ифода мекунад, ки хусусият ва ҳадафҳои курсҳоро оид ба инкишофи салоҳияти касбии

омӯзгори синфҳои ибтидоӣ муайян менамояд, ки ба ташаккули маърифатнокии хонандагони хурдсол равона карда мешаванд.

Ҳамин тавр, чи тавре ки натиҷаи тадқиқоти таҷрибавӣ-озмоишии мо нишон дод, дар шароити муосир тағйирот ва инкишофи технологияҳои нав, шакл ва усули корҳо, талабот ба донишҳои нав ва шавқи касбӣ ба инкишофи салоҳияти худ дар ташаккули маърифатнокии хонандагонро аксари омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ ҳис менамоянд.

Аз ин нишондиҳандаи баланди индекси қисмати ангезандагӣ (2.7) шаҳодат медиҳад, ки аз тамоюли омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ ба инкишофи касбӣ сухан карда, мақсади мустаҳками мусбӣ дорад, аммо тамоюли манфӣ андаке ночиз намоён мешавад.

Бо вуҷуди ин, ин танҳо тамоюле ҳаст, ки ҳатман бояд аз рӯи қувваи рафтори мақсаднок ва тарзҳои амалишавии амсилаи фаъолияти касбӣ-педагогии омӯзгор дар ташаккули маърифатнокии хонандагон пурқувват гардад.

Маълумотҳои тадқиқот собит менамояд, ки самаранокии инкишофи салоҳияти касбӣ дар он омӯзгорон бештар буд, ки ба хусусияти тартибии фаъолияти касбӣ-педагогии худ истифодаи технологияҳои педагогии инноватсиониро авлотар медонистанд.

Ташаккули дониши технологияи инноватсионӣ дар раванди омӯзиши шунавандагон аз рӯи интихоби курси махсус “Технологияҳои муосири педагогӣ дар мактаби ибтидоӣ. Ҷорикунии технологияҳои таълимӣ ба раванди таълим ва тарбияи таҳсилоти ибтидоӣ” гузаронида шуд.

Шунавандагон технологияҳои педагогии навро дар раванди лексия ва машғулиятҳои амалӣ чун “Технологияи педагогӣ: сифати беҳтарин”, “Хусусиятҳои дарси муосир дар мактаби ибтидоӣ”, “Ташкили ҳамкории муколамавии омӯзгор ва хонанда”, “Технологияи тартиб ва гузориш додани дарси муосир”, конференсияи илмӣ-амалие, ки ба раванди такмили таҳсилоти ибтидоӣ бахшида мешаванд, омӯхтанд. Динамикаи омодагии омӯзгорон дар истифодаи технологияи инноватсиониро дар раванди ташаккули

маърифатнокии хонандагон мо бо нишондиҳандаи иштироки онҳоро дар озмунҳои ҷумҳуриявии “Фурӯғи субҳи доноӣ”, “Донояк” ва “Тоҷикистон-ватани азизи ман”, ки ҳамасола сар то сари ҷумҳурӣ гузаронида мешавад, алоқаманд намудем.

Таҳлили таҷрибавии амаликунии амсилаи модулии инкишофи салоҳияти касбии омӯзгори синфҳои ибтидоӣ дар ташаккули маърифатнокии хонандагон ба мо имкон дод, ки дар ҳошияи шароитҳои педагогӣ як қатор вазъиятҳои умумипедагогиеро муайян намоем, ки барои ангезонидани шунавандагони курсҳои такмили ихтисос, аз рӯи ақидаи худи онҳо, такони ҷиддие медиҳад:

1. Шакл ва методҳои ғайрианъанавии гузориши маводҳо, гузаронидани шаклҳои фаъоли машғулиятҳо, аз ҷумла семинар, бозиҳои расмии тақлидӣ, машғулиятҳои амалӣ, тренингҳо, амсиласозии дарсҳо, иштирок дар “мизҳои гирд” ва конфронсу тадқиқотҳои хурд;
2. Пурзӯр намудани ҷанбаъҳои амалии ҳамаи машғулиятҳо, яъне пазироӣ танҳо ёрӣ ба шунаванда дар бартарафкунии душвориҳои аниқу воқеан муҳим, проблемаҳои амалӣ;
3. Пазироӣ дар сохти машғулиятҳо ва пурра намудан ва ё тағйироти мундариҷаи дониши назариявӣ аз рӯи фанҳо, дар соҳаи методика, технология, ташаккули маҳорати рефлексивӣ, пурзӯркунӣ ва васеъ намудани маълумоти педагогӣ-психологӣ аз рӯи назария ва методикаи инкишофи қобилиятҳои шахсият;
4. Пурзӯр намудани алоқаи раванди натиҷаҳои таълим дар низоми такмили ихтисос бо фаъолияти иҷтимоӣ–касбии омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ (аттестатсия, инкишофи касбӣ, озмунӣ, фаъолияти грантӣ)

## Хулосаи боби дуввум

Низоми муосири такмили ихтисос бо ҷалби омӯзгорони соҳибкасбу соҳибтаҷриба дар эҷоди барномаҳои рушди касбӣ, аз таҳияи мазмуну мундариҷаи раванди такмили ихтисос (ба эътиборгирии мушкилоти гуногуни

фаъолияти педагогӣ), аз огоҳии касбии омӯзгорон, вазъи умумии муассисаи таълимӣ ва назорати маҳорату малакаҳои нави касбӣ-педагогӣ дар таълими фанҳо судманд буда метавонад. Ин муносибат ба омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ имкон медиҳад, ки дар татбиқи донишҳои назариявии хонандагон дар ташаккули тафаккурашон, аз иҷрои корҳои таҳқиқӣ, лоиҳавӣ, эҷодӣ, созандагӣ, идоракунӣ ва ғайра бештар истифода баранд.

Зеро, муваффақияту комёбии хонандагони синфҳои ибтидоӣ ба натиҷаи таълиму тарбия дар муносибатҳои иҷтимоӣ, шахсӣ, маърифатӣ, коммуникативии инкишофи онҳо дар ҳошияи стандарти давлатии таҳсилот таъмин гардида, вазифаву мароми асосии фаъолияти методии омӯзгори синфҳои ибтидоӣ маҳсуб меёбад, ки самарабахшии кори он бештар аз сифати такмили ихтисоси онҳо вобастагӣ дорад.

Худомӯзиву худинкишофдиҳии омӯзгор вобаста ба мавқеи иҷтимоӣ-касбии ӯ, аз манбаи илмӣ, методӣ, адабӣ, оммавӣ, матбуоти даврӣ, мушоҳида, таҷриба ва амалия ибтидо гирифта, дар шакли таҷрибаи андӯхтаи иҷтимоӣ мазмун пайдо мекунад.

Маълуми ҳамагон аст, ки дар ҷараёни истифодаи дурусти усулҳои фаъоли таълим, ба монандӣ: тренингҳо, барномагузорӣ, таълими компутерӣ, баҳсҳои таълимии гуруҳӣ, усули кейс, бозиҳои расмӣ ва нақшофарӣ мо муносибати ангезандагии омӯзгор ташаккул дода, ба ӯ имконият медиҳем, ки аз раванди такмили ихтисос ва бозомӯзӣ соҳиби салоҳиятҳои касбӣ гардад.

Маълум гардид, ки баҳри ангезонидан ва баландбардории такмили ихтисоси омӯзгор истифодаи тавсияи талаботҳои дидактикӣ ба ӯ амалан фаҳмо бояд бошад, зеро он барои меъёри арзёбии фаъолияти омӯзгор хидмат мекунад.

Дар ин росто, амаликунии амсилаи модулии инкишофи салоҳияти касбии омӯзгорон дар ташаккули маърифатнокии хонандагони хурдсол дар низоми такмили ихтисос аз рӯи маҷмӯи шароитҳои педагогӣ ноил гардидан мумкин аст. Шароитҳои педагогӣ ба ташкили муҳити таълимии фаъоли маърифатӣ- омӯзишӣ, ки дар асоси истифодабарии методҳои фаъол ва

технологияҳои инноватсионии таълим дар ҳошияи талаботҳои тартибӣ, салоҳиятӣ ва муносибати фардӣ-фаъолиятӣ равона карда мешаванд.

Баҳри ташкил ва бознамоии тамоюли эҷодии вазъияти проблемавӣ, вазъи педагогӣ, ки ба шунавандагони курс шахсан аҳамият дораду барои аз як дараҷаи инкишофи касбӣ ба каме баландтар гузаштан баромад менамояд. Дар ин ҳол гуногунрангии шакли ташкилии ҳамкории таҷрибаи фаннӣ ва фардӣ дар доираи курсҳои такмили ихтисос бо мазмун ва тарзи махсуси масъалагузорӣ ва ба бартарафкунии вазифаҳои эҷодии нақшаи таълимӣ-мавзӯӣ маънидод карда мешавад, ки нишони инкишофи салоҳияти касбии омӯзгори синфҳои ибтидоиро дар ташаккули маърифатнокии хонандагони хурдсол дорост.

Санҷиши таҷрибавӣ-озмоишии амсилаи модулии инкишофи салоҳияти касбии омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ дар ташаккули маърифатнокии хонандагон ва шароитҳои педагогӣ ва вазифагузории онҳо барои коркард ва тасдиқи курсҳои мувофиқи такмили ихтисос, маҷмӯи чорабиниҳои таълимӣ, ҳамчунин ташхиси натиҷаи онҳо дар маҷмуъ гипотезаи дар аввали тадқиқот гузоштаи моро тасдиқ намуд. Кори озмоишӣ хусусияти воридкунии инкишофи салоҳияти касбии омӯзгорони синфҳои ибтидоиро таъмин намуд.

Дар маҷмуъ, дар гуруҳҳои озмоишӣ афзоиши мутобиқшавӣ ва зудҳаракатӣ нишон дода мешавад, ки он ҳам дар мушоҳидаҳои коршиносон ва ҳам дар назарсанҷии бо шунавандагони курс гузаронидаамон инъикос ёфтааст. Дар марҳилаи байникурсии омӯзгорони мушоҳидагардида, фаъолияти баланди иштироки онҳо дар озмуну лоиҳаҳои ҷумҳуриявию минтақавӣ бештар қайд гардиданд. Ҳамаи ин дар якҷоягӣ тасдиқи объективӣ ва воқеияти раванд ва натиҷаи таҳқиқоти мазкур мебошад.

## ХУЛОСА

Мусаллам аст, ки ҷомеаи имрӯза ниёз ба дониш, маҳорат, малака, маданият ва шахсият, ҳамҷоя бо омодагии касбӣ, равонӣ ва педагогии омӯзгори синфҳои ибтидоӣ дорад. Такмили ихтисоси омӯзгори синфҳои ибтидоӣ дар асоси хусусиятҳои ҷустуҷӯии ӯ, қонеъ гардонидани талабот ба худтакмилдиҳӣ, саъю кӯшиши ӯ дар ҷодаи муносибат бо ҳамкасбон, омӯзиши таҷрибаи пешқадами дигар омӯзгорон, таъмини имконияти воқеии амаликунии худ ҳамчун мутахассис ва шахсиятро ташаккул медиҳад, ба роҳ монда мешавад. Бо ибораи дигар такмили ихтисос ва ё худтакмилдиҳии омӯзгор - равиши ҳатмии таъмини мутобиқатии касбии ӯ ба сатҳи муосири илму инноватсия ва иқтисодиёту иҷтимоиёт эътироф карда шудааст.

Маълуми ҳамагон аст, ки ҳар як шахс бо шавқу завқ ва ангезаву ҳавасмандии хоса барои бардоштани сарбории кории вазнин ва дар нишон додани натиҷаҳои назарраси фаъолияти худ қодир аст. Ин ҳолат танҳо он вақт имконпазир мегардад, ки инсон касби худро дӯст дорад ва шавқу ҳавасу ангезаи касбӣ дошта бошад.

Инчунин дар асоси назарияҳои таъкидгардида барои таваҷҷуҳи бештар, ҷолибгардонии кор ва самарабахшу мувофиқ ба талаботҳо гардидани раванди таълим асосан ду омил нақши муҳим дорад: якум ангеза ё худ ваҷҳи махсус, ки инсон онро барои ба мақсад расидан муайян мекунад ва дуюм сатҳу сифати фаъолнокӣ, ки он ҳам аз ҷиҳати руҳиву равонӣ ва ҳам аз ҷиҳати ҷисмонӣ ба даст меояд.

Қайд кардан ба маврид аст, ки омӯзгор дар асоси худтакмилдиҳиву худинкишофдиҳӣ салоҳияти касбии назаррасро соҳиб мегардад, ки дар ниҳояти кор ба фаъолияти низ ӯ самараи дилхоҳ медиҳад.

Маданияти ҳиссии инсон аз нигоҳи равоншиносон: худдарккунӣ, худидоракунӣ, худангезонидан, эмпатия дастабандӣ шудааст, ки таҷдиди ин сифатҳо дар ташаккули ангезандагии такмили ихтисоси омӯзгорон нақши муассир дорад. Дар натиҷаи таҳлилҳо маълум гардид, ки самаранокии

фаъолияти омӯзгор на танҳо аз кӯшишу шавқу ҳаваси ӯ, балки он ба қобилияту касбият вобастагӣ дошта, аз ҳама беш, муҳити корӣ дар ин ҷода нақши бузург мебозад.

Қайд кардан ба маврид аст, ки дар кори таҳқиқотии мо моҳияти муносибати ангезандагии такмили ихтисоси омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ муайян карда шуда, имкониятҳои педагогию асоснокнамоии муносибатҳои ангезандагӣ дар он аз ҷиҳати назариявӣ, ба чунин хулоса омадем, ки дар натиҷаи истифодаи босамари усулҳои фаъоли таълим, муносибати ангезандагии омӯзгор ташаккул ёфта, ӯ имкон пайдо мекунад, ки аз такмили ихтисос ва бозомӯзӣ салоҳиятҳои касбиро ба даст орад.

Муносибати дақиқбинонаи омӯзгори синфҳои ибтидоӣ, нақши маҳорати таълимӣ дар ҳалли проблемаҳои актуалии таълими муосир чун унсури мазмуннокӣ, амалиётиву креативнокиро барои ном гирифтани муносибати ангезандагӣ ҷоиз аст.

Инчунин, дар доираи баррасии паҳлуҳои гуногуни равишҳо ва технологияҳои мукаммалгардонии сифати такмили ихтисоси омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ маълум гардид, ки проблемаи муносибати ангезандагии омӯзгорон ба фаъолияти таълимӣ-методӣ бо ҷорӣ намудани Стандарти давлатии таҳсилоти муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ вобастагии зич дорад. З-ин сабаб, муваффақияту комёбиҳои муҳассилини хурдсол самаранокии таълиму тарбия дар инкишофи иҷтимоӣ, шахсӣ, маърифативу робитаи онҳо дар ҳошияи таъмини нишондодҳои стандарти давлатии таҳсилот, ки ҳадафи аввалиндараҷаи кори методии омӯзгори синфҳои ибтидоӣ ба ҳисоб рафта, он танҳо аз сифати такмили ихтисоси онҳо вобастагӣ дорад.

Барои он, ки инкишофи салоҳияти касбии омӯзгори синфҳои ибтидоӣ хусусияти ташкилиро касб намояд, омӯзгор бояд бештару пештар моҳият ва маънои фаъолияти худро дар ташаккули маърифатнокии хонандагони хурдсол таъмин намояд, ҷузъан онро ба фаъолияти ангезандагӣ ва рафтори фаъолнокӣ табдил намояд. Омӯзгор марҳалаи нави таълими босифатро тай

намуда, имконияту иқтидори касбии худро баланд ва вежагиҳои тахминии сифати барангезандаи худро дар раванди такмили ихтисос соҳиб мегардад.

Инчунин ташкил, таҳлил ва кушода додани тамоюли эҷодии вазъияти проблемавӣ, педагогӣ ва муайян кардани равишҳои истифодаи он барои аз як дараҷаи инкишофи касбӣ ба дараҷаи баландтар гузаштани шунавандагони курси такмили ихтисос хеле судманд мебошад. Дар ин ҳол гуногунрангии шакли ташкилии ҳамкории таҷрибаи фаннӣ ва фардӣ дар доираи курсҳои такмили ихтисос бо мазмун ва тарзи махсуси масъалагузорӣ ва бартарафкунии вазифаҳои эҷодии нақшаи таълимӣ-мавзӯӣ маънидод карда мешавад, ки ба нишони инкишофи салоҳияти касбии омӯзгори синфҳои ибтидоӣ дар ташаккули маърифатнокии хонандагони хурдсол дорост.

Дар ин росто, қайд намудан ба маврид аст, ки ворид намудани низоми салоҳиятнокӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҷрибаву фаъолияти муосири такмили ихтисоси омӯзгорони синфҳои ибтидоиро инъикос менамояд ва бештар дар ин курсҳо аз методҳои фаъоли таълим ба таври возеҳ истифода мебаранд, ки маъмултарини онҳо: тренингҳо, барномагузорӣ, таълими компютерӣ, баҳсҳои таълимии гуруҳӣ, усули кейс, бозиҳои расмиву нақшофарӣ номбар намудан аз манфиат холӣ нест ва ҳамаи ин усулҳо дар боби мазкур аз рӯи самту мазмуни асосӣ дар таҷрибаи такмили ихтисоси омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ мавриди тадқиқу корбарӣ қарор дода шудааст.

Ҳамчунин, пас аз ба низом даровардан ва ҷорӣ намудани усулҳои фаъоли таълим дар ҷараёни такмили ихтисос чор қадами самараноки фардикунонии такмили ихтисоси худи омӯзгор манзур карда шуд:

- механизми татбиқи принсипи фардикунонии ҷараёни таълим ҳамчун барномаи инфиродии таълими такмили ихтисос интихоб карда шуд.
- амсиласозии барномаи фардии такмили ихтисоси омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ, ки метавонад як барномаи иловагии касбӣ дар асоси фардикунонии мундариҷаи он бо назардошти хусусият ва талаботҳои таълимии хонандаеро таъмин кунад.

– коркарди машғулиятҳо барои омӯзгорон, ки он аз боз намудани мафҳуму аҳамиятҳои таълими фардии барномаҳо ва фардикунонии такмили ихтисос, ҳамчун ҳолат ва воситаи таъмин намудани амаликунии талаботҳои шахсӣ ва касбии хонандагон дар рафти такмили ихтисос маҳсуб меёбад.

Дар рафти кори таҳқиқоти фарзияи он аз ҷиҳати илмӣ ва таҷрибавӣ бо чунин нуктаҳо тасдиқ карда шудааст: иштироки омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ дар шаклу намудҳои интерактивии (таҳқиқот, нақшофарӣ, эҷодӣ, иттилоотӣ ва ғайра) омӯзишиву таълимӣ таъмин бошад, ба рушди салоҳияти хонандагон ва ташкили ҳамкорӣ роҳандозӣ гардида, баъд аз он сатҳи омодагӣ ба ташаккули тафаккури пурсамари хонандагони хурдсолро мусоидат мегардад, зеро он барои фаъолияти эҷодии омӯзгорӣ шароити иловагӣ фароҳам меоварад.

Дар диссертатсия методологияи муносибати ангезонидани такмили ихтисоси омӯзгорон, ташаккули сифатҳои педагогӣ барои татбиқи рушди таҳсилот ошкор карда шудааст.

Ҳамин тавр, тадқиқотҳои гузаронидаи мо, ки тавассути барномаи курси махсус “Муносибати ангезандагии такмили салоҳияти касбии омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ дар мактаби муосир”, ки дар раванди такмили ихтисос ва бозомӯзӣ ба роҳ монда шуд, дар ниҳоят таҳлили хусусиятҳои салоҳияти касбии омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ аз рӯи ташаккули маърифатнокии хонандагон дар асоси мушоҳида ва таҳлил дар раванди такмили ихтисоси омӯзгорон чунин натиҷа дод:

1. самтҳои махсуси тамоюли инкишофи касбии дониш ва маҳорати омӯзгори синфҳои ибтидоӣ дар курсҳои такмили ихтисоси онҳо дар ҳамаи гурӯҳҳои озмоишӣ таъмин гардид;
2. амалиёти инкишофи салоҳияти касбии омӯзгор дар ташаккули маърифатнокии хонандагон дар раванди курсҳои омодагӣ ба назар расид;

3. сатҳ ва хусусияти омодагии омӯзгори синфҳои ибтидоӣ ба ҷорикунии маълумоти соҳибгардида дар фаъолияти касбӣ-педагогии худ баланд карда шуд;

Натиҷаи раванди инкишофи салоҳияти касбии омӯзгори синфҳои ибтидоӣ дар раванди такмили ихтисос оид ба ташаккули маърифатнокии мактабиёни хурдсол ва натиҷаи он дар асоси коркарди амсилаи модулии сохтаи мо ва баҳогузории ҷараёни он сурат гирифт.

Корҳои таҷрибавии гузаронидашуда имкон доданд, ки дар ташаккули муносибати ҳавасмандгардонӣ дар такмили ихтисоси омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ дар низоми муосири маориф ***чунин тавсияҳо дода шаванд:***

- Лексикаи калидии муассисаҳои такмили ихтисос барои вазифагузории низоми пайвастаи таълими касбӣ як қатор мафҳумҳои чун: "худшиносӣ", "худидоракунӣ", "худташкилкунӣ", "худфаъолиятӣ", "худназоратӣ", "худинкишофдиҳӣ" ва ғайраро муайян намудааст, ки онҳо барои шаклгирии муносибати ангезандагӣ ба омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ муосидат менамояд. Аз ин рӯ, баҳри худидоракунӣ, сатҳи баланди қобилияту салоҳиятҳои касбии омӯзгор, ки олитарини он худинкишофдиҳӣ аст, баҳри ташаккули муносибати ангезандагӣ дар такмили ихтисос истифода бурдан мумкин аст.
- Омӯзгорони соҳибтаҷрибаи синфҳои ибтидоиро ба ҳайси тренер омода карда шуда, дар минтақаҳо ҳамчун лектор ба курси такмили ихтисос даъват карда шаванд, барои ҳавасмандсозӣ ва ангезиши онҳо ба худтакмилдиҳиву худинкишофдиҳӣ мусоидат намудан мувофиқи мақсад аст.
- Дарсҳои намунавии омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ ба тариқи видеодарсҳо сабт карда шуда, дар курсҳои такмили ихтисос, шабакаҳои телевизионии маҳаллӣ ба намоиш гузошта шаванд, эҷодкориву худталқиндиҳии омӯзгорон ба маротиб меафзояд.
- Дар сатҳи минтақавӣ, ҳамчун як қисми модернизатсияи низоми такмили ихтисос, амсилаҳои тағйирёбандаи таълими такмили ихтисос бояд бо

назардошти хусусиятҳои минтақа: рушди иҷтимоию иқтисодӣ, мавҷудияти захираҳои инсонӣ, талаботҳои низоми маориф ва аҳолӣ, мавҷудияти майдонҳои инноватсионии пилотӣ ва монанди инҳо таҳия карда шаванд.

- Ҷалби таҷрибаҳои омӯзгорони пешқадам бо шароити фароҳам дар паҳнкунии васеи таҷриба; ташкили механизми шабакасозии ҷорӣ намудани таълим дар такмили ихтисос; манзур намудани дастгирии илмӣ, методологӣ ва равонӣ ба омӯзгорони беҳтарин аз нуқтаи назари ҷамъбасти пурмаҳсули таҷриба, шаклҳои муаррифии он ва технологияҳои педагогӣ.

Таҳқиқоти гузаронидашудаи мазкур ба ҳалли кулли муаммои вобаста ба муносибати ангезандагӣ ба такмили ихтисоси омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ дар низоми муосири маориф даъво намекунад.

Дар дурнамо бояд ба таҳқиқи шароитҳои педагогии муносибати ангезандагӣ ба такмили ихтисоси омӯзгорони фанҳои дигари таълимии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бояд рӯ овард.

# РӮЙХАТИ АДАБИЁТ


1. Акобиров Ш.З. Системаи модулӣ, кредитӣ ва фосилавӣ дар такмили ихтисос. Ташаккули системаи миллии такмили ихтисоси кормандони соҳаи маориф. - Душанбе:«Империал-Групп». -2016. - С.83-88.
2. Аминов, Н. А. Диагностика педагогических способностей [Текст] / Н.А.Аминов. - Москва - Воронеж: Институт практической психологии, 1997. -80 с.
3. Ананев, Б. Г. Избранние психологические труди [Текст]: в 2-х т. / Б. Г. Ананев. - М.: Педагогика, 1980. - 489 с.
4. Ананев, Б. Г. О проблемах современного человекознания [Текст] / Б. Г. Ананев. - М.: Наука, 1999. - 304 с.
5. Андреев, В. И. Диалектика воспитания и самовоспитания творческой личности [Текст] / В. И. Андреев. - Казан: КГУ, 1998. - 236 с.
6. Андреев, В. И. Педагогика творческого саморазвития. Инновационний курс. Книга2. /В. И. Андреев. - Казан: Издателство КГУ, 1998. - 320 с.
7. Анисимов, О. С. Методологическая парадигма (опит ММПК) / О. С. Анисимов. — М. 2007.
8. Анисимов, О. С. Рефлексия и методология / О. С. Анисимов. — М., 2007.
9. Антропова, Л. И. Социалние проблеми самореализации личности [Текст] : автореф. дис. канд. пед. наук / Л. И. Антропова. - Ростов - н/Д, 1980. -21 с.
10. Аршинов, В. И., Усманова М. Ю. Идеи синергетики и теория воспитателних систем [Текст] / В. И. Аршинов, М. Ю. Усманова // Моделирование воспитателних систем: теория - практике / Под ред. Л. И. Новиковой, Н. Л. Селивановой. - М., 1995. - С. 35-42.
11. Асмолов, А. Г. Културо-технология и конструирование миров [Текст] / А. Г. Асмолов. - М.: Институт практической психологии, Воронеж: НПО МОДЭК, 1996. - 768 с.
12. Асмолов, А. Г. Психология личности [Текст] / А. Г. Асмолов - М.: Изд-во МГУ, 1990. - 367 с.

13. Атутов, П. Р., Будаева, М. М. Методологические проблеми национално-регионалного образования [Текст] / П. Р. Атутов, М. М. Будаев // Педагогика. - 2001. - №2. - С. 25-32.
14. Атахонов Т., Лутфуллоев М., Шарипов Ф.. Педагогические очерки (учебное пособие). - Душанбе: Маориф, 2005. - 224 с.
15. Афанасева Т.П., Немова Н.В. Профессионал ное развитие кадров муниципалной системи образования. Книга 1. - М.: АиК иПРО. 2004. – 116 с.
16. Бабанский, Ю. К. Проблеми повишения эффективности педагогических исследований [Текст] / Ю. К. Бабанский. - М.: Педагогика, 1982. - 192 с.
17. Бабанский, Ю. Н. Избранние педагогические труди [Текст] / Ю. Н. Бабанский. - М.: Педагогика, 1975. - 368 с.
18. Балашов, М. М., Лукянова, М. А. Готовност учителя к инновационной деятелности в образовании [Текст] / М. М. Балашов, М. А. Лукянова М. А. // Наука и школа. - 1999. - № 4. - С. 9-13.
19. Баранов, Е. В. К вопросу о самореализации личности [Текст] / Е. В. Баранов // Личност и обшество: сб. науч. тр. / - М., 1990. - С. 39-47.
20. Барномаи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020. - Душанбе,
21. Барномаи давлатии ислоҳот ва рушди соҳаи таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2020, Душанбе, 2012, №200
22. Батишев, Г. С. Философско-методологические идеи в концепции человека С. Л. Рубинштейна [Текст] / Г. С. Батишев // Философские науки. - 1990. -№ 5. - С. 32 - 44.
23. Бахир В.К. Совершенствование курса дидактикӣ в ВУЗ-е при подготовке учителя началних классов // Совершенствование профессионалной подготовки студентов педвуза. – Иркутск: ИГПТ, 1995. – 182с. –С114.
24. Бахтин, М. М. Эстетика словесного творчества [Текст]. М.М. Бахтин / - М., 1979. -412 с.

25. Белкин, А. С. Педагогический мониторинг образователного процесса [Текст] / А. С. Белкин, В. Д. Журавлев. - Екатеринбург, 1997. - 176 с.
26. Белкин, А. С. Компетентност. Профессионализм. Мастерство. [Текст] / А. С. Белкин. - Челябинск, 2004. - 345 с.
27. Бердяев, Н. А. Самопознание [Текст] / Н. А. Бердяев. - М.: Книга, 1991. - 446 с.
28. Бережнова, Е. В. Формирование методологической култури учителя [Текст] / Е. В. Бережнова // Педагогика. - 1996. - № 4. - С. 14-18.
29. Бернс, Р. Развитие Я-концепции и воспитания [Текст] / Р. Бернс. - М.: Прогресс, 1986. - 416 с.
30. Бим-Бад, Б. М. Антропологическое основание теории и практики современного образования. Очерк проблем и методов его решения [Текст] / Б. М. Бим-Бад. -М.: РОУ, 1994. - 36 с.
31. Боголюбов, В. И. Педагогическая технология: эволюция опита [Текст] / В. И. Боголюбов // Советская педагогика. - 1991. - № 9. - С. 118-129.
32. Бодалев, А. А. Психологические условия гуманизации педагогического мишления [Текст] / А. А. Бодалев // Советская педагогика . – М., 1990. - №2. - С. 65-71.
33. Божович, Л. И. Избранние психологические труди. Проблеми формирования личности [Текст] / Л. И. Божович. - М.: МПА, 1995. - 212 с.
34. Божович, Л. И. Проблеми формирования личности [Текст] / Л. И. Божович, Д. М. Фелдштейн. - Воронеж: НПО МОДЭК, 1999. - 352 с.
35. Болотов, В. А., Исаев, Е. И., Слободчиков, В. И. и др. Проектирование профессионалного педагогического образования [Текст] / В.А. Болотов, Е.И. Исаев, В. И. Слободчиков // Педагогика. - 1997. -№ 4. - С. 62-69.
36. Бондаревская, Е. В. Введение в педагогическую културу [Текст] / Е. В. Бондаревская. - Ростов н/Д: Учител, 1996. - 186 с.
37. Бондаревская, Е. В. Гуманистическая парадигма личностно ориентированного образования [Текст] / Е. В. Бондаревская // Педагогика. -1997. -№4. -С.19-24.

38. Бондаревская, Е. В. Педагогика: личност в гуманистических теориях и системах воспитания [Текст] / Е. В. Бондаревская, С. В. Кулневич. - Ростов н/Д: Учител, 1999. - 560 с.
39. Булбулов Ҷ. Такмили ихтисоси омӯзгорон: воқеият, махсусият ва андешаҳо. – Душанбе: “Ирфон”, 2011. -С.19.
40. Варламова, Е. П., Степанов, С. Ю. Рефлексивная диагностика в системе образования [Текст] / Е. П. Варламова, С. Ю. Степанов // Вопроси психологии. - 1997. - № 5. - С. 28-43.
41. Виленский, М. Я., Мешерекова, Е. В. Образователное пространство как педагогическая категория [Текст] / М.Я. Виленский, Е.В. Мешерекова // Педагогическое образование и наука. - 2002. - №2. - С. 8-12.
42. Вудкок М., Фрэнсис Д. Раскрепошенний менеджер // Пер. с англ. - М.: “Дело”, 1994. - 320 с.
43. Виготский, Л. С. Проблеми обшей психологии [Текст] / Л. С. Виготский, В. В. Давидов. - М.: Педагогика, 1982. - 360 с.
44. Гершунский, Б. С. Философия образования для XXI века (В поисках практико-ориентированних образователних концепций) [Текст] / Б. С. Гершунский. - М.: «ИнтерДиалект+», 1997. - 697 с.
45. Горячева, Е. И. Идея самоактулизации в гуманистической психологии и ее реализации в педагогической практики [Текст]: автореф. дис. канд. пед. наук / Е. И. Горячева. – М., 1996. - 20 с.
46. Гребёнкина, Л. К. Формирование профессионализма учителя в системе педагогического образования [Текст]: автореф. докт. пед. наук / Л.К. Гребёнкина; М., 2000. - 34 с.
47. Грибов, Ю. А. Психолого-педагогические условия развития творческого самовиражения учашихся и учителей [Текст] / Ю. С. Грибов // Вопроси психологии. - 1989. - №2. - С. 23-27.
48. Губанова Е.В., Савиних Г.П. Дополнителние профессионалние программи: функционално-компетентностний подход к оценке // Современное дополнителное профессионалное педагогическое образование [Сетевой журнал]. -М.: АПК и ППРО, 2015. – Вип. 4. -С.69-80.

49. Давидов, В. П., Рахимов, О. Х. Теоретические и методологические основи моделирования процесса профессионалной подготовки специалиста [Текст] / В. П. Давидов, О. Х.-А. Рахимов // Инновации в образовании. - 2002. - №2. - С. 62-67.
50. Дахин, А. Н. Модели откритой образователной системи [Текст] / В. А. Дахин // Школние технологии. - 1999. - № 1-2. - С. 105-111.
51. Дементев, А. В. Диагностика способностей и личностних черт учашихся в учебной деятелности [Текст] / А. В. Дементев. - Саратов, 1989. - 126 с.
52. Демин, В. А. Профессионалная компетентност специалиста: понятие и види [Текст] / В. А. Демин // Стандарти и мониторинг в образовании. - 2000.-№ 4. -С. 35-37.
53. Деркач, А. А. Методолого-прикладние основи акмеологических исследо-ваний [Текст] / А. А. Деркач. - М., 2000. - 204 с.
54. Демидова, Т. Е. Подготовка будуших учителей к формированию обшеучебних умений у младших школников [Текст] / Педагогика // 2004. - №8. -С.57-63.
55. Додонов, Б. И. Эмоции как ценност [Текст] / Б. И.Додонов. - М., 1978. - 179с.
56. Духова, Л. И., Подимова, Л. С. Профессионално-педагогическая култура и субкултура учителя [Текст] / Л. И. Духова, Л. С. Подимова // Педагогическое образование и наука. - 2004. - № 4. - С.22-27.
57. Загвязинский, В. И. Методология и методика дидактического исследо-вания [Текст] / В. И. Загвязинский. - М.: Педагогика, 1981. - 160 с.
58. Закирова, А. Ф. Понятийная база современной педагогики [Текст] / А. Ф. Закирова // Педагогика. - 2001. - № 7. - С. 7-12.
59. Занков, Л. В. Избранние педагогические труди [Текст] / Л. В. Занков. -М.: Новая школа, 1996,р - 432 с.
60. Зеер, Э. Ф., Романцев, Г. М. Личностно-ориентированное профессионал-ное образование [Текст] / Э. Ф. Зеер, Г. М. Романцев // Педагогика. - 2002. - №3. - С. 16-21.

61. Зенович, Е. С. Интеграция [Текст] / Е. С. Зенович // Словар иностранних слов и виражений. - М., 1998. - С. 185.
62. Зимняя И.А. Педагогическая психология. Учебное пособие – «Феникс». Ростов-на-Дону, 2009 г. – С.460.
63. Илларионова, Л. П. Формирование духовной култури учителя в системе непреривного педагогического образования [Текст] / Л. П. Илларионова // Педагогическое образование и наука. - 2004. - №4. - С. 11-15.
64. Илин Е.П. Мотивация и мотиви [Текст] / Е. П. Илин. - СПБ.: Питер, 1999.-512 с.
65. Исаев И.Ф. Профессионално-педагогическая култура преподавателя как условие модернизации педагогического образования [Текст] / И. Ф. Исаев // Педагогическое образование и наука. - 2004. - №5. - С. 16-21.
66. Исаев И.Ф. Сушност и основние тенденции формирования профессионално - педагогической култури [Текст] / Профессионално - педагогическая култура; история, теория, технология // Исаев И. Ф. - Белгород, 1996.-С.23-38.
67. Исламшин Р.А. Научние основи функционирования системи непреривного образования педагогических кадров в национално-регионалних условиях [Текст] / Р.А. Исламшин. - М.: Наука, 1996. - 345 с.
68. Кан-калик, В.А., Никандров Н.Д. Педагогическое творчество [Текст] / В. А.Кан-калик, Н. Д. Никандров. - М.: Педагогика, 1990. - 141 с.
69. Кан-Калик, В.А. Педагогическая деятелност как творческий процесс [Текст]: автореф. дис. докт. психол. наук / В. А. Кан-Калик: - Л., 1985. - 36 с.
